Э. Сариқов, Б. Ҳайдаров

# АСОСҲОИ ДОНИШИ ИҚТИСОДӢ

# 9

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тавсия кардааст

*Нашри чорум*




ТОШКАНД–2019

http://eduportal.uz

УЎК 37.015.6(075)
ББК 65.01я7
С-32

http://eduportal.uz

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика ба иҷора чоп гардидааст.**

© Нашриёти шакли «Huquq va Jamiyat» ҶММ, 2019

ISBN 978-9943-07-313-5

# МУНДАРИЧА

Нишондодҳои умумӣ оид ба истифодаи китоб ........ 5

## Боби I. Тадбиркорӣ ва истеҳсолот

*Мавзӯи 1.* Тадбиркорӣ ........ 8
*Мавзӯи 2.* Фирма ва намудҳои он ........ 12
*Мавзӯи 3.* Ҷамъияти саҳҳомӣ ........ 16
*Мавзӯи 4.* Ташкил кардани фирма ........ 21
*Мавзӯи 5.* Маблағҳо ва хароҷотҳои фирма ........ 25
*Мавзӯи 6.* Даромади умумӣ, фоида ва зарар ........ 29
*Мавзӯи 7.* Таҳлили фаъолияти иқтисодӣ ........ 33
*Мавзӯи 8.* Идоракунии фирма — менеҷмент ........ 37
*Мавзӯи 9.* Маркетинг ........ 41
*Мавзӯи 10.* Истеҳсолот ва экология ........ 45
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби I ........ 49*

## Боби II. Давлат ва иқтисодиёт

*Мавзӯи 11.* Вазифаҳои иқтисодии давлат ........ 56
*Мавзӯи 12.* Буҷаи давлатӣ ........ 60
*Мавзӯи 13.* Низоми бонк ........ 64
*Мавзӯи 14.* Мавқеи иқтисодии давлат ........ 68
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби II ........ 72*

## Боби III. Намудҳои андоз

*Мавзӯи 15.* Андози даромад ........ 78
*Мавзӯи 16.* Андози молу мулк ........ 82

http://eduportal.uz

*Мавзӯи 17.* Андози замин ........ 86
*Мавзӯи 18.* Андози аксиз ва арзиши иловагӣ ........ 90
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби III* ........ 94

## Боби IV. Пешрафти иқтисодӣ

*Мавзӯи 19.* Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ........ 98
*Мавзӯи 20.* Пешрафт ва тараққиёти иқтисодӣ ........ 102
*Мавзӯи 21.* Салоҳияти иқтисодии Ӯзбекистон ........ 106
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби IV* ........ 110

## Боби V. Беқурбшавӣ (инфлятсия) ва бекорӣ

*Мавзӯи 22.* Беқурбшавӣ ва намудҳои он ........ 114
*Мавзӯи 23.* Оқибатҳои беқурбшавӣ ........ 118
*Мавзӯи 24.* Бозори меҳнат ва бекорӣ ........ 122
*Мавзӯи 25.* Воситаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ........ 122
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби V* ........ 130

## Боби VI. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

*Мавзӯи 26.* Савдои байналхалқӣ ........ 134
*Мавзӯи 27.* Муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ........ 138
*Мавзӯи 28.* Қурби асъор (валюта) ........ 142
*Мавзӯи 29.* Муаммоҳои иқтисодии ҷаҳон ........ 146
*Мавзӯи 30.* Инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон ........ 150
*Савол ва супоришҳо барои такрори боби VI* ........ 154
*Саволҳои тест барои такрори маводҳои дар синфи 9 омӯхташуда* .... ........ 156

http://eduportal.uz

## НИШОНДОДҲОИ УМУМӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ КИТОБ

Маводҳо доир ба ҳар як мавзӯъ дар саҳифаҳои китоб дар бандҳои зерин ва бо як тартиби маълум ҷойгир гардида, баъзе бандҳо зери ишораи муайян дода шудаанд:

1. Рақами тартибӣ ва номи мавзӯъ.
2. Маълумоти аёнӣ, сурат, ҷадвал, диаграмма ва ғайра оид ба вазъияти муаммовӣ, ки дар баёни мавзӯи дарс кӯмак мерасонад.
3. Матни асосии мавзӯъ, ки барои дар хона мутолиа намудан пешбинӣ шудааст.
4. Савол ва супоришҳои фаъолкунандаи донишомӯзон доир ба муаммои додашуда.
5. Таърифи мафҳумҳои ёрирасон (калидҳо)-е, ки дар дарс истифода мешаванд.
6. Савол ва супоришҳои додашуда барои боз ҳам такмил додани донишҳои омӯхташуда, такрор намудан ва худсанҷӣ.
7. Машқҳои характери амалидоштаи гуногун, ки ҳисобу китобро талаб менамоянд.
8. Супоришҳое, ки ба донишомӯзон барои ҷустуҷӯ ва бурдани тадқиқотҳои хурдҳаҷм чун кори мустақилона дода мешавад.
9. Ба донишҳои андӯхташуда такя карда фикрронии мантиқӣ ва супоришҳое, ки дар ҳамкорӣ бо атрофиён ҳаллу фасл мегарданд.
10. Ғоя ва фикрҳои бикр оид ба дар хотир нигоҳ доштани мавзӯъҳо.
11. Арзишҳои шарқонаи хоси кишварамон, саволу супоришҳо оид ба онҳо.
12. Маълумотҳои иловагие, ки барои инкишоф додани тафаккури иқтисодӣ, ташаккули маданияти иқтисодӣ ва васеъ гардондани ҷаҳонбинӣ таъин гардидаанд.
13. Иқтибосҳо.
14. Формулаҳое, ки мафҳумҳои иқтисодиро байни якдигар вобаста месозанд.
15. Маводҳои иловагӣ таҳти рукни “Фаъолияти мустақил”

Аз рӯи китоби дарсӣ гузаронидани 30 дарс ва 4 машғулияти назоратии фосилавӣ (дар ҳар як чоряк яктогӣ) мувофиқи мақсад аст. Маводҳоро оид ба ҳар як мавзӯъ дар давоми як дарс ва ё хона омӯхтан лозим.

http://eduportal.uz

Ҳангоми баёни мавзӯи нав асосан бо маводҳои бандҳои 2—5 кор бояд кард.

Саволҳои банди 3 барои дар хона мутолиа ва омӯхтан истифода карда шаванд.

Мустаҳкам кардани мавзӯи дарсро бо ёрии савол ва супоришҳои банди 6 ва машқҳои банди 7 ба амал баровардан муфид аст.

Супоришҳои банди 8, ки ҷустуҷӯ ва тадқиқоти хурдро талаб мекунанд, барои кори мустақилонаи донишомӯзон пешбинӣ гардидаанд.

Бо мақсади мустақилона мушоҳида намудан, худсанҷӣ ва татбиқ кардани дониш истифода намудани саволҳои банди 9–12 айни муддаост.

Диққати донишомӯзон бояд ба истилоҳҳои такягоҳии банди 4 ва ҷумлаҳои асосии банди 10 нигаронида шавад.

Вазифаи хонагӣ бояд дар асоси савол ва супоришҳои дар дарс муҳокиманашудаи бандҳои 9–10 дода шавад.

Дар китоби дарсӣ курси синфи 9-уми фанни асосҳои дониши иқтисодӣ ба 30 мавзӯъ тақсим карда шудааст.

Тестҳои додашуда бошад, барои амалӣ кардани назорати мобайнӣ, тайёр кардани тестҳо ба сифати намуна хизмат мекунанд.

Дар китоби дарсӣ ҳамчунин, маводҳо таҳти рукни “Фаъолияти мустақил” низ ҷой гирифтаанд. Ин маводҳоро берун аз дарс омӯхтани донишомӯзон ба мақсад мувофиқ мебошад. Онҳо донишомӯзонро ба фикррониии мустақил, ҷустуҷӯ ва тадқиқот равона мекунанд, дар бораи ислоҳоти иқтисодии дар мамлакатамон амалишаванда маълумот медиҳанд. Ҳангоми кор бо онҳо, албатта, аз ёрдам ва маслиҳати устодон ва волидайн истифода бурдан лозим аст.

http://eduportal.uz

*Корҳо бинобар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бошиддат давом дода мешаванд.*

*Шавкат Мирзиёев*










# Боби I. Тадбиркорӣ ва истеҳсолот













# МАВЗӮИ 1 ТАДБИРКОРӢ







## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Одамони дар расмҳо тасвирёфта бо кадом хелҳои тадбиркорӣ шуғл меварзанд? Онҳо чӣ гуна фазилатҳои умумӣ ва ба худ хосро доранд?
2. Шумо аз шахсони тадбиркор киҳоро медонед? Онҳо бо кадом фаъолият шуғл меварзанд? Чӣ гуна шахсонанд?

Фаъолияти одамонро, ки ба фоидагирӣ баробари истифода аз маблағу мулк, донишу имкониятҳо ба истеҳсол намудани маҳсулот ё ташкил намудани хизматрасонӣ равона шудааст, *тадбиркорӣ* меноманд. Ба таври дигар тадбиркориро корчаллонӣ ё бизнес ҳам меноманд. Шахсонеро, ки бо чунин фаъолият шуғл меварзанд, тадбиркор ё бизнесмен меноманд.

Тадбиркорон дорои сармояи ба худ хос буда, фаъолияти онҳо:

— ба кор бурдани мулк ва маблағи ибтидоӣ;

**Тадбиркорӣ** — фаъолияти одамон ба мақсади фоидагирӣ, таваккалона рафтор намуда, маблағу мулк, донишу имкониятҳоро ба кор бурда, истеҳсол намудани маҳсулот ва ё ташкили адои хизмат мебошад.

**Тадбиркорон** — шахсонеанд, ки ҳангоми ҷалб кардани захираҳои истеҳсолӣ барои истеҳсоли мол ва адои хизмат таваккалкориро ба зимма мегиранд.

— пеш бурдани фаъолияти озоди иқтисодӣ;
— кӯшиши фоидагирӣ;
— меҳнатдӯстӣ ва ғайрату кӯшиш;
— ташаббускорӣ;
— ба ӯҳда гирифтани тамоми масъулиятҳо;
— таваккалона рафтор кардан;
— аз рӯи қонунҳо кор бурдан;
— рақобати ҳалол бурданро талаб мекунад.

Яке аз шартҳои муҳими рушди тадбиркорӣ ба вуҷуд овардани муҳити рақобати озод буда, асосашро амволи хусусӣ ташкил медиҳад.

Тадбиркорӣ фаъолияти ба иқтисоди бозаргонӣ хос буда, дар ин шароит ҳамвора якҷоя бо омилҳои табиӣ, сармоя ва меҳнат ба омили асосии истеҳсолот табдил мeёбад. Зеро айнан ҳамин омили тадбиркории истеҳсолот имкони якҷоя намудани се омили дигарро фароҳам меоварад. Тадбиркорӣ барои ҷамъият зарур буда, дар натиҷаи фаъолияти мазкур коргоҳи нави иловагӣ барпо мегардад. Тадбиркорӣ фаъолиятест, ки на танҳо барои истеъмолгарон, балки барои давлат низ заруру фоиданок мебошад. Давлат ба тадбиркорӣ роҳи васеъ кушода, худро аз масъулияти ба кор ҷойгиркунӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти бисёр истеъмолшаванда ва хизматрасонӣ ба маънои маълум соқит мекунад. Илова бар ин аз ҳисоби андозҳои аз тадбиркорӣ ситонидашуда хазинаи давлат пур мегардад. Аз ҳамин сабаб давлат тадбиркориро бо ҳар восита дастгирӣ мекунад.

**Арзишҳо**

Андарзи Соҳибқирон Амир Темур: «Шахсе, ки чашми корро медонад, мард асту бошуҷоат, дорои азми қатъӣ асту тадбиркор, аз ҳазорон нафар лоқайдрафтору беҳунарон афзалтар аст»-ро шарҳ диҳед.

Тадбиркорӣ аз ғояи бизнес оғоз мeёбад. Натиҷаи бизнес аз ғояи дуруст интихобгардида вобаста аст. Ин омили асосӣ ва ҳаматарафа аст. Вале мавҷудияти ғояи бизнес барои муваффақияти бизнес кофӣ нест. Бояд тамоми масрафҳоро ба ҳисоб гирифта, нақша тартиб дод. *Нақшаи бизнес* (корчаллонӣ) ҳуҷҷатест, ки аз барномаи фаъолияти марказонидашаванда ва муттаҳидгардонандаи барои татбиқи бомуваффақияти ғояи бизнес зарурӣ иборат аст. Фараз кунед, ки ба фикри корчаллонии худ банд шудед. Барои онро амалӣ гардонидан маблағ зарур аст. Маблағро аз банк мегиред ва ё бо ягон наздиконатон шарик мешавед. Онҳо низ маблағро беғараз дода наметавонанд. Зарур мешавад, ки ғояаатонро навишта, ҳисоб намоед ва фоидаовар буданашро исбот намоед. Алқисса гӯем, нақшаи корчаллонӣ тартиб дода, боварӣ ҳосил менамоед. Нақшаи бизнес аввалан барои худи тадбиркор муҳим аст.

Одатан нақшаи бизнес аз маълумотҳои зерин иборат аст:

— тавсифи мухтасари корхона;
— тавсифи маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизмати расондашаванда;
— тамоюлҳои идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот;
— хароҷоти истеҳсолӣ, даромад, фоидаи пешбинишуда ва тақсимоти он;
— таҳлили бозори махсулоти истеҳсолшуда ё хизмати расонидашаванда;
— хулосаҳои ниҳоӣ.

Бо баъзеи онҳо шинос мешавем.



http://eduportal.uz

**Нақшаи корчаллонӣ** – ҳуҷҷатест иборат аз барномаи саъю кӯшиш ва мувофиқгардонии фаъолият ба мақсади амалигардонии ғояи корчаллонӣ.

Дар тадбиркорие, ки асосашро фаъолияти истеҳсолӣ ташкил медиҳад, омилҳои табиӣ, сармоя ва меҳнат ба истеҳсолот ҳамоҳанг мешаванд. Тадбиркор воситаҳои истеҳсолот – замин, бино, иншоот, асбобу ускунаҳо, ашёи хомро мехарад, кормандонро киро мекунад. Маҳсулоти рангорангро истеҳсол намуда, ба истеъмолгарон мефурӯшад. Одатан бо ин намуди тадбиркорӣ тадбиркорони босалоҳияте, ки дар корчаллонӣ мавқеи хубро доранду дурандешанд, машғуланд.

Онҳое, ки бо ин намуди тадбиркорӣ машғуланд, маҳсулотро харида, баъд ба истеъмолгарон мефурӯшанд. Албатта, дар ин ҳолат нархи фурӯши маҳсулот назар ба харидаш баландтар аст. Ин фаркро тадбиркор чун фоида азхуд мекунад.

**Тиҷорат** — фаъолияти тадбиркорист иборат аз маҳсулотро харида, ба истеъмолгарон фурӯхтан.



*Нақшаи 1.1* *Нақшаи 1.2*

Хели тиҷорати тадбиркорӣ дар иқтисодиёт мавқеи муҳим дорад. Тиҷоратчиён воситагарии байни истеҳсолгарон ва истеъмолгаронро осон мегардонанд, муносибатҳои хариду фурӯшро суръат мебахшанд. Дар нақшаи 1.1. тарҳи воситагарӣ бидуни тиҷоратчӣ, дар нақшаи 1.2. тарҳи воситагарӣ бо ёрии тиҷоратчӣ онро равшан акс кунондааст. Дар тарҳ ҳолати ҳамагӣ чор нафар будани истеҳсолгар ва истеъмолгар тасвир ёфтааст. Акнун миқдори онҳо даҳто, садто ё ки аз он ҳам зиёд буданашро тасаввур карда бинед.

Ин намуди тадбиркорӣ ба тиҷорат монанд аст. Фарқ дар он аст, ки ба ҷои хариду фурӯши маҳсулот хариду фурӯш бо коғазҳои пурарзиш ва пул баргузор мегардад. Маблағҳои пулӣ ба қарз дода мешавад. Асъори хориҷӣ, саҳмия ва дигар коғазҳои қиматбаҳо хариду фурӯш мешаванд. Дар тадбиркории молиявӣ ҳангоми

додани қарз аз шакли фоиз, ҳангоми хариду фурӯши коғазҳои қиматбаҳо бошад, аз шакли фарқи хариду фурӯши онҳо фоида ситонида мешавад.

**Тадбиркории молиявӣ** — фаъолияти вобастаи хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ва қарз додани пул.

Ин намуди тадбиркорӣ дар рӯзҳои мо хеле паҳн гардидааст. Бо ин фаъолият тадбиркороне, ки мавқеи мустаҳкам доранд, шуғл меварзанд, чунки он маблағи калони ибтидоиро талаб мекунад. Тадбиркор ба сифати шахсе баромад мекунад, ки ба зарари ҳангоми ҳолатҳои пешбининагардида (тасодуфӣ) расида кафолат медиҳад. Ба ивази ҳаққи маълум фаъолият пеш мебарад. Ҳоло шаклҳои суғуртаи қарз, суғуртаи мулк, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи тиббӣ мавҷуданд. Дар ин намуди суғуртаҳо ба ивази бадали суғурта, ки муттасил дода мешавад, зарари ҳангоми ягон ҳодиса расида ё ҷои чизи гумшуда сарпур карда мешавад.

**Суғурта** — муҳофизат аз муаммоҳои молиявӣ ҳангоми ҳодисаҳои тасодуфӣ.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Тадбиркорӣ чист?
2. Одами дорои лаёқати тадбиркориро тавсиф кунед.
3. Ба фикри шумо сабаби зиёд шудани сафи соҳибкорон дар чист?
4. Соҳибкорӣ ҳама вақт ҳам фоида меорад?
5. Намудҳои фаъолияти тадбиркориро ҳисоб кунед.
6. Тадбиркории молиявӣ гуфта чиро мефаҳмед?
7. Суғурта чист ва мавқеи он дар ҳаёти имрӯзаамон чӣ гуна мебошад?
8. Кадом намуди фаъолияти тадбиркорӣ дар ҷамъиятамон муҳимтар аст?
9. Аз фаъолияти тадбиркорӣ давлат, худи тадбиркор ва истеъмолгар чӣ гуна манфиат диданашонро номбар кунед.

**Дар хотир доред!**

- Тадбиркорӣ фаъолияти одамон ба мақсади фоидагирӣ таваккалона рафтор намудан аст.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 2 ФИРМА ВА НАМУДҲОИ ОН



















## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Аз фаъолияти тадбиркорӣ, ки дар расмҳои 1–4 тасвир ёфтаанд, кадомашро ташкил кардан душвор аст? Бо кадом сабаб?
2. Аз онҳо кадомашро як шахс ташкил карда метавонад ва кор пеш бурдан он қадар душвор нест?
3. Кадомашро дар асоси шарикӣ ташкил кардан мумкин? Бо кадом сабаб?
4. Барои ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи дар расмҳо тасвирёфта чӣ гуна корҳои ташкилиро ба амал баровардан зарур меояд?

Маълум аст, ки истеҳсоли маҳсулот ва адои хизмат дар корхонаҳо амалӣ мегардад. Корхонаҳое, ки дар асоси мулки давлатӣ ташкил шудаанд, *корхонаҳои давлатӣ,* корхонаҳое, ки дар асоси мулки хусусӣ ташкил шудаанд, *корхонаҳои хусусӣ* номида мешаванд. Инчунин корхонаҳое мавҷуданд, ки ҳам дар асоси мулки давлатӣ ва ҳам мулки хусусӣ таъсис ёфтаанд. Ин гуна корхонаҳоро *корхонаҳои омехта (муштарак)* мегӯянд.

http://eduportal.uz

Корхонаеро, ки дар он фаъолияти тадбиркорӣ ба амал оварда мешавад, одатан *фирма* меноманд. Фирма барои фоида гирифтан маҳсулоти мухталиф истеҳсол мекунад ва хизмат мерасонад. Фирмаҳо аксаран дар асоси мулки хусусӣ таъсис меёбанд. Фирмаҳо (корхонаҳо) аз рӯи он, ки дар асоси кадом мулк ташкил шудаанд, аз ҷониби кӣ ва чӣ тавр идора мешаванд, миқдори даромад чӣ тавр тақсим мешавад, аз рӯи натиҷаи фаъолияти фирма кӣ ва чӣ тавр ҷавоб медиҳад, дорои шаклҳои гуногун буда метавонанд.

Амволдори фирмаи хусусӣ шахси алоҳида буда, фирма дар асоси мулку маблағи ҳамон шахс ташкил карда шуда, ба он бевосита худи шахси ташкилкунанда раҳбарӣ мекунад. Фоида ва зарари фирма танҳо ба соҳиби фирма мутааллиқ буда, ба натиҷаи фаъолияти худ фирма пурра ҷавобгар аст.

**Корхона** – ташкилоти хоҷагидориест, ки истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониро ба амал меоварад.

**Фирма** – корхонаест, ки дар он фаъолияти тадбиркорӣ ба амал меояд.

**Фирмаи хусусӣ** — фирмаест, ки бо мулки шахси танҳо ташкил меёбаду ба он худи ӯ роҳбарӣ мекунад.



**Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ**
**(973 – 1048)**

Олими бузург ва мутафаккир Абӯрайҳони Берунӣ дар асарҳои сершумораш ақидаҳои иқтисодии худро баён сохтааст. Ӯ таъкид кардааст, ки дар замири фаъолияти иқтисодӣ – меҳнат, бунёдкорӣ, офариниш барои эҳтиёҷи худро қонеъ гардондан саъю кӯшиш нуҳуфта аст. Вай дар айни замон баробари меҳнати ҷисмонӣ меҳнати ақлӣ ҳам муҳим буданашро таъкид намудааст. Ӯ музди меҳнат мувофиқи душвории кор ва маҳсулнокӣ ба роҳ монданашро зикр кардааст. Дар асарҳои олим оид ба тақсимоти меҳнат ҳам фикрҳо ҷо пайдо кардаанд. Олим дар ҳамон давр оиди аҳамияти омили инсонӣ дар иқтисодиёт фикрҳояшро баён сохтааст.

Фирмае, ки дар асоси мулку маблағи ду ва зиёда аз он шахсҳо бо мақсади якҷоя фаъолият пеш бурдан ташкил ёфтааст, *ширкат* (кооператив) номида мешавад. Ширкат одатан ба манфиати аъзоёнаш хизмат мекунад. Дар ширкат кор кардани аъзоёнаш шарт буда, фоида — натиҷаи умумии кори онҳо мувофиқи созиши байниҳамдигарӣ тақсим карда мешавад. Ғайр аз ин аъзоёни ширкат ба ӯҳдадориҳои он пурра ҷавобгаранд. Яъне, агар кори ширкат бароред накарда қарздор шавад, аъзоёни он ин қарзро аз ҳисоби мулку маблағи ба ташкили ширкат

http://eduportal.uz

додаашон ва агар ин кофӣ набошад, аз ҳисоби мулки шахсиашон пардохтанашон шарт аст. Хоҷагиҳои ҷамоавии деҳқонӣ ба ширкат мисол шуда метавонанд.

**Ширкат** – фирмаест, ки ба мақсади якҷоя фаъолият пеш бурдан аз ҷониби ду ё якчанд шахс, дар асоси мулки онҳо ташкил ёфтааст ва ба натиҷаи фаъолият якҷоя ҷавобгаранд.

Барои ташкили тадбиркории калонмиқёс маблағи калони ибтидоӣ зарур аст. Бинобар лозим меояд, ки якчанд шахс ё корхонаҳо якҷоя кор бурда, молу маблағашонро як кунанд. Бо ҳамин мақсад фирмаҳои муштарак (шарикӣ) ташкил карда мешаванд. Ташкилкунандаи фирмаҳои шарикӣ *муассисони он* ба шумор мераванд. Муассисон дорои сармояи ибтидоӣ буда, ҳиссаи худро бо маблағҳои пулӣ ва молу мулк ба низоми оинномавӣ мегузоранд. Таъсисгарон соҳиби фирма ҳисоб меёбанд ва метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯза ва идоракунии он ширкат варзанд. Фоидаи дар натиҷаи ин фаъолият гирифташуда, зарари он низ байни муассисон мувофиқи шартномаи таъсисӣ ва созишнома тақсим карда мешавад.

Пардохти зарар дар фаъолияти муассисони фирмаҳои шарикӣ номҳои гуногун дорад. Агар таъсискунандаҳо зарарро танҳо аз ҳисоби ҳаҷми ҳиссаи ба ташкили фирма гузоштаашон пардозанд, ин фирма – *фирмаи шарикии маҳдудмасъулият* номида мешавад. Иловаи "Ltd" ихтисори англисии"limited" маҳдуд буда, одатан ба номи ҷамъияти масъулияташ маҳдуд илова карда шуд, корбаст мегардад. Муассисони ин гуна фирма зарарро пурра якҷоя мепардозанд. Ва агар зарурат пайдо шавад, мулки шахсиашонро низ фурӯхта зарари фирмаро бояд бипардозанд.

Бидуни таъсиси фирма низ бо фаъолияти тадбиркорӣ машғул шудан мумкин аст. Барои ин мақоми «Тадбиркори хусусии тартибаш якка»

**Фирмаи муштарак (шарикӣ)** – фирмаест, ки дар асоси маблағҳои ду ва ё зиёда шахс (ё шахсон, корхона) ташкил шуда, дар асоси шартнома ҳуқуқи якҷоя роҳбарӣ кардан дошта, онҳо ба натиҷаи фаъолияти корхона ҷавобгаранд.

**Бунёди оинномавии фирма** — молу мулк ва маблағ, яъне ҳиссаест, ки муассисони фирма барои фаъолият ҳамроҳ мекунанд.



http://eduportal.uz

(инфиродӣ)-ро метавон гирифт ва ба тартиби муайян пардохти андозҳо кифоя аст.

Бинобар маълумоти кумитаи давлатии статистикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мамлакати мо бинобар ҳолати 1 январи соли 2019 миқдори корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки фаъолият доранд, 323 ҳазорторо ташкил мекунад. Аз онҳо 72,4 ҳазораш корхонаҳои хусусӣ, 15,5 ҳазораш корхонаҳои оилавӣ, 170,2 ҳазораш ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд ва 64,9 ҳазораш корхона ва ташкилотҳои дигар мебошанд. Дар иқтисодиёти мамлакат мумкин аст фирмаҳои намудаш дигар ҳам бошад ва назардошти шароити иқтисодӣ намудҳои фирма такомул ёфта, ба иқтисодиёт мутобиқ мегардад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Аз рӯи кадом хусусиятҳо фирмаҳо ба намудҳо ҷудо мешаванд?
2. Ба ҳар як намуди фирма аз фирмаҳое, ки дар ҳудудатон фаъолият пеш мебаранд, мисол оред.
3. Бартарӣ ва камбудиҳои ҳар як намуди фирмаро номбар кунед.
4. Шабеҳӣ ва фарқияти ширкат ва фирмаи шарикӣ дар чист?
5. Корхонаҳои давлатӣ ва фирмаҳои хусусӣ аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
6. Фирмаҳои масъулияташон маҳдуд ва номаҳдуд аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд? Бартарӣ ва камбудиҳои ҳар як намуди фирмаро номбар кунед.

### Супориш

| Саволҳо оид ба фирма | Фирмаи хусусӣ | Ширкат | Фирмаи шарикӣ |
|---|---|---|---|
| а) соҳиби фирма кист? | | | |
| б) мулки фирма чӣ тавр ташаккул меёбад? | | | |
| в) чӣ тавр идора карда мешавад? | | | |
| г) фоида чӣ тавр тақсим мегардад? | | | |
| д) масъулияти ҷавобгарии фаъолияти фирма чӣ тавр аст? | | | |

1. Дар асоси ҷавобҳои саволҳои сутуни якуми ҷадвал катакҳои холии ҷадвалро пур кунед.
2. Агар шумо: а) дӯкон; б) нонвойхонаи хурд; в) сехи калони қандолат; г) заводи калони орд сохтанӣ бошед, кадом намуди фирмаро интихоб мекардед?

# МАВЗӮИ 3 ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМӢ




1




2



3




4

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Дар расми 1-ум аксияҳо тасвир шудаанд. Онҳо чӣ гуна коғаз ҳастанд? Донистаҳоятонро бо дӯстонатон ба ҳам бинед.
2. Дар расми 2 маълумотҳои ба воситаи телевизор паҳнкунандаро оид ба индекси фонд ба хотир оваред. Кадоме аз онҳоро медонед ва дар бораи онҳо чиҳоро медонед?
3. Барои ташкил ва идора кардани фаъолияти ширкатҳои бузурге мисли заводи расми 1-ум, бонки расми 2-юм соҳибкорон ба чӣ гуна душвориҳо рӯбарӯ омаданашон мумкин гуфта фикр мекунед?

Фирмаҳои маҳдудмасъулият дар миқёси корхонаҳои калон дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ ташкил карда мешаванд. Ин ҷамъият саҳмияҳои худро дар ҳаҷми ба бунёди оинномавӣ (низом)-и ибтидоии худ баробар мефурӯшад. Харидорони ин гуна саҳмияҳо саҳҳомон ё саҳмгузорони ин ҷамъият ба шумор мераванд. Ҷамъият ба саҳмиядор ҳар сол аз даромади худ ба миқдори ба саҳмияи харидааш муайяншуда – дивиденд (ҳаққи саҳмия) медиҳад. Ҷамъияти саҳҳомонро дар хориҷа ширкати саҳмдорон ё корпоратсияҳо меноманд. Агар саҳмияҳои ҷамъияти саҳҳомон ба шахси дилхоҳ фурӯхта шавад, *ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушод;* агар танҳо ба

http://eduportal.uz

гурӯҳи шахсон (муассисони ҷамоа ва ё кормандон)-и пешакӣ муайянбуда фурӯхта шавад, *ҷамъияти саҳҳомии тарзи пӯшида* номида мешавад.

Аввалин ҷамъияти саҳҳомӣ дар асри XVI дар Нидерландия ташкил гардидааст. Вай ширкати “Ост-Инд” буда, бо Ҳиндустон корҳои савдову тиҷоратро ба иҷро расондааст.

Ба миқдори саҳмия аз ҷониби саҳҳом харидашуда нигоҳ карда, ҳуқуқи дар роҳбарии ҷамъияти саҳҳомон иштирок кардан дода мешавад. Аз шумораи саҳмияҳои харидашуда шумораи овозҳо низ муайян карда мешавад, ки ҳуқуқи иштирок карданро дар маҷлиси умумии ҷамъияти саҳҳомон медиҳад, дар қабули қарорҳо, интихоби раёсати ҷамъият бо овозҳои худ таъсир расонида метавонад. Бинобар ин, саҳҳом ҳар чӣ зиёдтар саҳмия дошта бошад, ба масъалаҳои идоракунии корхона ҳамон қадар зиёдтар таъсир расонида метавонад. Агар саҳмиядор дорои зиёда аз нисфи саҳмияҳо, яъне лифофаи (пакети) назоратии саҳмияро ба даст орад, ӯ соҳиби корхона мешавад. Чунки дар маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳангоми қабули ҳар қарор фикри ӯ, овози ӯ ҳалкунанда мегардад.

**Ҷамъияти саҳҳомӣ** — фирмаи калони маҳдудмасъулиятест, ки бунёди оинномавии худро аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳо ташкил додааст.

**Саҳмия** — коғази қиматнок, ҳуҷҷатест, ки ҳуқуқи гирифтани ҳисса ва ё қисми муайяни даромадро медиҳад.

**Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушод** — ҷамъиятест, ки метавонад саҳмияҳои худро ба шахсони дилхоҳ фурӯшад.

**Ҷамъияти саҳҳомии тарзи пӯшида** — ҷамъиятест, ки саҳмияҳои он ба гурӯҳи муайян (таъсискунандагони ҷамъият ва ё кормандон)-и пешакӣ муайянбуда фурӯхта мешавад.

Саҳмияҳо ду хел – оддӣ ва имтиёзнок мешаванд. *Саҳмияҳои оддӣ* кафолати даромади аз онҳо омада – дивидендро намедиҳанд. *Саҳмияҳои имтиёзнок* бошад, дивиденди ҳарсолаи аз онҳоояндаро ба миқдори фоизи муайяни нархи саҳмия кафолат медиҳад. Соҳиби саҳмияи имтиёзнок дар идоракунии ҷамъияти саҳмиядорон ширкат варзида наметавонад, чунки дар маҷлиси умумии саҳҳомон ӯ ҳуқуқи овозро надорад. Масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти ҷамъияти саҳҳомонро шӯрои директорон, ки дар маҷлиси умумӣ интихоб карда мешавад, ҳал мекунад. Идоракунии ҷамъиятро менеҷерҳои кироя ба амал меоваранд.

Саҳмия — коғази арзишнокест, ки дар он арзиш, яъне *қимати номиналиаш* навишта шудааст. Саҳмиядор метавонад саҳмияашро ба каси дигар фурӯшад

ва ё ҳадя кунад. Хариду фурӯши саҳмияҳо одатан дар биржаҳои фондӣ ба амал меояд. Ба каму зиёд будани даромади ба соҳиби саҳмия омада — *дивиденд* нигоҳ карда дар биржаи фондӣ *нархи бозории саҳмия* — қурби саҳмия тағйир меёбад. Масалан, саҳмияи қимати номиналиаш 100 000 сӯм буда ба 120 000 сӯм ё 9000 сӯм ба фурӯш меравад. Дар ин мавридҳо қурби саҳмияро афзуда ва ё коҳида меноманд. Тағйири қурби саҳмия мувофиқи дараҷаи нархи бозории он нисбат ба қимати номиналӣ бо ҳисоби фоиз муайян карда мешавад. Дар мисоли болоӣ дар мавриди аввал қурби саҳмия 120%, дар мавриди дуюм 90%-ро ташкил медиҳад.

**Қимати номиналии саҳмия** — нархест, ки дар болои саҳмия навишта шудааст.

**Қурби саҳмия** — нархи бозории саҳмия (аксия).

**Ҳаққи саҳмия** — қисми даромади соҳиби саҳмия, ки аз фоидаи фирма гирифта мешавад.

**Машқ**

Абдуллоев соҳиби 16 саҳмияи оддии ҷамъияти саҳҳомӣ мебошад. Охири сол ҷамъият 20 000 000 сӯм фоида овард ва ҳамаашро ба сифати ҳаққи саҳмия (дивиденд) тақсим карданд. Агар ҷамъият танҳо 2000 дона саҳмияи оддӣ фурӯхта бошад, Абдуллоев аз саҳмияҳои худ чӣ қадар даромад мегирад?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Тавсифи пурраи ҷамъияти саҳҳомиро диҳед.
2. Фарқи ҷамъиятҳои саҳҳомии тарзи кушода ва пӯшида дар чист?
3. Бартарӣ ва камбудии саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзнокро муайян намоед.
4. Афзалият ва камбудии ҷамъияти саҳҳомӣ аз фирмаи муштараки маҳдудмасъулият дар чист?
5. Кадом ҷамъияти саҳҳомии ҳудудатонро медонед?
6. Оё саҳмияҳои ҷамъияти саҳҳомиро давлат ва ё фирмаи хориҷӣ харид карда метавонад?
7. Саҳмиядор ба идоракунии ҷамъият чӣ тавр таъсир карда метавонад?
8. Даромади зиёд гирифтани ҷамъияти саҳҳомӣ ба манфиати соҳиби саҳмияи оддӣ аст ё ба соҳиби саҳмияи имтиёзнок?
9. Аз шикастхӯрии ҷамъияти саҳҳомӣ соҳиби саҳмияи оддӣ зиёдтар зарар мебинад ё соҳиби саҳмияи имтиёзнок?



http://eduportal.uz

## Супориш

**Ҷамъияти саҳҳомии «ZIYO»**

| | |
|---|---|
| Бунёди оинномавӣ (низом) | – 40.000.000. 000 сӯм. |
| Намуди саҳмияҳо (аксиядорӣ) | – оддӣ. |
| Нархи номиналии саҳмияҳо | – 10. 000 сӯм. |
| Шумораи саҳмияҳо | – 4. 000.000 дона. |
| Саҳҳомон: | |
| – Дилором | – соҳиби 10% саҳмия; |
| – Дилшод | – соҳиби 20% саҳмия; |
| – Ботур | – соҳиби 35% саҳмия; |
| – дигарон (20 нафар) | – соҳиби 35% саҳмия. |
| Даромади софи солона | – 5 000 000 000 сӯм. |

Ҷамъияти саҳҳомии «Зиё» масъалаи тақсимкунии фоидаи софи солона муҳокима мекунад. Ба фикри Дилором тамоми фоидаро чун ҳаққи саҳмия (дивиденд) тақсим кардан зарур аст. Дилшод ҳам ҳаминро мехоҳад. Ботур бошад, таклиф кард, ки нисфи фоидаро барои васеъ намудани истеҳсолот сарф намуда, нисфи дигарашро чун ҳаққи саҳмия тақсим кунанд.

**1.** Ба андешаи Шумо фикри кӣ ҳалкунанда аст? Чаро?

**2.** Агар фоида тақсим карда шавад, ҳар як саҳмгузори асосӣ чӣ қадарӣ ҳаққи саҳмия мегирад?

**3.** Ҳар як саҳмия дар шакли ҳаққи саҳмия чӣ қадарӣ даромад меоварад?

**4.** Дар бораи қурби саҳмияи ин корхона чӣ мегӯед?

## Дар хотир доред!

- Ҷамъияти саҳҳомӣ – фирмаи калони маҳдудмасъулиятест, ки бунёди оинномавии худро аз ҳисоби фурӯши саҳмияҳо ташкил дода, бо тарзи пӯшидаву кушод созмон меёбад.
- Ҷамъияти саҳҳомӣ ба соҳиби саҳмия – саҳмиядор аз фоидаи худ дивиденд медиҳад.
- Саҳмияҳо мумкин аст дар биржаи фонд озод фурӯхта шаванд.
- Аз рӯи саҳмияҳои оддӣ дивиденд баробари гирифтани фоида дода мешавад.
- Аз рӯи саҳмияҳои имтиёзнок миқдори муайяни дивиденд кафолат дода мешавад.

# ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ | ИНДЕКСҲОИ БОЗОРИ ФОНД

Бозори фонд (англисии “stock market”) – ин намуди фурӯши коғазҳои қиматноки бозори молия буда, аз ҳама зиёд паҳншудаи ин гуна коғазҳои қимат аксияҳо мебошанд.

Муҳимтарин институтҳои бозори фонд биржаҳои фонд мебошанд.

Аз воситаҳои ахбори оммавӣ “Дар биржаи фонди Ню-Йорк индексҳо якбора бардошта шуд”, ё баръакс, “фуромад” гуфтагӣ хабарҳоро шунидаем. Дар ин ҳол бештар номи индексҳое мисли Доу-Жонс, Никкей, Дакс, Ханг Сенг ба забон гирифта мешаванд. Ин индексҳо чиро ифода мекунанд?

Индекси нахустинро амрикоиҳо Эдвард Ҷонс ва Чарлз Доу кашф кардаанд. Онҳо дар биржаи фонди Ню-Йорк аз қимати арифметикии миёнаи нархҳои аксияҳои 12 корхонаи бузургтарини ИМА индекс ҳисоб карда баровардаанд ва онро индекси Доу Ҷонс (Dow Jones) ном гузоштаанд. Аз он ба баъд тартиби ҳисобкунии ин индекс хеле тағйир ёфт, мукаммал шуд. Айни замон миқдори корхонаҳое, ки ба ин индекс шомиланд, ба 30-то расид. Ба ин индекс ширкатҳои машҳуре мисли Coca-Cola, IBM, Intel, General Motors шомиланд.

Барои таҳлили вазъияти иқтисодӣ худи нишондоди индекси биржа муҳим нест, балки тағйир ёфтани ин нишондод муҳим мебошад.

Масалан, индекси биржа афзоиш ёфта истода бошад, пас, аксияи корхонаҳои ба ин индекс мансуб қимматшаванда, яъне дар ин соҳаи иқтисодиёт афзоиш рӯйдиҳанда мебошад. Агар баръакс, индекс коҳиш ёбад, дар ин соҳа ҳам коҳишёбӣ рӯй медиҳад. Ҳамин гуна индексҳое мавҷуданд, ки онҳо на фақат соҳаи муайяни иқтисодиёт, балки аҳволи иқтисодиёти тамоми мамлакатро инъикос мекунанд. Масалан, ба индекси S&P 500 500 ширкати калонтарини ИМА шомил мегардад ва онҳо ҳама соҳаҳои иқтисодиётро фаро гирифтаанд. Пас маълум мешавад, ки тағйирёбии ин индекс тағйиротҳои иқтисодиёти тамоми ИМА-ро дар худ инъикос мекунад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

Аз интернет: 1. Қимати ҷорӣ ва тағйироти ҳаррӯзаи аксияҳои ширкати муайянро аниқ кунед.

1. Қимати ҷорӣ ва тағйироти ҳаррӯзаи индексияҳои дар боло зикршударо муайян кунед.

2. Дар биржаи фонди Республикаи Ӯзбекистон қимати ҷорӣ ва тағйироти ҳаррӯзаи аксияи корхонаи муайянро аниқ кунед.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 4 ТАШКИЛ КАРДАНИ ФИРМА

| | | | |
|---|---|---|---|
| Тадбиркории хусусӣ | Фирмаи масъулияташ маҳдуд | Ҷамъияти саҳҳомӣ | Фирмаи хусусӣ |



| | |
|---|---|
| Ширкат | Фирмаи масъулияташ номаҳдуд |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Ба фикри “Мавҷудияти фирма ва фаъолияти он, албатта, дар ягон ҳуҷҷат бояд инъикос гардад” муносибати худро баён кунед.
2. Дар ҳолати баръакс, чӣ гуна ҳолатҳои манфӣ рӯй доданаш мумкин?
3. Ба фикри шумо, ташкил кардан ва расмикунонии ҳуҷҷатҳои кадоме аз фирмаҳои болоӣ душвортар аст? Кадомаш, баръакс, нисбатан осон мебошад?

Барои барпо кардани фирма чунин корҳоро ба анҷом расонидан зарур аст. Сараввал, ҳуҷҷатҳое, ки барои барпо намудани фирма алоқамананд, оинномаи фирма ва шартномаи таъсисиро бояд тайёр кард. Дар оинномаи фирма ном, манзил, мақсади барпо кардани он, намудҳои фаъолият, аз ҷониби кадом таъсисгарон ташкил шудани он, шакли ташкилӣ, барои фаъолияташ кадом миқдор маблағи ибтидоӣ —

хазина (сандуқ)-и оинномавӣ сафарбар шудан, саҳми муассисон, хазинаи оинномавӣ, таркиби молу мулки фирма ва тартиби ба ҷо овардани он бояд акс шуда бошад. Ҳар банди оинномаи фирма набояд ба қонунҳои дар амал будаи тадбиркорӣ зид бошад. Оинномаи фирма одатан аз маҷмӯи қонуну қоидаҳо ва роҳу равиши ба ин фирма хос иборат буда, дар оянда фирма ҳатман ба он риоя намуда, аз рӯи он бояд кор барад.

Шартномаи таъсисӣ ҳангоми аз ду ва ё зиёда нафар иборат будани таъсискунандагони фирма тартиб дода мешавад. Дар шартномаи таъсисӣ бояд оиди ташкил, фаъолият, тамоюлу механизмҳои идоракунии фирма,

**Оинномаи фирма** — ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқиест, ки фаъолияти дохилӣ ва берунии фирмаро ба тартиб меоварад.

таркиби хазинаи оинномавӣ ва ҳиссаҳое, ки ба он ҳамроҳ мегарданд, қоидаи тақсимкунии фоида байни таъсискунандагон, сохти идоракунии дохилӣ, тағйир додани мақом ва барҳам задани фирма нишондодҳо ва созишномаҳои байниҳамдигарӣ акс гардида бошад.

**Шартномаи таъсисии фирма** – ҳуҷҷати аҳду паймонӣ оид ба фаъолияти байниҳамдигарии муассисони фирма мебошад.

Фирма номи худ ва аломатҳои муҳрашро доро буда, он аз рӯйхати давлатӣ гузаронда мешавад ва ба фирма ба сифати иштироккунандаи фаъолияти иқтисодӣ мақоми шахси юридикӣ дода мешавад. Муҳрҳои гирд ва кунҷдори номи фирма нақшшуда, коғазҳои кориро тайёр карда, ба маънои том барои амалӣ кардани фаъолияти худ шурӯъ мекунад. Ҳамаи корҳои вобаста ба пули фирма ба воситаи бонк амалӣ карда мешавад. Мувофиқи фармони Президент, бинобар хизматрасонӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ марказҳои "ягона дарча" бо оғоз аз 1 январи соли 2018 ба Марказҳои хизмати давлатӣ табдил дода шуданд.

Бинобар аз рӯйихат гузарондани фирмаҳо хизматҳо низ ба воситаи ҳамин марказҳо амалӣ мешаванд.

Бо оғоз аз 1 апрели соли 2017 ба воситаи Даргоҳи хизматҳои давлатии интерфаъоли ягона (my.gov.uz) хизмати ба тарзи бархат ба рӯйхат гирифтани субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монда шуд. Ба воситаи ин хизмат вақти ба рӯйхат гирифтани соҳибкорон 30 дақиқа муайян карда шуд.

Номи фирма, тамға ё аломати мол аломати шиносномаи он ҳисоб меёбад. Барои интихоби онҳо хусусиятҳои ба худ хоси фирмаро ба

ҳисоб бояд гирифт. Тамға ё аломати моли фирма барои аз маҳсулоти дигар фирмаҳо фарқ кардан хизмат мекунад. Тамғаи маҳсулоти фирма барои истеъмолгарон низ қулай аст. Онҳо аз растаҳои савдо, аз рекламаю эълонҳо маҳсулоти ин ё он фирмаро аз рӯи тамғаи молашон ба осонӣ меёбанд. Инчунин фирма номи худ, тамғаи молашро ҳам мувофиқи тартиби муайяншуда дар ташкилотҳои дахлдор бояд аз номнавискунӣ гузаронад. Чунки аз номи дигар фирма ва тамғаи молӣ истифода кардан дар тамоми дунё манъ шудааст.

Кумитаи давлатии омори Республикаи Ӯзбекистон аз 1 феврали соли 2011 низоми паҳнкунии номҳои фирмаҳоро ба воситаи соҳаҳои Интернет ба роҳ монд.

Шахсе, ки фирма кушодан мехоҳад, метавонад ба сайти расмии Кумитаи давлатии статистика даромада, номи фирмаи интихобкардаи худро захира созад.

Асосҳои ҳуқуқии шуғл бо фаъолияти соҳибкорӣ дар Ӯзбекистон дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон инъикос шудааст. Хусусан, дар моддаи 53-юми Конститутсия таъкид гардидааст: “Давлат афзалияти ҳуқуқии истеъмолгаронро ба инобат гирифта, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва меҳнат, баробар ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои мулк ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар муҳофизат гардиданашро кафолат медиҳад”.

Дар мамлакати мо бо мақсади беҳтар гардондани муҳити коршиносӣ, ба соҳибкорон минбаъд имкониятҳои васеъ фароҳам овардан, рағбатноксозии тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ корҳои васеъмиқёс амалӣ мешаванд. Солҳои охир дар ин бобат як қатор қонунҳо, даҳҳо фармону қарори Президентамон қабул гардид. Инҳо низ барои рушди соҳибкорӣ ба сифати асоси ҳуқуқӣ хизмат мекунанд.

**ОЁ МЕДОНЕД?**

Миқдори корхона ва ташкилотҳое, ки дар Республикаи мо ба рӯйихат гирифта шудаанд, бинобар ҳолати 1 январи соли 2019 қариб 323.5 ҳазорро ташкил кард. Ин нисбат ба соли гузашта 38 ҳазор (13.3 %) зиёд аст. Ҳамчунин, дар мамлакати мо миқдори корхонаҳое, ки бо ширкати капитали давлатҳои хориҷӣ ташкил гардидаанд, дар як сол 39,3% зиёд шудааст ва 7,8 ҳазорро ташкил медиҳад. Дар ин ҳол аксари корхонаҳо бо ширкати капитали мамлакатҳои Россия, Хитой, Туркия, Кореяи Ҷанубӣ ва Қазоқистон ташкил гардидаанд.

Супориш

## ФИРМА МЕКУШОЕМ

**1.** Ягон ғояи бизнес фикр карда ёбед. Дар асоси он яке аз шаклҳои фирмаро интихоб карда, танҳо худатон ё бо ҳамроҳии дӯстонатон фирмаи шартӣ ташкил кунед.

**2.** Ба фирма номи мувофиқ гузоред.

**3.** Низоми фирмаро тартиб диҳед. Дар низом маълумотҳое мисли ҳадафи кушодани фирма, шакли ташкиливу ҳуқуқии он, бо номи муассисон кор кардан, миқдори бунёди низом, манзили ҷойгиршударо биёред.

**4.** Дар байни ташкилкунандагони фирма шартномаи таъсис тартиб дода, имзо кунед. Барои ин, аввало масъалаҳое мисли кӣ бо чӣ кор машғул шудан, фирмаро кӣ идора кардан, миқдори бунёди низом ва ба он кӣ чӣ қадар ҳисса гузоштанаш, чӣ гуна тақсим шудани фоидаро байни ҳамдигар муҳокима намуда, дар шартнома нишон диҳед.

**5.** Аломати моли фирмаро кашед ва шарҳ диҳед.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Тартиби таъсиси фирмаро фаҳмонда диҳед.
2. Оиннома ба фирма барои чӣ зарур аст ва дар он чиҳо қайд карда мешаванд?
3. Фирма оё бо фаъолияте шуғл варзида метавонад, ки дар оинномааш зикр наёфтааст?
4. Дар кадом маврид шартномаи таъсисии фирма тартиб дода мешавад ва он чиро дар бар мегирад?
5. Шартномаи таъсисии фирма барои чӣ тартиб дода мешавад?
6. Фирма дар куҷо аз номнавискунии давлатӣ гузаронида мешавад?
7. Аломати мол ба фирма барои чӣ лозим аст?
8. Барои чӣ ба фирмаҳо аз аломати якдигар истифода бурдан рухсат дода намешавад?

**Дар хотир доред!**

- Барои кушодани фирма саравval номи фирмаро интихоб кардан лозим.
- Дар низоми фирма маълумотҳо оид ба хели фирма, мақсад аз кушоиши он, манзил, таъсисгарон ва низоми (оинномаи) сармоявии он оварда мешаванд.
- Шартномаи таъсисии фирма муносибатҳои байниҳамдигарии таъсисгаронро аниқ мегардонад.
- Аломатҳои шиносномавии фирма номи фирма ва аломати молҳои он мебошанд.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 5 МАБЛАҒҲО ВА ХАРОҶОТҲОИ ФИРМА




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Дар расми болоӣ гардиши маблағҳои молиявии фирма тасвир ёфтааст. Онро бодиққат аз назар гузаронед ва шарҳ диҳед.
2. Манбаъҳои дохилӣ ва берунии бо маблағ таъминкунии фирмаро омӯхта, фикратонро баён созед.

Маълум аст, ки барои фаъолияти иқтисодии фирмаи дилхоҳ маблағ лозим аст. Одатан ин маблағ аз маблағҳои пулии соҳибони фирма иборат аст.

Мувофиқи истифодабарӣ маблағҳои фирма ду намуд мешаванд. Яке *маблағҳо (сармоя)-и асосӣ* номида мешавад, ки барои харидани биною иншоотҳо ва асбобу ускунаҳо сарф мешаванд. Маблағи асосӣ – маблағест, ки ба хариди воситаҳои асосии истеҳсолие пешбинӣ гардидааст, ки барои якчанд сол ва якчанд маротиба истифода мегардад.

Маблағе, ки барои хариди ашёи хом, масолеҳи гуногун ва киро кардани қувваи корӣ сарф мегардад, *маблағ (сармоя)-и гирдгардон* номида мешавад. Ин маблағҳо аз маблағҳое иборатанд, ки барои харидани захираҳои дарҳол истифодашаванда сарф мегарданд. Фирма ба маблағи гирдгардони худ ашёи хом, масолеҳи гуногун мехарад, қувваи кориро киро мекунад ва бо ин маблағи гирдгардон аз шакли пул ба шакли моддӣ мегузарад. Бо ёрии онҳо дар фирма маҳсулот тайёр карда шуда, ба фурӯш бароварда мешавад ва ба пул табдил ёфта, ба фирма бармегардад.

Ҳамин тавр, маблағҳои гирдгардони фирма дар натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ гирд мегарданд. Аз рӯи ин хусусият маблағҳои мазкур *маблағҳои гирдгардон* номида мешаванд.

Ба сифати мисол ба маблағи дар гардиши фирма тухмӣ, поруҳои минералӣ, маҳсулоти равғанкунанда ва сӯзишвориро овардан мумкин аст.

Маблағҳои асосӣ ҳам «давр мезананд». Даври гардиши онҳо ба чӣ қадар истифода шудани воситаҳои асосии истеҳсолот, муддати хизматрасониашон вобаста аст. Одатан, муддати истифодабарии биною иншоотҳоро 20 сол, асбобу дастгоҳҳоро 5–7 сол ҳисоб мекунанд. Дар ин

**Маблағҳои асосӣ** — маблағест, ки барои хариди воситаҳои асосии истеҳсолот барои якчанд сол ва якчанд маротиба пешбинӣ гардидааст.

**Маблағи гирдгардон** — маблағест, ки барои хариди ашёи хом, маводи гуногун ва киро кардани қувваи корӣ сарф карда мешавад.

муддат онҳо фарсуда шуда, ҳар сол як қисми маълуми нархи аввалаашон ба нархи маҳсулоти истеҳсолшуда гузашта, арзон шудан мегиранд. Қимати арзоншудаи дастгоҳҳо баъди фурӯши маҳсулот ба шакли пул ба фирма бармегардад. Ин пул *маблағи амортизатсионӣ* ном дорад. Одатан маблағи амортизатсионӣ бо тақсим кардани нархи бино ё дастгоҳҳо ба муддати истифодабарии онҳо муайян карда мешавад.

Масалан, биное, ки дар он корхонаи хурд ҷойгир шудааст, 160 миллион сӯм арзиш дошта, муддати истифодабариаш 20 сол муайян карда шудааст. Пас, соле нархи бино 160 : 20 = 8 миллион сӯм арзон мегардад ва ин маблағ ба нархи маҳсулот гузашта, баъд аз фурӯши он дар бунёди амортизатсионӣ ҷамъ мешавад.

$$A = \frac{p}{n}$$

*A* – маблағи амортизатсионии солона;
*p* – нархи асбобу ускунаҳо;
*n* – муддати истифодабарӣ.

**Маблағи амортизатсионӣ** — қисме аз нархи воситаҳои асосии истеҳсолист, ки дар натиҷаи кӯҳнашавӣ ба нархи маҳсулот мегузарад.

Барои фаъолияти фирма ҷалб намудани маблағҳоро *маблаггузории* бизнес меноманд. Манбаъҳои маблағи дохилӣ ва берунии фирма *маблағи молиявӣ* аст. Манбаъҳои маблағи молиявии дохилӣ инҳоанд:

1. **Фоидаи софи фирма.** Қисми фоидаи солонаи фирма, ки баъд аз супоридани пардохтҳо ва андозҳо боқӣ мемонад, *фоидаи софи фирма* номида мешавад. Одатан ин фоида байни таъсисгарони он тақсим мегардад. Муассисон метавонанд ягон қисми онро барои дар оянда таъмин намудани фаъолияти фирма ҳамчун маблағ истифода баранд.

2. **Бунёди амортизатсионӣ.** Ин хазина танҳо барои харидани воситаҳои асосӣ сарф карда мешавад.

3. **Бунёди оинномавӣ.** Дар давраи оғози фаъолияти фирма истифода бурда мешавад.

Агар маблағҳои дохилии фирма кофӣ набошад, зарур мешавад, ки маблағҳои берунии молиявӣ дарёфта шаванд. Ба манбаъҳои беруна инҳо дохил мешаванд:

1. **Пасандози шахсии соҳибони фирма.**
2. **Қарз ва ё воме, ки бонк ё дигар фирмаҳо додааст.**
3. **Маблағе, ки аз фурӯши коғазҳои қиматноки фирма ба даст омадааст.**

Маблағҳои берунӣ аз дохилӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо бояд, албатта, баргардонида шаванд.

Хароҷотҳои фирмаро, ки дар давоми вақти муайян барои истеҳсоли маҳсулот сарф мекунад, *хароҷоти умумии* он меноманд ва бо TC — ҳарфҳои аввали калимаи англисии «Total costs» (харҷи умумӣ) ишора мекунанд. Хароҷоти умумӣ аз хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда ташкил меёбад.

Харҷҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот новобастаанд, *хароҷотҳои доимӣ* (ба забони англисӣ «Fixed costs») меноманд ва онро бо FC ишора мекунанд. Иҷорапулӣ, фоизи қарз, ҳаққи суғурта, сарфи барқароркунӣ (амортизатсионӣ) ва хароҷоти маъмурӣ барин хароҷотҳо мисоли хароҷотҳои доимианд. Ин гуна хароҷотҳо қатъи назар аз зиёд ё кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ҳатто дар мавриди истеҳсол нагардидани он ҳам муттасил бояд пардохта шаванд.

*Ба хароҷотҳои тағйирёбанда* (ба забони англисӣ «Variable costs») хароҷотҳои ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот вобастаро дохил мекунанд ва онро бо VC ишора менамоянд. Ба ин намуди хароҷотҳо харҷи ашёи хом, музди кор, сӯзишворӣ, манбаъҳои нерӯи барқ ва маводҳои мухталиф дохиланд. Маҳсулот ҳар қадар бисёртар истеҳсол гардад, миқдори ин хароҷотҳо низ ҳамон қадар меафзоянд.

Чуноне ки дар боло таъкид карда будем, ҷамъи хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбанда хароҷоти умумиро ташкил медиҳад.

Истеҳсолкунанда ва тадбиркоронро дар бисёр ҳолатҳо на ин ки миқдори умумии хароҷотҳое, ки дар вақти муайян барои истеҳсоли

**Хароҷотҳои умумӣ:** $TC = FC + VC$ *TC* — хароҷотҳои умумӣ; *FC* — хароҷоти доимӣ; *VC* — хароҷоти тағйирёбанда.

маҳсулот сарф мешаванд, балки миқдори хароҷоти миёна (ба забони англисӣ — average cost) ва он бо ҳарфҳои AC ишора карда шуда, барои як воҳиди маҳсулот сарфгардида ба худ ҷалб менамояд. Ин миқдорро баъзан *арзиши аслии маҳсулот* ҳам мегӯянд.

**Миқдори хароҷоти миёна:** **AC = TC : q** AC — хароҷоти умумӣ; *q* — миқдори маҳсулот.

Миқдори хароҷоти миёна бо роҳи ба ҷамъи миқдори маҳсулоти истеҳсолшуда тақсим намудани миқдори умумии хароҷот муайян карда мешавад.

Масалан, бигузор фирма барои дар муддати як моҳ истеҳсол кардани 5000 ҳазор дона маҳсулот ба миқдори 350 000 000 сӯм маблағ (харҷи умумӣ) ҷудо карда бошад. Дар ин маврид хароҷоти миёнаи умумие, ки барои истеҳсоли як дона маҳсулот сарф мешавад, 70 000 сӯмро ташкил медиҳад. (AC = TC : q = 350 000 000 сӯм : 5 000 дона = 70 000 сӯм). Ин нишондиҳанда тадбиркорро огоҳонида меистад, то ки маҳсулот дар ҳолати мазкур бо нархи на аз 70 000 сӯм камтар фурӯхта шавад, вагарна ҳеҷ гуна даромад ба даст намеояд. Яъне, ба нархи истеҳсол, шартии маҳсулот 70 000 сӯм ба миқдоре, ки аз пайвастшавии фоидаи муайян ҳосил мегардад, баробар мешавад.

Лекин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот баъди аз миқдори муайяншуда вусъат ёфтан боз ҳар чӣ қадар зиёдтар шудан гирад, хароҷоти миёна ба ҷои пастравӣ боз афзудан мегирад. Ҳаҷми мазкури миқдори истеҳсоли маҳсулот барои фирма нишондиҳандаи аз ҳама маъқул ба ҳисоб меравад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

**1.** Маблағҳои асосӣ ва гирдгардони фирма аз чиҳо ташкил меёбанд?
**2.** Манбаъҳои дохилӣ ва берунии бо молия фарогирии фирмаро гӯед.
3. Маблағи ҷудошудаи амортизатсия чист?
4. Хароҷот бинобар кадом хусусиятҳо доимӣ ё тағйирёбанда номида мешавад?
**5.** Харҷҳои доимӣ ва тағйирёбандаи нонпазро номбар кунед.
**6.** Хароҷоти миёна чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?
**7.** Масъала: Корхона 400 000 000 сӯм хароҷоти умумӣ кардааст. 38 %-и он хароҷотҳои тағйирёбанда аст. Хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбандаро ёбед.

**Дар хотир доред!**

- Фирма маблағҳои асосӣ ва гирдгардон дорад.
- Манбаъҳои дохила ва берунаи маблағҳои фирма ҳастанд.
- Фирма барои сарпур кардани маблағгузории асосӣ ва нав кардани воситаҳои асосӣ бунёди амортизатсия ташкил мекунад.

# МАВЗӮИ 6 ДАРОМАДИ УМУМӢ, ФОИДА ВА ЗАРАР










## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Анварака ва Ҷамилаопа бо мақсади интихоби намуди соҳибкорӣ барои шуғл варзидан натиҷаҳои фаъолияти шабакаҳои соҳибкориро омӯхтанд ва онҳоро байни ҳамдигар муқоиса карданд.

Анварака гуфт: “Фотостудия камтар даромад овардааст, лекин фоидаи гирифтааш хеле хуб аст, даромади сехи қаннодӣ хеле бисёр, аммо ба ҳамон мувофиқ хароҷотҳояш ҳам бисёр будааст”. Ҷамилаопа ҳам ба муҳокима пайваст шуд: “Хароҷоти салони либосҳои тӯй зиёд аст, лекин даромадаш ҳам мувофиқи он зиёд мешудааст. Хароҷоти салони зебоӣ кам аст, лекин фоидааш хеле хуб мебошад”.

1. Шумо аз суҳбати онҳо чиро фаҳмидед? Намуди соҳибкории даромадаш бисёр, аммо хароҷоташ ҳам калон хуб аст ё намуди соҳибкории хароҷоташ кам, лекин даромадаш ҳам хурдтар маъқул аст?

2. Ҷаро онҳо баъзе намудҳои соҳибкориро даромадноктар, баъзеашро бошад, фоиданоктар гуфта таъкид мекунанд?

3. Оё медонед, ки дар бобати баъзе намудҳои соҳибкорӣ “ба соҳибаш зарар овард” гуфта таъкид кардани одамон чиро мефаҳмонад?

4. Бо назардошти шароити ҷойи зисти худ ба Анварака ва Ҷамилаопа чӣ гуна маслиҳат медодед?

http://eduportal.uz

Ҷамъи воридоти пулие, ки фирма дар як мӯҳлати муайян аз фурӯши маҳсулоту адои хизмат ба даст меорад, *даромади умумӣ* номида шуда, бо TR — ҳарфҳои аввали калимаҳои англисии «total revenue» (даромади умумӣ) ишора карда мешавад. Агар миқдори фурӯхташудаи маҳсулот (q) ва нархи миёнаи фурӯши як донаи маҳсулот (p) маълум бошад, даромади умумӣ ин тавр муайян карда мешавад:

**Даром. умумӣ** = **Нархи миёнаи фурӯши мол** x **Миқдори моли фурӯхташуда**

Масалан, фирмаи қаннодӣ дар як моҳ 8000-то торт тайёр карда, онҳоро 45 000 сӯмӣ фурӯхта бошад, даромади моҳонаи фирма ба 360 000 000 сӯм баробар мешавад. Яъне, даромади умумӣ – 45 000 · 8000 = 360 000 000 сӯм.

*Фоида* — ин фарқи байни ҷамъи даромадҳое, ки дар муддати муайян ба даст овардааст ва хароҷотҳои умумии он буда, бо ҳарфи аввали калимаи англисӣ «profit» (фоида) P ишора карда мешавад. Агар фарқ аломати манфӣ дошта бошад, сухан на дар бораи фоида, балки зарар меравад.

**Фоида** = **Даромади умумӣ** – **Харҷи умумӣ**

Хароҷоти дар ҳамон моҳ кардаи фирмаи қаннодии дар боло овардашуда ба 240 000 000 сӯм баробар бошад, фирма дар як моҳ 120 000 000 сӯм фоида дидагӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, фоида = 360 000 000 сӯм – 240 000 000 сӯм = ба 120 000 000 сӯм баробар аст.

**Даромади умумӣ** — воридоти пулӣ, ки фирма аз фурӯши маҳсулот ба даст меоварад.

**Фоида** — ин фарқи байни ҷамъи даромадҳоест, ки корхона дар муддати муайян ба даст оварда шудааст ва хароҷотҳои умумии он.

Масалан, хароҷотҳои моҳи овардашудаи фирмаи болоӣ 240 000 000 сӯм нест, 390 000 000 сӯм бошад. Дар он ҳол даромади умумӣ – Хароҷоти умумӣ = 360 000 000 – 390 000 000 = ба натиҷаи манфии баробар ба – 30 000 000 сӯм соҳиб мешавем. Ин бошад, дар ҳамон моҳ 30 000 000 сӯм зарар дидани фирмаро мефаҳмонад.

**Зарар** – фарқи манфии байни даромади умумӣ ва хароҷоти умумии корхона дар вақти маълум.

Фоида дар шароити иқтисоди бозаргонӣ нишондиҳандаи натиҷабахшии фаъолияти фирма буда, дар баҳодиҳию арзёбии амалии он нишондиҳандаи муҳими иқтисодӣ ба шумор меравад. Яке аз мақсадҳои асосии бо тадбиркорӣ шуғл варзидан ин пеш аз ҳама ба даст овардани фоида мебошад. Фоидаеро, ки тадбиркор аз таваккалона ба кор андохтани маблағи худ ба даст медарорад, ҳамчун мукофот ҳисобидан мумкин аст. Аз тарафи дуюм, фоида вазифаи «термометр»-и корхонаро адо мекунад. Агар корхона ба миқдори калон фоида ба даст оварад,

**ФОРМУЛА**

**Даромади умумӣ**

$$TR = p \cdot q$$

**Фоида**

$$P = TR - TC$$

пас маълум мешавад, ки он солим ва хуб фаъолият дорад. Вакте ки корхона зарар мебинад, пас маълум мешавад, ки кор хуб нест. Аз тарафи сеюм, фоида аз чӣ ва чӣ қадар омаданаш, инчунин зарурати дар кучо сарф карданро нишон медиҳад. Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ кадом маҳсулот бисёртар фоида меорад, ҳамонро бештар истеҳсол мекунанд ва баръакс. Барои ривоҷ додани ягон соҳа сарф кардани маблағро иқтисоддонҳо *инвеститсия* ё *сармоягузорӣ* меноманд.

**Ҷадвали даромади фотостудия, моҳи август**

| Фотостудияи 1 | | Номи маҳсулот | Фотостудияи 2 | |
|---|---|---|---|---|
| Адад, дона | Нарх, сӯм | | Адад, дона | Нарх, сӯм |
| 280 | 1 200 | Расм барои ҳуҷҷат | 350 | 1 000 |
| 480 | 800 | Сурати бадеӣ | 200 | 700 |
| 120 | 3 000 | Портрет (30х40 см) | 80 | 3 000 |
| 4 | 250 000 | Фотоалбоми тӯй | 10 | 150 000 |
| 80 | 20 000 | Винеткаи хатмкунандагон | 120 | 12 000 |
| 20 | 50 000 | Хизмат дар маросимҳо (соат) | 30 | 35 000 |
| ___________ сӯм | | **Ҷамъ** | ___________ сӯм | |

**Ҷадвали хароҷоти фотостудия, моҳи август**

| Адад, сӯм | Номи хароҷот | Адад, сӯм |
|---|---|---|
| 1 500 000 | Ҳаққи иҷора | 800 000 |
| 1 200 000 | Мавод | 1 650 000 |
| 180 000 | Пардохти коммуналӣ | 160 000 |
| 1 500 000 | Музди коркунон | 1 250 000 |
| 100 000 | Реклама | 250 000 |
| 450 000 | Дигар хароҷотҳо | 350 000 |
| ___________ сӯм | **Хароҷоти умумӣ** | ___________ сӯм |

Фотостудияи 1 дар маркази шаҳр, фотостудияи 2 дар канори шаҳр ҷойгиранд.

1. Даромади умумӣ ва хароҷоти фотостудияҳоро ҳисоб кунед. Онҳоро муқоиса намоед.
2. Таркиб ва нархи маҳсулоти фотостудияҳоро муқоиса кунед. Сабаби фарққунии онҳоро эзоҳ диҳед.
3. Таркиби хароҷоти фотостудияҳоро таҳлил кунед.
4. Ба фикри шумо ҳар як фотостудия барои беҳтар кардани натиҷаи фаъолияти худ чӣ кор бояд кунад?
5. Фоидаи ҳар як фотостудияро ҳисоб карда байни ҳам муқоиса намоед.



http://eduportal.uz

Фоидаро бо ду усул, якум, аз ҳисоби вусъат додани даромади умумӣ ва дуюм, кам намудани хароҷоти умумӣ зиёд кардан мумкин аст.

Фоидаи фирма ба таври зайл истифода карда мешавад:

– қисми ба давлат дахл доштааш ба тариқи андози иҷборӣ ба ҳисоби вай пардохта мешавад; як қисми он бо мақсади рушд додани фаъолияти фирма, барои васеъ намудани истеҳсолот, харидани таҷҳизоти гуногун, сохтани биноҳо ва иншоотҳо сарф карда мешавад;

**Саромоягузорӣ (инвеститсиякунонӣ)** — сарф кардани маблағ ба мақсади рушд додани истеҳсолот.

Мақсади ҳар як фирма гирифтани фоидаи ночиз набуда, балки то ҳадди имкон зиёдтар гирифтани он, яъне ба дараҷаи максималӣ расонидани фоида мебошад.

– қисми боқимондаашро бошад, соҳибони фирма ба сифати фоида аз они худ менамоянд ва инчунин ба саҳмиядорон ба сифати ҳаққи саҳмия тақсим карда медиҳанд.

**Машқ**

Фирма 2000 дона маҳсулоташро ба бозор баровард ва дар давоми як ҳафта 25%-и онро ба нархи 1000 сӯмӣ, 45%-ро – 1200 сӯмӣ ва боқимондаашро бо нархи 900 сӯмӣ фурӯхт. Фирма дар давоми ҳафта чанд сӯм даромад кард? Он ҳар як донаи маҳсулоташро ба ҳисоби миёна чанд сӯмӣ фурӯхт? Агар фирма аз фурӯши молаш 560000 сӯм фоида ба даст оварда бошад, хароҷоти умумии ҳафтаинааш чанд сӯмро ташкил кардааст? Маблағе, ки фирма барои истеҳсоли як дона маҳсулот сарф кардааст, ба ҳисоби миёна чанд сӯмро ташкил додааст?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Фарқи фоидаю даромад аз чӣ иборат аст?
2. Ду омилеро номбар намоед, ки онҳо барои тадбиркорӣ муҳим будани фоидаро нишон медиҳанд.
3. Афзудани даромад оё мудом маънон афзудани фоидаро медиҳад? Чаро?
4. Вазъияти иқтисодии фирмаро аз чӣ мушоҳида кардан мумкин?
5. Баробари нархи молро арзон кардан оё фоидаро зиёд намудан мумкин? Чӣ тавр?
6. Фоидаи фирма ба кадом мақсадҳо истифода бурда мешавад?

**Дар хотир доред!**

- Фоидаеро, ки тадбиркор аз маҳрумиятҳои бизнес ва аз таваккалона ба кор андохтани маблағи худ ба даст меоварад, ҳамчун мукофот ҳисобидан мумкин аст.
- Барои соҳиби фирма даромад не, бештар фоида гирифтан муҳим аст.

# МАВЗӮИ 7 ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ






## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Бигузор, сехи пойафзор соли 2012-ум 20 миллион сӯм фоида гирифта бошад. Он соли 2015-ум 23 миллион сӯм фоида гирифт. Соли 2018 бошад, фоида 30 миллион сӯмро ташкил дод.

Соли 2015 нархҳо нисбати соли 2012 ба 18 фоиз қимат шуданд. Соли 2018 бошад, 30 фоиз боло рафтаанд.

1. Соли 2015 тадбиркор 23 миллион сӯм фоида гирифта, чун 20 миллион сӯми соли 2012 оё мол харида, адои хизматро ба ҷо оварда метавонад? Чаро ин тавр?
2. Ба 30 миллион сӯми соли 2018 чун 20 миллион сӯми соли 2012 мол харида ва адои хизматро ба ҷо оварда метавонад? Чун 23 миллион сӯми соли 2015-чӣ?
3. Баробари ба эътибор гирифтани онҳо чӣ тавр меҳисобед: дар ҳақиқат, фоидаи фирма оё соли 2015 зиёд шудааст? Соли 2018-чӣ?

Ҳангоми ҳисобкунии даромади фирма аз фурӯши маҳсулот миқдори моли фурӯхташуда ба нархи бозории ҳамонвақтаи фурӯши мол зарб зада мешавад. Даромади солонаи фирма бошад, аз суммаи ана ҳамин даромадҳо иборат аст. Агар даромади соли ҷории фирмаро бо даромадҳои солонаи дигар солҳо қиёс карданӣ бошем, мо бояд чӣ гуна роҳро пеш гирем?

Дар натиҷаи инфлятсия нархи молҳо тағйир ёфтаанд. Ин, дар навбати худ ҳарчанд истеҳсолгарон миқдори истеҳсоли маҳсулотро кам накарда бошанд ҳам, боиси дигаргунии даромад мегарданд. Оқибат, ба тағйирёбии даромади фирма ҳам меоварад. Аз ин рӯ, лозим меояд, ки мафҳумҳои даромади воқеӣ ва фоидаи воқеӣ истифода бурда шаванд. Даромаду фоидаи фирма бо нархҳои ҷорӣ *даромади номиналӣ* ё ки *фоидаи номиналии фирма* гӯён ба забон гирифта мешаванд. Ба ҳисоб гирифтани даромаду фоидаи фирма нисбати нархҳои тағйирёбанда, ба таври мос, даромади воқеӣ ё ки фоидаи воқеии фирма мегардад. Миқдори воқеии фоидаи фирма бо ёрии формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:



http://eduportal.uz

$$P_r = \frac{P_n}{I}$$

Дар инчо: $P_r$ — микдори вокеии даромад;
$P_n$ — микдори номиналии даромад;
$I$ — баландшавии дарачаи нархҳо.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти фирма дар муддати муайян мавчуданд. Яке аз онҳо мафҳуми самаранокӣ (фоидагирӣ) мебошад. Самаранокии фирма гуфта, нисбати микдори фоидаро дар муддати муайян бар харочотҳо дар ҳамин муддат меноманд.

**Микдори номиналии фоида** – ифодаи пулии даромади солона.

**Микдори вокеии даромад** – нархи хариди ягон фоидаи солона нисбат ба нарх.

Масалан, фирмаи «Шердор» дар давоми моҳ 30 000 000 сӯм харочот карда, 7 500 000 сӯм фоида дид. Яъне, самаранокии он ба $R = P_r : TC =$ 75000000 : 30000000 = 0,25 ё 25% баробар аст. Одатан самаранокиро бо фоизҳо ифода мекунанд. Нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти фирма ба 25% баробар буданаш нишондиҳандаҳояш хуб ба шумор меравад.

$$R = \frac{Pr}{TC} \cdot 100\ \%$$

Дар ин чо: R — самаранокӣ;
$P_r$ — микдори даромад;
TC — микдори харочот.

**Машк**

Фирма моҳи якум 20 000 000 сӯм харочот карда, 25000000 сӯм даромад гирифт. Моҳи дигар бошад, 25 000 000 сӯм харочот карда, 30 000 000 сӯм фоида гирифт. Дар кадом моҳ самаранокии кори фирма баланд буд?

Натичаҳои фаъолияти фирма дар муддати муайян дар ҳисоботи он оиди фоидаю зарараш қайд мешавад.

Барои ривочи кори корхона бо як маром давр задани маблағҳои гирдгардон аҳамияти муҳим дорад. Ин тақозо дорад, ки чараёни аз истеҳсоли маҳсулот то фурӯши он оқилона идора карда шавад. Коҳиши микдори маблағҳои гирдгардон ба камшавии ҳачми истеҳсолот меорад. Ҳар чӣ қадар маблағҳои гирдгардон тезтар давр зананд, даромади корхона ҳамон қадар меафзояд.

Ҳамин тариқ, муаммои калонтарини ҳар як тадбиркор аз таъмин намудани бо маром давр задани маблағи даврӣ, кӯшиш барои зиёд кардани микдор ва баланд кардани суръати гардиши он иборат аст. Баъзан дар бисёр ҳолат дар



http://eduportal.uz

натиҷаи амали ғайридурандешона корхона бе маблағҳои гирдгардон мемонад. Дар ин маврид агар чораҳои молиявӣ ба кор андохта нашаванд, дар корхона истеҳсолот боздошта мешавад.

Маълум аст, ки корхона маҳсулот мебарорад ё не, ба хороҷотҳои муайян бояд маблағ сарф кунад. Бинобар ин, қатъ гардидани истеҳсолот бо мурури замон корхонаро ба қарз ғӯтонида, ба буҳрон меорад. Қарзҳо

> **Самаранокии фаъолияти фирма** — нисбати миқдори фоидаи дар муддати муайян гирифта фоида бар миқдори умумии хароҷотҳо дар ҳамин муддат мебошад.

то дараҷае мерасанд, ки корхона аз ӯҳдаи додани он набаромада мемонад. Дар ин маврид *муфлисии (банкрот)* корхона эълон карда мешавад. Молу мулки корхона ба фурӯш, одатан ба савдои «Кӣ бештар» (музояда) гузошта мешавад. Пулҳое, ки аз фурӯш ба даст меоянд, барои додани қарзҳои давлат ва фирмаҳои дигар истифода мегарданд.

Дар республикаи мо Қонун «Дар бораи муфлисӣ» соли 1994 қабул карда шудааст. Дар он роҳу равиши «банкрот» эълон шудани корхонаи қудрати қарзҳоро дода натавонанда муайян карда шудааст.

Корхонаю фирмаҳо пас аз бо қарори шӯрои муассисон муфлис эълон шуданаш барҳам мехӯрад. Барҳам додани фирма мувофиқи оинномаи фирма ва қонунҳои дар амал буда ба иҷро мерасад. Ҳангоми барҳам хӯрдани корхона пас аз пардохтани қарзҳои давлат, фирмаҳо ва ташкилотҳо молу мулк ва маблағҳои боқимонда байни муассисон мувофиқи оинномаи он тақсим карда мешавад. Пас аз баромадани қарори ҳокимияти шаҳр (ноҳия) корхона барҳамхӯрда ҳисоб меёбад.

> **Муфлисӣ (банкротӣ)** — ҳолати қарзҳои давлатӣ ва фирмаҳои дигарро дода натавонистани фирма.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Миқдори воқеии фоидаи фирма чист? Он чӣ гуна ҳисоб карда мешавад?
2. Таҳлили натиҷаи фаъолияти фирма барои чӣ лозим аст?
3. Самаранокиро бо тарзи дигар чӣ тавр таъриф додан мумкин?
4. Аҳамияти маблағҳои гирдгардонро барои фаъолияти иқтисодии фирма фаҳмонед.



http://eduportal.uz

5. Дар натиҷаи ҷамъбасти солона фоидаи фирма 23 000 000 сӯм, самаранокиаш бошад, 20%-ро ташкил дод. Миқдори сарфу хароҷотҳои солонаи фирмаро ёбед.
6. Сабабҳои ба муфлисӣ овардани фирмаро баён кунед.
7. Барои шикаст нахӯрдани фирма чӣ бояд кард?
8. Қарзҳои фирмаи муфлисгардида чӣ тавр пардохта мешаванд?
9. Фирма кай бархамхӯрда ҳисобида мешавад?

## Супориш

| Нишондиҳандаи солонаи фирма, бо сӯм | соли 1 | соли 2 | соли 3 |
|---|---|---|---|
| Даромади умумӣ | 300 млн | 450 млн | 600 млн |
| Хароҷотҳои умумӣ | 150 млн | 200 млн | 300 млн |
| Миқдори номиналии фоида | | | |
| Индекси зиёдшавии нархҳо (нисбат ба соли 1-ум) | 1,0 | 1,25 | 1,5 |
| Миқдори воқеии фоида | | | |

Дар асоси ҷадвали боло:

1. Миқдори воқеии фоида бо тақсим кардани қимати номиналӣ ба дараҷаи афзоиши нархҳо ёфта мешавад. Аз ин қоидаҳо истифода бурда, катакҳои холии ҷадвалро пур кунед.
2. Кадом сол кори фирма бобарортар будааст? Барои чӣ?
3. Барои дониста гирифтани самаранокии фаъолияти фирма ҳар як соли фаъолияти онро арзёбӣ кунед ва бо ҳам қиёс намоед.
4. Сабабгори сол то сол зиёдшавии хароҷотҳои фирма дар чист?
5. Хароҷотҳои умумӣ аз ҳисоби кадом маблағҳо зиёд карда мешаванд?

## Дар хотир доред!

• Миқдори воқеии фоидаи фирма баробари ба эътибор гирифтани нархҳои тағйирёбанда ҳисоб карда мешаванд.

• Ҳангоми ҳисобкунии самаранокии фаъолияти фирма миқдори фоида ва хароҷот ба ҳисоб гирифта мешавад.

• Гардиши сусти маблағҳои гирдгардон барои фирма зарар ба ҳисоб меравад.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 8 ИДОРАКУНИИ ФИРМА – МЕНЕҶМЕНТ













## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар расми 1 дар сехи қандалотпазӣ 5 нафар, дар расми 2 дар банк хизмат кардани 35 нафар корманд дар расми 3 дар фабрикаи бофандагӣ 300 нафар коркун, дар расми 4 дар завод бошад, меҳнат кардани 2000 нафар коргар тасвир ёфтааст.

1. Ба фикри шумо ин корхонаҳо чӣ тавр идора карда мешаванд?
2. Миқдори коркунони назораткунандаи корҳои онҳо ба чӣ вобаста аст?
3. Маънои мафҳумҳои менеҷмент ва менеҷерро медонед?
4. Дар корхона мавҷуд будани низоми идора то чӣ дараҷа муҳим аст?

Маълум аст, ки ҳар фирма бо ягон мақсади муайян кор мебарад. Барои расидан ба ин мақсад фирмаро идора бояд кард. Ҷараёни идоракунӣ – *менеҷмент* номида мешавад (аз калимаи англисии «management» гирифта шуда, маънои «идоракунӣ»-ро мефаҳмонад). Фан дар бораи идоракунӣ низ менеҷмент номида шуда, усул, шакл ва воситаҳои идоракуниро меомӯзад.

Истеҳсоли маҳсулот дар фирма ҷараёни бисёрҷанбавӣ буда, ҳар як ҷабҳаи он идоракуниро талаб мекунад. Масалан, идоракунии кормандон, воситаҳои истеҳсолот, захираҳои моддӣ, маълумотҳо, маблағҳои молиявӣ ва ғайра.

Идоракунӣ бевосита аз ҷониби касе ба амал бароварда мешавад. Шахсе, ки дар фирма кор карда, дар бораи идоракунӣ маълумот дорад, корбаранда

http://eduportal.uz

**Менеҷмент** – фаннест, ки усул, шакл, воситаҳои ба ягон мақсади муайян расидан ва тамоюлҳои идоракуниро меомӯзад.

ва идоракунанда аст, *менеҷер* номида мешавад. Роҳбар ё менеҷер 70–80 фоизи вақти кориро барои мулоқот бо одамон сарф мекунад. Аз ин рӯ, менеҷерро ба маънои том идоракунандаи фаъолияти коргарони дар зери дасташ коркунанда ба воситаи мулоқоти байниҳамдигарӣ меноманд.

Менеҷер барои ба мақсади худ расидан бояд пай дар пай чунин вазифаҳоро иҷро намояд: 1. Ба нақшагирӣ; 2. Ташкилдиҳӣ; 3. Роҳбарӣ кардан; 4. Назорат кардан.

**Менеҷер** – роҳбар ё сардори идора, ки дар соҳаи идоракунӣ дониши махсус дорад.

Дар марҳалаи ба нақшагирӣ менеҷерҳо мувофиқи мақсади ба пеш гузоштаи корхона нақша ва барномаҳои дурнаморо тартиб медиҳанд. Барои иҷрои нақша кори ҳамаи шӯъбаҳои корхона ҳамоҳанг карда мешавад. Менеҷерҳо кори онҳоро ташкил мекунанд, ба онҳо бевосита сарварӣ намуда, иҷрои фаъолиятро таҳти назорат мегиранд. Кормандонро барои расидан ба мақсади дар пеш истодаи корхона даъват мекунанд ва ҷамоаро ба ин сафарбар менамоянд.

Дар идоракунии фирма соҳиби салоҳияти баланд будан, амиқ донистани дониш, ба ҳусни худ соҳиб, аз ҷиҳати маънавӣ баркамол будан, хушмуомилагӣ ва баланд будани маданияти ҳарфзании менеҷер аҳамияти калон касб мекунад.

Вобаста ба хурдиву калонии фирма сохти гуногуни идоракунӣ ба роҳ монда мешавад. Фарз мекунем, ки соҳиби мағозаи хурдакак  бо касе кор мекунад. Дар ин маврид муносибати байни идоракунанда ва зердасташ, чуноне ки дар нақшаи 8.1 тасвир ёфта, мешавад. Ин сохт – сохти ташкилии содда номида мешавад. Агар сохти идоракунии ягон супермаркетро, ки аз якчанд шӯъба иборат аст, тасаввур кунем, сохти он (зинаҳои идоракунӣ) мураккабтар мешавад. Онро схемавӣ  чун дар нақшаи 8.2 тасвир кардан мумкин аст. Фарқи ин сохт аз аввала на танҳо бо зиёд будани шумораи кормандон, балки аз якчанд қисм  иборат будани дараҷаи поёнӣ низ аён аст. Дар ин ҷо қисме аз коргарон ва кормандон бевосита на ба соҳиби мағоза, балки ба менеҷерҳои идоракунандаи шӯъбаҳои хурд итоат мекунанд.

Агар фирма ба ғайр аз хариду фурӯш бо истеҳсол ҳам машғул шавад, низоми ташкилии он боз ҳам мураккабтар мешавад.



http://eduportal.uz




Накшаи 8.1




Накшаи 8.2

**Усули автократӣ,** яъне мутлақ. Дар ин маврид раҳбар ба фикри дигарон эҳтиёҷ надорад, балки фармон дода иҷрояшро назорат мекунад. Мувофиқи ин усул ҷамъи фирмаҳо мутамарказ буда, байни кормандон алоқа вуҷуд надорад.

**Усули бюрократӣ** (коғазбозӣ). Ин усул яке аз намудҳои усули болоӣ буда, кори фирма дар асоси фармоишҳо, нишондодҳо ва коғазҳои расмие, ки аз боло меоянд, идора карда мешавад. Мувофиқи ин усул корхона на ба ташаббус, балки ба коғаз таваҷҷӯҳ дорад.

**Усули демократӣ.** Дар ин маврид ҳамаи аъзоёни ҷамоа дар ҷараёни қабулкунии қарор ширкат меварзанд. Фикри ҳар як аъзо ба эътибор гирифта мешавад ва онҳо барои ба кори умумӣ ҳиссае гузоштаашон қаноат ҳосил мекунанд. Дар ин гуна ҷамоаҳо одамон одатан ба натиҷаи кори худ ҳавасманд гардонда мешаванд. Вазифаи асосии роҳбар ба ташаббускорӣ равона кардани аъзоёни ҷамоа ба шумор меравад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Менеҷмент гуфта чиро мефаҳмед?
2. Менеҷментҳо соҳибони чӣ гуна касбанд? Дар бораи фаъолияти онҳо ҳарф занед.
3. Фарз мекунем, ки Шумо ҷашни «Наврӯз»-ро дар мактаб мегузаронед. Аз чӣ корро сар карда, бо чӣ тамом мекардед?
4. Яке аз қоидаҳои асосии идоракунӣ – «мақсад самти ҳаракатро муайян месозад»-ро чӣ тавр мефаҳмед? Барои чӣ дар идоракунӣ мақсад аз ҳама асосист?
5. Нақшаи сохти (зинаҳои) идоракунии мактабро кашед ва шарҳ диҳед.
6. Бартарӣ ва камбудии ҳар як усули идоракуниро гӯед.
7. Барои идоракунии қисми ҳарбӣ шумо кадом усулро интихоб мекардед? Чаро?

http://eduportal.uz

## Супориш




Нақшаи 8.3




Нақшаи 8.4

Фарз мекунем, ки шумо сарвари фирма буда, дар мағозаатон се хел маҳсулоти қаннодии истеҳсолкардаатон фурӯхта мешавад. Дар зери дасти шумо 30 нафар коргар кор мекунад. Ҷойгиршавии ҳудудии фирмаи шумо дар нақшаи 8.3 дода шудааст. Баробари истифода аз он дар бораи ташкили ҷараёни истеҳсолот нақл кунед.

1. Фирма аз чанд ва кадом шӯъбаҳо иборат аст?
2. Дар ҳар шӯъба чанд корманд кор мекунад?
3. Кормандони ин шӯъбаҳоро кӣ сарварӣ мекунад?
4. Роҳбари шӯъбаҳо ба кӣ итоат мекунанд?
5. Нақшаи «зинаҳои идоракунӣ»-ро, ки дар он пайдарпайии тобеият — аз худатон то корманди оддӣ тасвир ёфтааст (чун дар нақшаи 8.24) кашед ва шарҳ диҳед.

## Дар хотир доред!

- Фирма ҳар чӣ қадар калону серсоҳа бошад, низоми идораи он ҳамон қадар мураккаб мегардад.
- Усулҳои автократӣ, бюрократӣ ва демократии идоракунӣ мавҷуданд.
- Идоракунандагони фирма менеҷер номида мешаванд.
- Менеҷмент фан оид ба идоракунист.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 9 МАРКЕТИНГ



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Яке аз маҳсулотеро, ки дар расмҳои болоӣ тасвир ёфтаанд, интихоб намоед. Ба фикри Шумо фирмае, ки онро истеҳсол кардааст, барои фурӯшаш дар бозор кадом тадбирҳоро бояд андешад?
2. Кадоме аз ин тадбирҳоро пеш аз истеҳсоли маҳсулот, кадомашро сонитар андешидан лозим аст?
3. Ин маҳсулотро чӣ тавр реклама мекардед?

Маркетинг аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънои «фаъолияти таллуқи бозорӣ»-ро медиҳад. Дар иқтисодиёт *маркетинг* гуфта, фаъолиятро дар шароити бозаргонӣ омӯхтани эҳтиёҷи истеъмолгарон, хизматрасонӣ ва таъминот бо маҳсулот меноманд. Гуфтан ҷоиз аст, ки мақсади асосии аз маркетинг пешбиникардаи фирма муайян намудани эҳтиёҷи истеъмолгарон, онро ҳар чӣ қадар зиёдтар қонеъ карда, фоида гирифтан аст. Шахсонеро, ки бо фаъолияти маркетингӣ шуғл меварзанд, *маркетологҳо* меноманд.

**Маркетинг** – муайян намудани эҳтиёҷи истеъмолгарон дар шароити бозор ва фаъолияти қонеъ гардонидани он.

**Маркетолог** — мутахассисест, ки бо фаъолияти маркетингӣ шуғл дошта, дорои дониши махсус мебошад.

Тамоми фаъолияти истеҳсолии фирма бояд дар асоси тадқиқоти маркетингӣ ташкил карда шавад. Мақсад аз тадқиқоти маркетингӣ ҷавоб ёфтан ба саволҳои дар назди фирма истода – чӣ истеҳсол намудан, чӣ қадар истеҳсол намудан, ба кадом нарх фурӯхтан, барои кӣ истеҳсол намудан, ба кадом бозор бурда фурӯхтан иборат аст. Тадқиқоти маркетингӣ асосан ба чор марҳала тақсим мешавад: омӯзиши номгӯи маҳсулот (бозор), нархгузорӣ, реклама, интихоби ҷои фурӯши маҳсулоти баровардашаванда.

http://eduportal.uz

Дар зинаи мазкури маркетинг нархи фурӯши маҳсулот муайян карда мешавад. Нархи фурӯши маҳсулотро чунон муайян кардан лозим аст, ки он дар вақташ фурӯхта шавад, яъне ба харидани ин маҳсулот қурби истеъмолгарон расад.

Муайян намудани хоҳиши истеъмолгарон ба хариди кадом ва чӣ хел маҳсулот, пурсишҳои анкетавӣ, сӯҳбат, истеҳсоли маҳсулот мувофиқи эҳтиёҷи истеъмолгарон, ба нақша гирифтан ва ривоҷ додан, ба миқдор ва дараҷаи кофӣ, босифат истеҳсол кардани маҳсулот вобаста аст.

Дар ин зина расондани маълумотҳо оиди фирма ва маҳсулот тавассути васоити ахбор ва тадбирҳо ба истеъмолгарон амалӣ мешавад. Рекламаи дуруст метавонад ҳаҷми фурӯши маҳсулотро якбора зиёд кунад. Тадбирҳои рекламавӣ бо роҳҳо ва воситаҳои гуногун ба амал оварда мешаванд. Реклама бевосита оиди маҳсулот, фирма ва ё ягон тадбир буда метавонад. Маълумотҳои гуногун дар бораи маҳсулот, фирма ва тадбирҳо тавассути радио, телевизор, интернет ва дигар шабакаҳои робита, рӯзномаю маҷаллаҳо, овезаҳои сутун ва деворҳои биноҳо, эълон, плакатҳо ба эътибори истеъмолчиён ҳавола карда мешавад.

Мақсади асосии рекламаи мол:

– додани маълумот ба истеъмолгарон дар бораи моли нави ба фурӯш омада;

– додани маълумот дар бораи кадом эҳтиёҷи истеъмолгаронро қонеъ гардонидани ин мол;

– ташаккул ва ҳавасманд гардонидани талаботи харидории истеъмолгарон.

**Реклама** – тадбирест, ки ба воситаи он ба истеъмолгарон оиди маҳсулот маълумот дода шуда, байни истеъмолгарон ташвиқот мебарад.

Дар фаъолияти ниҳоии маркетинг барои фурӯши маҳсулот ҷой ва вақти ҳам ба фурӯшанда ва ҳам ба харидор қулай интихоб карда мешавад. Илова бар ин фирма ҷораю тадбирҳое меандешад, ки дар бозор ҷои худро ёфта, ҷойгир шавад. Роҳи овардани маҳсулот, ҷои фурӯш ва нигоҳдории он дар бозор муайян карда мешавад. Фурӯшандагонро баҳри баланд бардоштани талабот ба моли фирма ва ҳавасманд кардан бо шаклҳои хизматрасонӣ то харид ва фурӯши мол шинос мекунанд. Маълум аст, ки барои самараи кори маркетинг мавқеи маълумотҳои бозорӣ хеле муҳим аст. Инкишофи босуръати технологияи ҳозиразамони ахбори умум, аз ҷумла Интернет барои ривоҷёбии маркетинг омили муҳим аст. Имрӯзҳо фаъолияти маркетинг васеъ гардида, самаранокии он баланд мешавад.

Бинобар фурӯши мол корхонаи фурӯшанда одатан ду хел стратегия – роҳро корбаст мекунад. Якуми онҳо – ин PUSH – стратегия (PUSH – инглисӣ буда, маънои такон доданро дорад). Дар маркетинги PUSH барои худи маҳсулотро бевосита ба истеъмолгар намоиш додан ва бо ин роҳ ба гузарондани ин маҳсулот

ҳаракат карда мешавад. Ба сифати мисоли оддитарини маркетинги PUSH амалҳое мисли дар витринаи дукон молҳоро қатор гузоштан, ба молҳо маҳдудиятҳо тақдим карданро овардан мумкин.

**Дар ин бора андеша ронед!**

Оё Шумо рекламаро дар телевизор тамошо мекунед? Дар бораи сифати он чӣ гуфта метавонед? Кадоме аз рекламаҳои дидаатон Шуморо ба харидани моле дар вақти сипаришуда ҳидоят намудааст?

Дар маркетинги PUSH бо кори аз истеҳсолкунанда ба харидор расондани мол ташкилотҳои савдои воситагар ҳам машғул мешаванд. Ташкилотҳое, ки молро аз истеҳсолкунанда харида гирифта, бо ҳаҷми зиёд мефурӯшанд, ташкилотҳои савдои яклухт меноманд. Онҳо молро бо нархи яклухт (кӯтара) мефурӯшанд. Онҳое, ки молро донагӣ ё бо ҳаҷми хурд ба истеъмолгарон мефурӯшанд, ташкилотҳои савдои чакана номида мешаванд. Дӯконҳои савдо ташкилотҳои савдои чакана мебошанд. Истеҳсолкунанда вақте ки маҳсулоташро бевосита ба истеъмолгар ё савдогари яклухт фурӯхтанӣ мешавад, ӯ ба таннархи мол иловагии худро изофа мекунад ва бо нархи истеҳсолот мефурӯшад.

Савдогарони яклухт бошад, ба ин нарх иловагии худро изофа мекунанд ва онро бо нархи яклухт мефурӯшанд. Савдогари чакана ба ин нарх боз иловагии худро изофа мекунад ва бо нархи чакана мефурӯшад. Ҳамин тариқ нарх афзоиш меёбад. Одатан нархи чаканаи мол аз нархи яклухт, нархи яклухт бошад, аз нархи истеҳсолот баланд мешавад.

Бинобар ташкил кардани фурӯш навъи дуюми стратегия (роҳ) – ин ПУЛЛ – маркетинг аст (ПУЛЛ – аз англисӣ буда, маънои кашишро дорад.) Мақсади асосии маркетинг – ПУЛЛ истеъмолгарро барои назди фурӯшанда омадан ҷалб намудан аст. Шумо ба воситаи телевизион таърифи молҳо ва таснифи сифати онҳоро бисёр дидаед. Масалан, тагпӯши кӯдакон, маҳсулоти парфюмерӣ ва косметика. Дар ҳоли ба даст овардани ин гуна маълумотҳо, дар истеъмолгар хоҳиши харид пайдо мешавад ва ӯ ба ҷои фурӯши моли зикршуда равона мегардад. Дар истеъмолгар баъди истифода бурдани ин мол ва расидани нафъи он кӯшиши ҳамкорӣ ба марка-бренди ин мол пайдо мешавад. Яъне ӯ дафъаи дигар айнан барои харида гирифтани маҳсулоти таҳти нишони чунин мол кӯшиш мекунад.

**Истифодаи технологияи блокчейн дар маркетинг.**

Блокчейн – ин базаи (анбори) бузурги маълумотҳои гуногун буда, маълумотҳои алоҳидаро дар "блокҳо" ҷойгир ва ба занҷири умумӣ пайваст карда мешавад. Ҳамаи инҳо ба воситаи компутер ва интернет дар амал иҷро карда мешаванд. Ба несткунӣ ва дигаргунсозии маълумотҳои дар блокчейн дохилгардида роҳ дода намешавад. Технологияи мазкур

ивазшавии маълумот, масалан, фурӯши ягон мол, ба он пул гузаронданро зуд, дақиқ ва шаффоф амалӣ шуданашро таъмин мекунад. Барои ҳамин ҳам дар маркетинги замонавӣ корбасти технологияи блокчейн васеъ мегардад.

2 октябри соли 2018 дар мамлакати мо бори аввал бо ҳамкории Бунёди “Рақамли ишонч” ва ширкати Blokchain Industrial Allianse-и Россия дар базаи воситаҳои доруворӣ, ашёҳои тиббӣ ва маҳсулоти техникаи тиббӣ технологияи блокчейн ҷорӣ карда шуд. Бо маълумотҳои мазкур ҳамаи мутахассисон, шифокорон, расонда диҳандагони мол ва беморон метавонанд шинос шаванд ва онро корбаст намоянд. Баъдтар дар платформаи блокчейн инъикоси пурраи давраи ҳаётии мол дар назар дошта шудааст.

Ин аҳамияти технологияи замонавӣ ба инобат гирифта шуда, дар мамлакати мо бинобар ташкил кардани нахустин академияи блокчейн дар минтақа байни Мактаби олии бизнеси ҷумҳурӣ ва ширкати “KOREA GROUP” меморандум ба имзо расид.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Маънои мафҳуми маркетингро гӯед.
2. Мақсадҳои асосии аз фаъолияти маркетинг пешбинишударо гӯед.
3. Зинаҳои тадқиқи маркетингиро номбар кунед
4. Мақсади асосӣ аз рекламаи маҳсулот дар чист?
5. Бартарӣ ва камбудии рекламаро гӯед.
6. Ривоҷи технологияҳои иттилоотӣ ба низоми маркетинг чӣ хел таъсир мерасонад?
7. Дар бораи роҳҳои фурӯши мол чиҳоро медонед?
8. Оиди ташкилоти савдои яклухтфурӯшӣ ва чаканафурӯшӣ чиҳо медонед?

## Дар хотир доред!

• Маркетинг фаъолият оид ба муайянкунии эҳтиёҷи истеъмолгарон ва ташкил кардани тадбирҳои қонеъгардонии онҳост.

• Бо фаъолияти маркетинг мутахассисони соҳиби дониши махсус-маркетологҳо шуғл меварзанд.

• Тадқиқоти маркетинг марҳилаи омӯзиши маҳсулот, нархгузорӣ, реклама ва омӯзиши бозорро дар бар мегирад.

## МАВЗӮИ 10 ИСТЕҲСОЛОТ ВА ЭКОЛОГИЯ



### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Оқибатҳои мусбӣ ва манфиеро, ки фаъолияти заводи дар расми болоӣ аксёфта ба ҷамъият ва иқтисодиёт меоварад, дар шакли сутунча алоҳида-алоҳида нависед.
2. Агар оқибатҳои манфии завод ҳамин тавр бошад, пас фаъолияти кунунии заводро чӣ тавр шарҳ медиҳед?
3. Ба андешаи Шумо ба мавқеъ доштани чунин оқибатҳо кӣ айбдор аст?

Дар ҳолатҳои нахустин дар натиҷаи ин гуна фаъолияти одамон барои рӯпӯш кардани вайроншавии мувозинати табиат, зиёни ба он расондашуда, барқарор кардани мақоми он муваффақ шудаанд.

Дар сад соли охир соҳаи иқтисодиёт ривоҷ ёфта, ба ҷараёнҳои табиат дахолат кардани инсон, миқёси истифода аз захираҳои табиӣ ба дараҷаи бемисл расид ва табиат натавонист худро барқарор намояд. Зеро технологияҳои истеҳсолот ривоҷ ёфт, такомул пазируфт, лекин газҳои ба табиат заҳрнок, обҳои ганда, партовҳоро бо ҳаҷми калон баровардa партофтан пурра ба назорат гирифта нашуд.

*Экология* – фан дар бораи муносибатҳои байни инсон ва муҳити гирду атрофи он мебошад. Он муаммоҳои истифодабарии сарфакоронаю оқилонаи захираҳои табиӣ, эҳтиёткорона нигоҳ доштану аз нав барқарор кардани онҳоро меомӯзад. Маълум аст, ки эҳтиёҷоти инсон ҳадду канор надорад, бинобар ин вай дар ҷараёни қонеъгардонии он аз захираҳои табиӣ фоида

мебарад. Эҳтиёҷоти одамонро дар ибтидо худи табиат қонеъ менамуд. Аммо бо мурури давру замон эҳтиёҷоти мардум афзудан гирифт ва дар натиҷа инъомҳои табиат барои ӯ нокифоя гардид. Маҳз аз ин сабаб инсон ба гирифтани захираҳои табиӣ даст зад ва аз онҳо чизҳои ба худаш даркориро истеҳсол мекардагӣ шуд. Бо ин ба мувозинати табиӣ ба таври ҳисшаванда таъсир расонда шуд. Ҳамин тавр, муаммоҳои экологӣ ба миён омаданд.

Дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, пеш аз ҳама, истеҳсолот одамизод ба муаммоҳои зерини экологии ба ифлосшавии муҳити атроф вобаста дучор гардид:

— заҳролудшавии ҳаво;
— ифлос гардидани дарё ва ҳавзаҳои об;
— тағйир ёфтани таркиби хок ва шӯрнокшавии замин;
— рӯз аз рӯз кам гардидани миқдори ғизои аз нигоҳи экологӣ тоза;
— вожгуншавии қабатҳои озонии атмосфера;
— аз ҳад зиёд кор фармудани техникаи баландовозе, ки ба саломатии мардум зарар мерасонад.

**Оё медонед?**

Ба фикри олимон гази фреон, ки дар саноат, сохторҳои хунуккунанда истифода мегардад, қабати атмосферии аз радиатсияи шуоъи Офтоб ҳимоякунии мо – қабати озониро «мехӯрад». Агар аҳвол минбаъд ҳамин тавр давом кардан гирад, дарояндаи наздик ҳарорати атмосферии Замин баланд шуда, мувозанати табиӣ халалдор мешавад, тахмин меравад, ки қисми зиёди хушкӣ дар зери об мемонад.

Ба муҳофизати табиат асосан мақомоти назоратии давлатӣ шуғл меварзанд. Ҳар як давлат оиди ҳифзи муҳити гирду атроф чораҳои зарурӣ меандешад ва қарорҳои дахлдор қабул менамояд. Масалан, дар мӯриҳои дудкаши заводу фабрикаҳо гузоштани асбобу ускунаҳое, ки моддаҳои гуногуни заҳрнокро нигоҳ медоранд, ҳавотозакунакҳо, инчунин манъ кардани ба дарёҳо рехтани партовҳои обӣ барин тадбирҳо амалӣ гардонда мешаванд. Дар қатори ташкилотҳои давлатӣ боз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ вуҷуд доранд, ки онҳо на танҳо дар миқёси як мамлакат, балки дар тамоми олам бо муаммоҳои ҳифзи муҳити гирду атроф шуғл меварзанд. Масалан, Ташкилоти байналхалқии «Greenpeace» ва Бунёди байналхалқии экология ва саломатии «Ekosan» аз ҷумлаи онҳост. Бунёди «Ekosan» дар бобати солимгардонии ҳолати экологӣ, ҳимоя кардани муҳити гирду атроф, ҳифзи саломатии аҳолии мамлакатамон ва умуман, минтақаи Осиёи Марказӣ корҳои назаррасеро ба сомон мерасонад.

Дар Ӯзбекистон ҳам дар давраҳои гузашта муаммоҳои калони экологӣ бисёр шудаанд. Ифлосшавии ҳаво, заҳрнокшавӣ ва шӯршавии хок, партовҳои саноатӣ, муаммоҳои вобаста ба обҳои ганда аз ҷумлаи онҳост. Дар Ӯзбекистон муаммоҳои бузургтарини экологӣ, албатта, бо об вобастагӣ дорад. Муаммоҳои мувозинатсозии экونизоми атрофи Ҳайдаркӯл, норасоии об дар вилоятҳои ҷанубӣ ба ин мисол шуда метавонанд. Лекин муаммои экологии мамлакати мо, ки аҳамияти ҷаҳонӣ дорад, ин муаммои Арал аст.






Ба ҷойи коҷ ва чакалакзорҳо дашт шуда, миқдори ҳайвонҳое, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд якбора кам шуд. Дар натиҷаи ифлосшавии ҳаво ва оби нӯшокӣ шароити зисти аҳолӣ мушкил гардид. Якбора камшавии оби баҳри Арал ба иқтисодиёти ҳудудӣ назди Арал низ таъсири манфӣ расонд. Миқдори обе, ки ба укёнуси Арал мерезад, кам гардида, баҳр айни замон ба кӯли хурдакак табдил ёфтааст. Намакҳои ҷойи баҳри хушкшуда бо шамол ба ҳаво баромада, барои пӯшондани ҳудудҳои атроф шурӯъ кард.

Муҳим будани ҳалли муаммои Арал ва дорои аҳамияти ҷаҳонӣ будани он дар нутқи Президентамон Шавкат Мирзиёев дар Сарассамблеяи 72-юми Созмони Милали Муттаҳид низ таъкид гардид.

Дар мамлакати мо бинобар ҳал кардани муаммоҳои экологӣ корҳои низомнок амалӣ мешаванд. Хусусан, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 21 апрели соли 2017 Кумитаи давлатии ҳифзи табиати Республикаи Ӯзбекистон бо номи Кумитаи давлатии ҳифзи экология ва муҳити атроф аз нав ташкил гардид. Ба зиммаи кумита дар соҳаи ҳифзи экология, муҳити атроф, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ, аз нав барқарор кардани онҳо вазифаҳои вобаста ба амалисозии идораи давлат гузошта шуд. Ҳизби экологии Ӯзбекистон таъсис дода шуд ва 8 январи соли 2019 съезди таъсиси он шуда гузашт. Солҳои охир корҳоро дар бобати беҳтар гардондани вазъияти экологӣ дар мамлакати мо ба сифати мисол азнавкоркарди партовҳо, васеъ гардондани доираи истифода аз энергияҳои офтоб, шамол ва биологӣ, ҷангалзорсозии биёбонҳо, соҳили кӯлҳоро ба коҷзор табдил доданро овардан мумкин аст. Аз ҷониби давлати мо махсусан, барои ҳалли муаммои Арал эътибори калон дода мешавад. Танҳо дар соли 2019 дар биёбо-

http://eduportal.uz

ни “Аралқум” дар 500 000 гектар корҳои барпо кардани бешаҳои ҳимоявӣ, бисёр қудуқҳои артезианиро кофта, оби ширин баровардан, ба ин тариқа аз нав барқарор кардани ҳудуди Арал амалӣ мешаванд.

Боз як лоиҳаи дигари бузурге, ки аҳамияти экологӣ дорад, ин барпо кардани Стансияи электрии атомӣ мебошад, ки дар Ӯзбекистон бо ҳамкории Россия иҷрошавии он шурӯъ шудааст. Зеро энергияи атомӣ аз намудҳои тозатарини энергияи экологӣ буда, ба ҳаво ба миқдори калон баровардани газро пешгирӣ мекунад. Бо ба кор даромадани Стансияи электрии атомӣ дар соле 3,7 метри кубӣ газ сарфа карда мешавад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Сабаби дар айни замон тезутунд гардидани муаммои экологӣ аз чӣ бобат аст?
2. Оё рушди иқтисодиёт ҳамеша боиси бавуҷудоии муаммоҳои экологӣ мегардад?
3. Ба муаммоҳои экологие, ки ба ифлос гардидани ҳавою об ва тағйирёбии таркиби хок вобастаанд, дутогӣ мисол оред.
4. Медонем, ки газҳои аз автомобилҳо хориҷшаванда ҳаворо заҳролуд менамоянд. Чаро инро дидаю дониста аз онҳо боз истифода мебарем?
5. Агар баҳри Арал тамоман хушк гардад, он гоҳ оқибати он ба чӣ гуна муаммоҳои экологӣ оварда расонданаш мумкин аст?
6. Чаро давлат ҳифзкунандаи асосии муҳити гирду атроф мебошад?
7. Давлат барои ҳифзи муҳити атроф аз кадом воситаҳо истифода мебарад?
8. Шумо барои муҳофизати муҳити гирду атроф бо кадом саъю кӯшишу ҳаракатҳоятон ҳиссагузор шуда метавонед?

### Супориш

1. Муаммоҳои экологии дар ноҳияатон мавҷударо муайян намуда, дар бораи онҳо рисола нависед. Сабабҳои ба амал омадани ин муаммоҳоро ёбед ва роҳу равишҳои пешгирӣ кардани онҳоро пешниҳод кунед. Муайян намоед, ки барои бартараф кардани ин муаммоҳо Шумо ва ҳамсинфонатон чӣ гуна ҳиссагузорӣ карданатон мумкин аст?

### Дар хотир доред!

- Тамоми муаммоҳои экологӣ асосан маҳсули фаъолияти иқтисодии инсон мебошад.
- Нисбатан сабук гардондани зиддияти байни иқтисодиёт ва экология, ҳифзи муҳити атроф ба зиммаи давлат гузошта шудааст.
- Муҳофизати муҳити атроф вазифаи муқаддаси ҳар кадомамон бояд бошад.



http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ I

## А. САВОЛҲО

1. Шахси дорои лаёқати тадбиркориро тавсиф намоед.
2. Мавқеи тадбиркориро дар иқтисодиёти бозаргонӣ тавсиф намоед.
3. Кадом намудҳои фаъолияти иқтисодии ба тадбиркорӣ хосро медонед?
4. Бартарӣ ва камбудиҳои намудҳои фаъолияти тадбиркориро номбар кунед.
5. Фирма ва шаклҳои ташкиливу ҳуқуқии созмондиҳии онро номбар кунед.
6. Моҳияти ташкилии ҷамъияти саҳҳомӣ чист ва кадом намудҳои онро медонед?
7. Маблағҳои фирма ба кадом намудҳо тақсим мегардад?
8. Чӣ гуна хароҷотҳои истеҳсолиро медонед?
9. Хароҷотҳои тағйирёбанда ва тағйирнаёбанда аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
10. Байни даромади умумӣ, фоида, зарар ва фоидаи соф чӣ гуна муносибат ҳаст? Онҳоро бо мисолҳои содда фаҳмонед.
11. Мавқеи фоидагириро дар фаъолияти иқтисодӣ маънидод созед.
12. Самаранокии фаъолияти иқтисодии фирма чӣ тавр муайян карда мешавад?
13. Моҳият, мақсад ва вазифаҳои менеҷментро фаҳмонда диҳед.
14. Моҳият, вазифаи маркетинг ва аҳамияти онро дар фаъолияти фирма номбар кунед.

## Б. СУПОРИШ

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Тадбиркорӣ.
2. Фирма.
3. Қимати номиналии саҳмия.
4. Низом (оиннома)-и фирма.
5. Маблағи гирдгардон.
6. Тиҷорат.
7. Хароҷотҳои тағйирнаёбанда.
8. Фоидаи соф.
9. Хароҷоти умумӣ.
10. Муфлисӣ (банкротӣ).
11. Менеҷмент.
12. Маркетинг.
13. Қурби саҳмия.
14. Маблағи амортизатсионӣ.
15. Хароҷоти миёна.
16. Фирмаи хусусӣ.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) ҳуҷҷати меъёрии ба тартиб дарорандаи фаъолияти дохиливу берунии фирма, дорои неруи ҳуқуқӣ;
б) маблағҳое, ки барои хариди ашёи хом, ҳар гуна мавод ва ҷалбкунии қувваи кории кироя сарф мешаванд;

в) қисми боқимондаи фоидаи фирма баъди пардохти андоз ва дигар пардохтҳо;
г) ҷамъи хароҷотҳои тағйирнаёбанда ва тағйирёбанда;
д) корхонае, ки фаъолияти тадбиркориро амалӣ мегардонад;
е) арзише, ки болои саҳмия гузошта шудааст;
ё) дар шароити бозаргонӣ фаъолияте, ки ба аниқ кардану қонеъ гардондани эҳтиёҷи истеъмолгарон нигаронда шудааст;
и) фаъолияти одамон оид ба истеҳсоли маҳсулот ва адои хизмат ба мақсади фоидагирӣ, таваккалкорӣ баробари истифодаи мулк, дониш ва имкониятҳо;
ж) фанне, ки усулҳо, шаклҳо, воситаҳо ва тамоилҳои идоракуниро ба мақсади расидан ба ягон орзуву ният меомӯзонад;
з) ҳолати қарзи худро дода натавонистани фирма;
к) нархи бозории саҳмия;
л) хароҷотҳое, ки ба ҳаҷми истеҳсолот вобаста нестанд;
м) фаъолияти тадбиркорие, ки молро харида, баъд ба истеъмолгарон мефурӯшад;
н) дар натиҷаи кӯҳнашавии воситаҳои асосии истеҳсолӣ қисми ба нархи маҳсулоти истеҳсолшуда гузаштаи нархи онҳо;
о) хароҷоте, ки барои истеҳсоли як воҳид маҳсулот сарф мегардад;
п) фирмае, ки дар асоси мулки шахси инфиродӣ ташкил меёбаду идора карда мешавад.

**В. Бинобар расмҳои титули боби 1-ум саҳ. 7**

Кадоме аз расмҳо ба кадом мавзӯи боб мансуб аст, гӯед. Дар асоси ин расмҳо мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.

**Г. ТЕСТҲО**

1. **Дар натиҷаи фаъолияти тадбиркорӣ даромад дар кадом шакл гирифта мешавад?**
   А) фоиз; Б) рента;
   В) музди кор; Г) фоида.
2. **Фоидаи фирмаи муштарак ...**
   А) байни муассисон баробар;
   Б) бо тарзи мутаносиб аз рӯи ҳиссаи ба хазинаи оинномавӣ гузошташуда тақсим карда мешавад;
   В) танҳо ба риводҷи фирма сарф мешавад;
   Г) аз рӯи қоидаҳои шартномаи муассисон тақсим мешавад.
3. **Инҳо манбаъҳои маблағи молиявии фирма буда метавонанд:**
   А) фоидаи соф;



http://eduportal.uz

Б) маблағҳои амортизатсионӣ;
В) хазинаи оинномавӣ;
Г) тамоми маблағҳои зикршуда.

**4. Соҳиби саҳмияи оддӣ дар идораи фирма ...**

А) умуман иштирок намекунад;
Б) ба воситаи овоздиҳӣ дар маҷлиси умумӣ иштирок карда метавонад;
В) иштирокаш ҳатмист;
Г) танҳо соҳиби лифофаи саҳмияҳо иштирок карда метавонад.

**5. Даромади умумии ҷамъияти саҳҳомон 5 млрд сӯм, хароҷоти умумӣ 3 млрд сӯм, андоз 1 млрд сӯм ва дивиденд 500 млн сӯмро ташкил намудааст. Фоидаи соф чӣ қадар аст?**

А) 500 млн сӯм; Б) 2 млрд сӯм;
В) 3 млрд сӯм; Г) 1 млрд сӯм.

**6. Фирма дар давоми сол 5000000000 сӯм хароҷот намуда, 1250000000 сӯм фоидаи соф гирифт. Самаранокии солонаи кори фирмаро муайян намоед.**

А) 125 фоиз; Б) 50 фоиз;
В) 25 фоиз; Г) 150 фоиз.

**7. Афзоиши микдори фоидаи солонаи ҷамъияти саҳҳомон ба афзоиши қимати кадом саҳмияҳо оварда мерасонад?**

А) саҳмияи оддӣ;
Б) саҳмияи имтиёзнок;
В) саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзнок;
Г) ба ягон саҳмия.

**8. Кадоме аз ин хусусиятҳо хоси тадбиркорӣ аст?**

А) таваккалкорӣ;
Б) фаъолияти иқтисодии озод;
В) кӯшиши фоидагирӣ
Г) ҳамаи бандҳои зикршуда.

**9. Фирма соли аввал 1,5 млрд сӯм, соли дуюм бошад, 2 млрд сӯм фоида гирифт. Агар нархҳо дар соли дуюм нисбати соли якум 1,25 маротиба афзуда бошад, фоидаи ҳақиқии фирма дар соли дуюм назар ба якум чӣ қадар тағйир ёфтааст?**

А) 100 млн сӯм коҳидааст;
Б) 500 млн сӯм коҳидааст;
В) тағйир наёфтааст;
Г) 100 млн сӯм афзудааст.

http://eduportal.uz

## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ | БА СОҲИБКОРИ ОЯНДА

Муаммои бузурге, ки дар назди соҳибкори ҷавоне, ки бизнеси худро шурӯъ кардан мехоҳад, ғояи бизнес ва лоиҳаи бизнеси тайёри худро дорад, кӯндаланг меистад, ин албатта, чи гуна маблағ ёфтан мебошад. Хусусан, ин соҳаҳои соҳибкории анъанавие, ки ба хариду фурӯш ё хӯрокхӯрии умумӣ монанд бошад, нест, балки ба технологияҳои замонавӣ вобаста аст, ба соҳаҳои дараҷаи таваккулкуниашон баланд мансуб мебошад.

Дар мамлакатҳои ривоҷёфта ба қадри ин гуна ғояҳои бизнес мерасанд ва онро ҷустуҷӯ мекунанд. Чунки айнан лоиҳаҳои бизнеси наве, ки ба ҳамин гуна таваккулкунии пуршиддат асос ёфтаанд, фоидаи баланддараҷа доданашон мумкин аст. Барои ҳамин ҳам баъзе ширкатҳои калон ин гуна ғояҳои бизнес ё ки лоиҳаҳои бизнеси тайёрро харида мегиранд ё бо шарти шарикӣ молиягузорӣ мекунанд. Бунёдҳои махсусе ҳам, ки ин гуна ғояи бизнес, лоиҳаҳои бизнесро молиягузорӣ мекунанд, ба қисми ҷудонашавандаи низоми бизнеси мамлакатҳои ривоҷёфта табдил меёбанд. Намудҳои ин гуна бизнеси нав, ки молиягузорӣ шуда ва фаъолияти худро шурӯъ кардаанд, дар ин мамлакатҳо стартапҳо номида мешаванд.

Дар солҳои охир ба стартапҳое, ки фаъолияти худро шурӯъ карда, ба комёбӣ расидаанд, ширкатҳои калонеро мисли Facebook, Uber, Space X, Xiaomi, Instagram номбар кардан мумкин аст.

Барои он ки дар намудҳои ин гуна бизнес дараҷаи таваккулкунӣ ҳам баланд аст, онҳо бештар аз ҳисоби маблағҳои бунёдҳои сармоягузорӣ, ки бунёди венчур номгузорӣ шудаанд, кор шурӯъ мекунанд.

Бунёдҳои венчур (анг. venture – кори хавфнок) – бунёди сармоявиест, ки хавфнокӣ, таваккулсозиаш баланддараҷа буда, онҳо асосан, барои кор бо корхонаҳои инноватсионӣ (стартап) равона карда шудаанд. Бунёдҳои венчур ба корхонаҳое, ки дараҷаи хавфнокиашон баланд буда, фоидаи баланд дар дараҷаи фавқулодда интизор меравад, сармоя медарорад.

Солҳои охир дар Ӯзбекистон ҳам дар бораи стартапҳо низ бисёр сухан меравад. Дар ватани мо намудҳои бизнесе, ки дар оянда фоидаи калон меоранд, лекин таваккалкуниашон ҳам баланд мебошад, ҳамчунин, ҷавонони










http://eduportal.uz

соҳибкоре, ки машғул шудан мехоҳанд, зиёд аст. Ба онҳо фақат пул – капитали ибтидоӣ лозим аст. Хӯш, дар мо даровардани сармояҳои венчурӣ ҳоло ҳанӯз он қадар рушд накарда бошад, ин гуна соҳибкор чӣ гуна кор барад?

Барои ин инвесторҳои оянда бояд як чизро дарк кунанд. Ба стартап дохил кардани сармоя ин вом (кредит) додан нест. Яъне, сармояҳои воридкардашуда мисле ки ба вом пардохт мекунанд, бо фоизи хурдакак барнамегардад, балки ин маблағ чанд маротиба зиёд шуда, баргардонда мешавад. Лекин дар ин ҷой хавфнокӣ, яъне, хавфи батамом аз даст додани маблағатон низ чанд баробар зиёд аст.

Дар Ӯзбекистон соҳибкори ҷавон маблағи барои стартапро аз куҷо меёбад?

Ин чанд роҳ дорад:

1. Роҳи оддитарин – ин ба наздикон ва дӯстон муроҷиат кардан, онҳоро ба ғояи худ ҷалб намудан.

2. Воми бонкро гирифтан.

3. Краудфандинг – ҷамъ кардани маблағи на он қадар калони одамҳои хеле зиёде, ки ба ғояи шумо таваҷҷуҳ доранд ва онҳоро ба ҳамкори худатон табдил додан. Ин гуна кор одатан ба воситаи майдончаҳои краудфандинги махсус, ки дар интернет ташкил гардидааст, роҳандозӣ мешавад ё дар эълонҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ғояҳо таҳлил гардида, ба онҳо завқмандон ҷустуҷӯ карда мешаванд.

4. Ширкатҳои хусусӣ ва грантҳои давлатӣ.

5. Бо тиҷоратгарон мустақиман вохӯрда, онҳоро ба ғоя мутаваҷҷеҳ кардан ва барои молиягузорӣ ҷалб намудан.

6. Стартап-акселераторҳо – ин на фақат ба молиягузорикунии стартапҳо ширкат мекунад, балки ба муассисҳои стартап вазифаи мактаби ба худ хосро ҳам иҷро мекунад. Стартап-акселератор ташкилоти иҷтимоии кӯмакрасоне мебошад, ки ба афзоиш ва рушди ширкатҳои ҷавони сармоягузорони барои худ ғояҳои стартапи истиқболнок ҷӯяндаро муттаҳид мекунад. Яъне, агар шумо стартап-акселераторро ба лоиҳаи бизнеси худ ҷалбманд карда, розӣ намоед, дар он ҳол стартап-акселератор шуморо бо маълумотҳои зарурӣ таъмин намуда, маслиҳат дода, барои ба по хестанатон ҳам кӯмак мерасонад.









http://eduportal.uz

7. Яке аз чизҳои зарурӣ барои соҳибкорони ҷавоне, ки муассисони стартап мебошанд (албатта, берун аз маблағ) – ин шурӯъ кардани фаъолият ва мавҷудияти офис барои корбарӣ аст. Дар ин ҳолат ҷойҳои махсусе, ки барои соҳибкорони ҷавон дар шаҳр ва ноҳияҳои гуногуни мамлакати мо ташкил гардида, пешбинӣ мешавад, – коворкингҳо муфид мебошанд. Коворкинг (англисии Co-vorking – кори якҷоя) – ин барои соҳибкорони ҷавон вазифаи офисеро, ки ба таври умумӣ, якҷоя истифода мебарандро иҷро мекунад. Дар ин ҷой стартапчиҳои наве, ки фаъолияти худро шурӯъ кардаанд, ё ҷавонони нав шурӯъкунанда дар якҷоягӣ вохӯрда, метавонанд бо ҳамдигар алоқаҳои манфиатноки тарафайнро низ ба роҳ монанд. Охир, яке аз ҷиҳатҳои муҳими бизнеси муваффақиятнок магар ин бо нафарони зарурӣ низоми (“тӯр”) алоқаҳои муфиди тарафайнро роҳандозӣ кардан нест? Дар забони имрӯза ин гуна алоқа ба роҳ монданро networking (анг. networking – бофтани тӯр) меноманд. Ба воситаи нетворкинг ҷавонони соҳибкор дар корҳои муфиде мисли ёфтани миҷозҳои нав, ба кор ҷалб кардани ходимони хуб, завқманд сохтани сармоядорон, ҳалли муаммоҳои ҷориро ёфтан бо ҳаммаслакону ҳамкорон алоқа карда метавонанд. Арзишҳое ҳам мисли ҳамкорӣ, ҳамҷиҳатӣ ва ҳаммаслакие, ки ба ҳуввияти миллии мо хос аст, низ дар чунин истилоҳи бизнес, ки нетворкинг номида мешавад, намоён мегардад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Аз маводҳое, ки дар боло барои мутолиа дода шудаанд, истилоҳотеро, ки пеш ба шумо ношинос будаанд, ҷудо карда нависед.
2. Ба ҳар яке аз ин истилоҳот дар асоси фаҳмишатон аз матн таъриф диҳед.
3. Ҳар якеи ин истилоҳотро бо пайдарҳамии мантиқӣ, равиши схемавӣ пайваст кунед. Яъне, кадом истилоҳ бо кадоме вобаста аст, кадом истилоҳ кадомашро пурра мекунад, кадом истилоҳ аз кадомаш ба вуҷуд омадааст? Ба ҳамин тарз бо як нигоҳ вобастагиҳои ба шумо мураккабнамуда ба сифати ифодаи ҷараёнҳои дорои мазмуни мантиқӣ ба тарзи соддашуда намоён мегарданд.








http://eduportal.uz

*Ба идоракунии иқтисодиёт омехташавии давлатро якбора кам кардан лозим.*

*Шавкат Мирзиёев*




# Боби II. Давлат ва иқтисодиёт

















# ВАЗИФАҲОИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ


1


2


3



4


5


6

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ озодӣ ва нигоҳ доштани муҳити рақобати софи иштирокчиёни фаъолияти иктисодиро кӣ ҳимоя мекунад?
2. Баробари шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқии соҳиби даромади калон дар мамлакат оилаҳои камбизоат, мӯйсафедон, бачагон ҳастанд. Бо ҳимояи иҷтимоии онҳо кӣ, чӣ тарз шуғл меварзад?
3. Дар расми 4 заводи тасвиршуда муқаррар аст, ки муҳити атрофро ифлос мекунад. Ба заводи мазкур кӣ, чӣ гуна чора диданаш мумкин?
4. Мактабатон аз ҳисоби кадом маблағ сохтаву ҷиҳозонида шудааст? Ба омӯзгорон дастмуздро кӣ медиҳад? Барои ин маблағ аз куҷо, бо кадом тарз гирифта шуданашро медонед?

Ҳар як давлат барои пеш бурдани фаъолияти иқтисодӣ барои ба шаҳрвандони худ фароҳам овардани шарту шароити муносиб ҳаракат карда, дар назди худ мақсад мегузорад. Чунки аз фаъолияти муваффақиятноки онҳо на танҳо давлат, балки ҷамъият ҳам манфиатдор аст.

Дар назди иқтисодиёти ҳар гуна мамлакат чунин мақсадҳо меистанд:

- **Озодии иқтисодӣ** — аз ҷониби субъектҳои иқтисодиёт қабул кардани қарорҳои мустақил ва озод;

- **Самаранокии иқтисодӣ** — бо хароҷоти камтарин фоидаи зиёд гирифтан;
- **Баробарии иқтисодӣ** — боадолатии амалиёти иқтисодӣ;
- **Бехавфии иқтисодӣ** – ҳифзи аҳолӣ аз оқибатҳои бӯҳронҳои иқтисодӣ, қашшоқӣ, бекорӣ, беқурбшавӣ;
- **Рушди иқтисодӣ** – боз ҳам вусъат додани истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ.

Чунин муаммо ва вазифаҳое ҳастанд, ки бе дахолати давлат ҳал наметавон кард. Бинобар ин, иҷрои ин вазифаҳоро худи давлат ба ӯҳда мегирад. Нуқтаҳои асосии кори он офаридани қонунҳо (майдони ҳуқуқӣ) аст, ки ба тамоми иштирокдорони муносибатҳои иқтисодӣ фароҳам овардани шароити баробар, ба тартиб андохтани таъсири иловаи беруна, истеҳсоли *молҳои иҷтимоӣ* ва *адои хизмат*, таъмини амнияти дохилӣ ва берунии мамлакат, муҳофизати муҳит, инкишофи илм ва тандурустиро дар бар гирифта, ташкили ин корҳо аз буҷа маблағи зиёд, таъминоти мутамарказро талаб менамояд. Аз онҳо фақат якҷоя истифода бурдан мумкин. Инчунин ҳаққи умурҳои мазкурро фақат ба пардохтгарон нишон дода, дигаронро аз он истифодабаранда карда нишон дода маҳдуд сохтан мумкин нест. Он хосияти маҳдуд накардани моли иҷтимоист. Ба ғайр аз ин натиҷаи фаъолияти мазкур ҳар доим ба фоидагирии бевосита нигаронда мешавад. Аз ин рӯ, офаридани ин неъматҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ аз эътибори тадбиркорӣ дур мемонад ва бо он давлат шуғл меварзад.

Бо назардошта андешаҳои болоӣ давлат вазифаҳои иқтисодии зеринро ба зиммаи худ мегирад:

**Неъматҳои иҷтимоӣ** — мол ва хизматҳое, ки аз тарафи бозор тақдим нагардида, балки аз ҷониби давлат барои истифодаи оммавии халқ фароҳам оварда мешаванд.

**Якҷоя истифода бурдан** — хусусияти маҳсулот ва адои хизматест, ки аз ҷониби бисёр одамон дар як вақт истифода бурда мешаванд.

**Хусусияти маҳдуднакунии истеъмол** — маҳсулот ва адои хизматест, ки ҳарчанд ҳаққаш пардохта нашуда бошад ҳам, аммо аз он маҳрум кардан мумкин нест.

**1. Ҳифзи асосии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷамъият.** Давлат меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунҳоро оиди дар ҷамъият ҳаёт ба сар бурдани одамон, фаъолияташон ва муайян намудани муносибатҳои байни онҳо ба роҳ мемонад, баробарии ҳамаро дар назди қонун кафолат медиҳад ва иҷрои онро назорат мекунад.

**2. Ҷонибдории рақобат.** Давлат зидди монополия мубориза мебарад, рақобатро ҳимоя мекунад ва рағбат мебахшад.

**3. Таъмин намудан бо сарватҳои иҷтимоӣ – маҳсулот ва хизматрасонӣ.** Давлат соҳаҳоеро, ки бозор ӯҳда карда наметавонад, аммо ба ҷамъият зарур аст – ҳифзи муҳит, мудофиа, тансиҳҳатӣ ва соҳаи таълимро таъмин намуда, ба аҳолӣ тақдим мекунад.

**4. Ба тартиб овардани таъсири берунаи иловагӣ.** Маълум аст, ки истеҳсолгару истеъмолгари бевоситаи ҳар як ҷараёни истеҳсоли маҳсулот ва адои хизмат мешавад. Лекин чунин ҷараёни истеҳсолӣ ҳам мавҷуд аст, ки он на танҳо ба истеҳсолгару истеъмолгар мутааллиқ аст, балки ба ҷониби сеюм ҳам таъсир мерасонад, ки ба ҷараёни мазкур умуман алоқае надорад. Масалан, дуде, ки аз мӯрии завод мебарояд, ба ҷараёни истеҳсолии завод ягон алоқамандӣ надорад, аммо ба саломатии аҳолие таъсир мерасонад, ки дар атрофи завод истиқомат мекунанд. Ҳолати мазкур дар иқтисодиёт *таъсири берунаи иловагӣ* номида мешавад. Ин қабил таъсирҳои берунаро ба тартиб андохтан ба зиммаи давлат гузошта мешавад. Агар таъсири беруна манфӣ бошад, чораи пешгирии он дида мешавад. Агар мусбӣ бошад, ин истеҳсолот ҷонибдорӣ карда мешавад. Масалан, давлат ба корхонаҳое, ки муҳити атрофро ифлос карда, ба табиат таъсири манфӣ мерасонанд, ҷарима ва андоз мегузорад, таълимро ривоҷ дода, ба муассисаҳое, ки ба иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонанд, имтиёзҳои молиявӣ медиҳад.

**Таъсири иловагии беруна** — зарар ва хатаре, ки ғайр аз истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон аз ҷониби тарафи сеюм расиданаш мумкин аст.

**5. Тақсими даромад ва боигариҳо (сарватҳо).** Давлат оилаҳои камбизоатро аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз намуда, ба воситаи ситонидани андоз аз сармоядорон ба толибилмон идрорпулӣ медиҳад ва бо ин восита даромадро тақсим мекунад.

**6. Барқарории иқтисодиёт.** Давлат баробари пешгирии беқурбшавӣ, бекорӣ, назорат аз болои буҷаи давлат ва ҳаҷми пул мувозанати иқтисодиро барқарор нигоҳ медорад.

**Оё медонед?**

Дар бораи мавқеи давлат дар иқтисодиёт ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Аз рӯи яке аз ақидаҳо мавқеи давлат бояд хеле ночиз бошад, чунки дахолати зиёди давлат ба озодии иқтисодӣ хавф меорад. Дуюмӣ, ҷонибдори зиёд кардани мавқеи давлат мебошад. Чунки муаммоҳое ҳастанд, ки бозор бе иштироки давлат онҳоро ҳал карда наметавонад.



http://eduportal.uz

**Давлат**

| ПЕШГИРИИ ОҚИБАТҲОИ НОҚОБИЛИИ БОЗАРГОНӢ | | | АЗ НАВ ТАҚСИМ КАРДАНИ БОИГАРӢ ВА ДАРОМАДҲО | |
|---|---|---|---|---|
| Мубориза ба муқобили бозорҳои инҳисоршуда | Офаридани молҳои таъиноти иҷтимоӣ | Ба тартиб андохтан ва назорати таъсири иловагии беруна | Ситондани андоз аз даромад ва молу мулк | Трансферҳо ва ҳимояи иҷтимоӣ |

Дар боло намудҳои гуногуни фаъолияти давлат қайд гардидаанд.

1. Ба ҳар як самти фаъолияти давлат мисол оваред.
2. Вазифаҳои иқтисодии давлатро дар мисолҳои номбаршуда вобаста ба камшавии дараҷаи моҳияти он нависед.
3. Аз иҷрои вазифаҳои мазкури давлат Шумо чӣ гуна фоида мебинед? Фикратонро асоснок намоед.
4. Барои чӣ маҳз давлат бо ҳамин намудҳои фаъолият шуғл меварзад?
5. Боз кадом вазифаҳои иқтисодии давлатро медонед?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Дар назди иқтисодиёти мамлакатамон кадом мақсадҳои иҷтимоӣ меистанд? Онҳоро шарҳ диҳед.
2. Дар бораи вазифаҳои давлат оиди ба тартиб овардани иқтисодиёт чиҳоро медонед? Барои чӣ давлат ин вазифаҳоро ба ӯҳда гирифтааст?
3. Ба фаъолияти давлат оид ба иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ мисолҳо оред.
4. Ба таъсири мусбӣ ва манфӣ мисолҳо оред.
5. Молҳои таъминоти иҷтимоӣ дорои чӣ гуна хусусиятҳоянд? Ҷавобатонро асоснок намоед.
6. Агар фирмаи хусусӣ бо истеҳсоли молҳои таъминоти иҷтимоӣ шуғл варзад, ӯ ба чӣ гуна душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад?

**Дар хотир доред!**

- Мол ва адои хизмат ду хел мешавад: неъматҳои иҷтимоӣ ва молу адои хизматест, ки аз ҷониби фирмаҳо тайёр карда ва расонда мешавад.
- Неъматҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат истеҳсол мегарданд ва ба онҳо аҳолӣ дар намуди андоз ҳақ месупоранд.
- Дар шароити иқтисоди бозорӣ вазифаҳои хеле муҳими давлат мавҷуд аст.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 12 БУҶАИ ДАВЛАТ



















## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Шумо дар мактабатон ҷумлаи “бинои мактаб аз ҳисоби буҷаи давлатӣ сохта шудааст”-ро бисёр шунидаед. Инчунин, суханони “беморхона, дармонгоҳи оилавӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ бо маблағ фаро гирифта мешаванд” ҳам ба гӯшатон бисёр расидааст.

**1.** Дар бораи буҷаи давлатӣ чиҳоро медонед?

**2.** Ба фикри шумо фаъолияти шахсони дар расмҳои 3–6 тасвиршуда аз ҷониби кӣ ва ба ивази чӣ моддӣ таъмин карда мешавад?

**3.** Шумо дар дарсҳои гузашта бо вазифаҳои давлат шинос шудед. Давлат барои иҷрои вазифаҳои худ маблағро аз куҷо мегирад?

Буҷаи давлатӣ ҳуҷҷати асосии молиявист, ки дар он даромад ва хароҷоти солонаи давлат ба нақша гирифта шудааст. Мақсад аз тартиб додани Буҷаи давлатӣ: ташаккул додани асоси молиявӣ барои иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатӣ, ба амал баровардани нақшаи пешакии рушди иқтисодии мамлакат, аз нав дида баромадани даромадҳои аҳолӣ мебошад. Буҷаи давлатӣ аз қисмҳои даромад ва хароҷот иборат аст.

**Буҷаи давлатӣ** – ҳуҷҷати асосии молиявӣ, ки дар он даромад ва хароҷоти солонаи давлат ба нақша гирифта шудааст.

Манбаъҳои даромади Буҷаи давлатӣ инҳоянд:
— андоз аз даромади шаҳрвандон;
— андоз аз фоидаи корхонаҳо;
— фоидаи корхонаҳои давлатӣ;
— маблағе, ки аз фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ ба даст меояд;
— маблағе, ки аз фурӯши молу мулки давлатӣ ба даст меояд;

**Боҷ** – ҳаққест, ки аз тарафи муассисаҳои давлатӣ барои баъзе намудҳои хизмат ё ки барои ба ҳудуди давлат овардани баъзе молҳо бевосита пардохта мешавад.

— содироте, ки ба ғайр аз боҷу хироҷ (андоз)-и гуногун ба даст меояд.

Ҳаққи пардохти бевоситаи хизматҳои давлатӣ *боҷ* номида мешавад. Манбаи асосии қисми даромади буҷа *андоз* мебошад. Дар асоси ин манбаъ хазинаи мутамаркази маблағҳои пулӣ — даромади буҷаи давлатиро ҳосил карда, дар давоми сол онро харҷ мекунанд.

Маблағҳои буҷавӣ ба ин соҳаҳо сарф карда мешаванд:
— таълим, фан, маданият ва санъат;
— варзиш ва тандурустӣ;
— амнияти миллӣ;
— нафақаҳои пирӣ ва маҷрӯҳӣ;
— нафақаҳои бекорӣ ва кӯмакпулии моддӣ ба оилаҳои камбизоат;
— ҳифзи муҳит;
— нигаҳдории тартиботи ҷамъиятӣ;
— таъминоти молиявии корхонаҳои давлатӣ, идора ва мақомоти раҳбарикунандаи онҳо;
— дастгирии баъзе соҳаҳои дорои аҳамияти давлатӣ ва ғайра.

Чунон ки дидем, Буҷаи давлатӣ асосан барои пардохти хизматҳои



http://eduportal.uz

ба ҷамъият зарурӣ ва бо ёрии маблағи трансфертӣ барои дастгирии табақаҳои гуногуни аҳолӣ сарф мешавад.

Одатан қисмҳои даромад ва харҷи Буҷаи давлатӣ баробар нест. Аксар вақт назар ба қисми даромад харҷ зиёдтар мешавад. Ин фарқ

**Оё медонед?**

Буҷаи давлатии Республикаи Ӯзбекистон дар Олий Маҷлиси Республикаи Ӯзбекистон муҳокима шуда, тасдиқ мегардад. Дар охири сол ҳукумат дар бораи иҷрои буҷа ба Олий Маҷлис ҳисобот медиҳад.

**Маблағи трансфертӣ** — маблағҳои буҷаи давлатӣ, ки барои дастгирии табақаҳои камбизоати аҳолӣ сарф карда мешавад.

*камчинии буҷавӣ* номида мешавад. Миқдори умумии камчинии буҷавие, ки дар давоми солҳо ҷамъ шудааст, *қарзи давлатро* ташкил медиҳад. Қарзи давлатӣ дар намуди дохилӣ ва берунӣ шуданаш мумкин. Қарзи дохилӣ ӯҳдадориҳои давлат дар назди шаҳрвандони худ, фирмаву ташкилотҳо бошад, қарзи беруна қарз дар назди давлатҳои хориҷӣ, бонку муассисаҳои молиявии байналхалқӣ мебошад. Агар даромадҳои буҷа нисбати хароҷотҳояш зиёд бошад, профитсити буҷаи давлатӣ ба миён меояд.

**Камомади буҷавӣ** — фарқи байни хароҷот ва даромад ҳангоми зиёд будани харҷи давлат аз даромади он.

**Профитсити буҷа** — ҳангоми аз хароҷот зиёд будани даромад фарқияти байни онҳо.

**Қарзи давлатӣ** — миқдори умумии камчинии буҷавӣ, ки дар давоми солҳо ғун шудааст.

**ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТИ БУҶАИ ДАВЛАТӢ**




http://eduportal.uz

**Нишондодҳои асосии буҷаи давлатии Республикаи Ӯзбекистон барои соли 2019 (бо ҳисоби млрд сӯм)**

| *Манбаи даромад* | *Миқдораш* |
|---|---|
| Андози бевосита | 29125,5 |
| Андози бавосита | 47029,8 |
| Андоз аз мулк ва пардохти захираҳо | 16906,0 |
| Дигар даромадҳо | 9566,3 |
| Ҷамъи даромадҳо | 102627,6 |

**Қисми хароҷот (бо ҳисоби млрд. сӯм)**

| | |
|---|---|
| Соҳаи иҷтимоӣ ва ҳимояи аҳолӣ | 58012,1 |
| Маблағҳо ва грантҳо барои риворҷи ҷамъияти шаҳрвандӣ | 28,6 |
| Иқтисодиёт | 14099,8 |
| Маблағгузории марказонидашуда | 3906,2 |
| Идоракунии давлатӣ | 3749,4 |
| Дигар хароҷотҳо | 27322,3 |
| Ҷамъи хароҷотҳо | 107118,4 |

1. Ҳар як банди ташкилдиҳандаи қисми даромади Буҷаи давлатии Республикаи Ӯзбекистонро барои соли 2019 бо фоизҳо ифода намуда ва дар диаграммаи доиравӣ тасвир намоед.
3. Ҳар як банди ташкилдиҳандаи қисми хароҷотҳои Буҷаи давлатиро бо фоизҳо ифода намуда, дар диаграммаи доиравӣ тасвир намоед.
4. Аз ҳама маблағи зиёд аз Буҷаи давлатӣ ба кадом соҳа сарф мешавад?
5. Қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷаи давлатиро байни ҳамдигар муқоиса кунед.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Буҷаи давлатӣ чист ва барои чӣ лозим аст?
2. Манбаъҳои даромади Буҷаи давлатиро номбар кунед.
3. Қисми хароҷоти давлатӣ аз қисми даромад зиёд бошад, чӣ мешавад? Кам бошад-чӣ?
4. Кадом роҳҳои кам кардани камчинии буҷавӣ мавҷуд аст?
5. Қарзи давлат чист? Он чӣ гуна намудҳо дорад?

**Дар хотир доред!**

- Буҷаи давлатӣ ҳуҷҷати асосии молиявист, ки дар он даромад ва хароҷоти солонаи давлат ба нақша гирифта шудааст
- Қисми даромади буҷаи давлатӣ, асосан, аз ҳисоби андозҳо ташаккул дода мешавад.

# МАВЗӮИ 13 НИЗОМИ БОНК

**ТАДБИРКОР**

**Соҳиби ғояи бизнес аст.**
Ба сармоя зарурат дорад.
Тайёр аст, ки даромади худро бо сармоягузор тақсим кунад.




**АМОНАТГУЗОР**

**Маблағи пулӣ дорад.**
Мехоҳад аз маблағи гузоштаи худ даромад гирад.
Дар мавриди истифодаи якҷояи маблағҳо метавонад бо тадбиркор даромадро тақсим кунад.

**Бонки марказӣ**



**Пулҳои нақд** →

**Назорат** →

← **Захираҳои пулӣ**

**Вом (қарз)** →

**Бонкҳои тиҷоратӣ**




**Амонати аҳолӣ ва фирмаҳо**

**Вом ба аҳолӣ ва фирмаҳо**

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Расмҳои болоиро бо диққат аз назар гузаронида, ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Бонкҳо маблағро аз куҷо мегиранд?
2. Кадом вазифаҳои бонкҳоро медонед?
3. Мавқеи бонкҳо дар иқтисодиёти мамлакат аз чӣ иборат аст?
4. Аъзои оилаи Шумо аз хизматҳои кадом бонк истифода мебарад?

Амиқшавии муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат ба зиёдии инфрасохтори бозор ва то чи андоза дуруст ташкил шудани хизмати онҳо вобаста аст. Яке аз қисмҳои асосии инфрасохтори бозор ин бонк аст.

Аз замонҳои хеле қадим амалиёти ба амонат додан ва гирифтан корбаст шудааст. Бо ин одатан одамони алоҳида ё идораҳои динӣ машғул шудаанд. Масалан, бо ин гуна амалиёт машғул гардидани ибодатхонаҳои Юнони Қадим аз таърих маълум аст. Дар онҳо фаъолиятҳое мисли амонат, қарз додан, ҳатто фоиз рӯёнданро амалӣ кардаанд. Баъдтар барои

http://eduportal.uz

ивазкунии пул низ эҳтиёҷ пайдо шуд. Нахустин пуливазкунандаҳои Аврупо дар ҷойҳои серодами майдонҳои савдо курсӣ гузошта кор кардаанд. Барои ҳамин ҳам, калимаи бонк аз италянии банко – яъне, курсӣ ба вуҷуд омадааст.

Бонк муассисаест, ки ба фирма ва корхонаҳо бо пул ва коғази қиматнок хизматҳои гуногун пешкаш менамояд.

— пул ва коғази қиматнокро ба муомила мебарорад (эмиссия мекунад);
— маблағҳои аҳолӣ ва фирмаҳоро нигоҳ медорад;
— ба аҳолӣ ва фирмаҳо ба ивази фоиз маълум пул қарз медиҳад;
— ашёҳои қиматбаҳоро нигоҳ медорад;
— пулҳои мамлакатҳои хориҷиро хариду фурӯш мекунад;
— коғази қиматнокро хариду фурӯш мекунад;
— барои пардохтҳои гуногун ва корҳои ҳисоббарорӣ хизмат мерасонад.

Бонк хазинаи умумии ба худ хос буда, пулҳои «бекор»-и аҳолиро маҷбур мекунад, ки «кор кунад». Пулҳои ҷамъшударо ба тадбиркорони ба пул мӯҳтоҷ аз рӯи фоизи муайян қарз медиҳад. Тадбиркорон дар навбати худ ин пулҳоро ба истеҳсолот сарф намуда, неъматҳои моддӣ меофаранд. Ҳамин тариқ, бонк ба рушди иқтисодиёт ҳиссаи худро мегузорад.

Одатан бонкҳо ду хел: марказӣ ва тиҷоратӣ мешаванд. Ин бонкҳо якҷоя низоми (системаи) дузинагии бонкиро ташкил медиҳанд. Бонки марказӣ ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ буда метавонад. Дар мавриди давлатӣ будан, бонки асосии давлат гардида, ба он ҳуқуқ ва вазифаҳое дода мешавад, ки аҳамияти давлатӣ доранд.

Бонки марказӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

— асъор (валюта)-и миллӣ ва коғази қиматнокро ба муомила мебарорад;

— дар мамлакат муомилаи пулиро ба танзим оварда, миқдори пулҳои дар муомила бударо назорат мекунад;

— ба бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи муайян қарз медиҳад;
— нархи асъори хориҷиро нисбат ба асъори миллӣ муайян месозад;
— фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро назорат мекунад;
— захираҳои пулӣ ва тиллоии мамлакатро нигоҳ медорад.

Бинобар ин Бонки марказӣ «бонки бонкҳо» буда, танҳо ба бонкҳо хизмат мерасонад.

Дар Ӯзбекистон Бонки марказӣ ба давлат тааллуқ дорад.

Бонкҳои тиҷоратӣ ба аҳолӣ, фирма ва ташкилотҳо хизмат мерасонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ:

— аз Бонки марказӣ пул қарз мегиранд;
— маблағҳои мизоҷонро сарф намуда, ба ҷамъкунӣ кӯмак мерасонанд;
— ба мизоҷони ба пул мӯҳтоҷ пул қарз медиҳанд;
— асъори хориҷиро хариду фурӯш мекунанд;
— коғази қиматнокро хариду фурӯш мекунанд;
— корҳои ҳисоббарории пулӣ, хусусан, корҳои пардохтро иҷро мекунанд.

Пули ба бонк гузоштašуда *амонат* ё *депозит* номида мешавад. Мизоҷони бонк *амонатгузорон* ном доранд. Агар бонк ӯҳдадории маблағҳои амонатгузоронро бо шарти бо фоизи муайян (хак), дар муддати муайян баргардонданро гирифта бошад, ин гуна амонатҳо, *депозитҳои мӯҳлатнок* номида мешаванд. Агар бонк ӯҳдадории амонатро бе фоизи иловагӣ, дар мавриди дархост баргардониданро гирифта бошад, ин гуна амонат, *депозити ҷорӣ* номида мешавад. Дар мавриди якум бонк ба мизоҷ барои маблағашро ҷамъ кардан ва ба ивази ин ба намуди фоиз даромад гирифтан ёрӣ медиҳад; дар мавриди дуюм, ба нигаҳдории маблағ, бо талаби аввалини мизоҷ баргардонидан ва ё ягон пардохтҳоро ба амал овардан ёрӣ медиҳад.

**Бонки тиҷоратӣ** — бонкест, ки ба аҳолӣ, фирма ва ташкилотҳо хизмат мекунад.
**Депозит** — маблағи амонатиест, ки ба бонк гузошта шудааст.

«Қарз» бо забони бонк *кредит* номида мешавад (Кредит ба забони лотинӣ маънои «қарз»-ро дорад). Барои он ки бонк қарз бидиҳад, миҷоз бояд ба бонк ҳаққи қарз (фоиз) диҳад. Ҳаққи қарзро, *фоизи вом* (қарз) меноманд. Миқдори фоизи вом аз рӯи меъёри фоизи солона муайян карда мешавад.

$$\text{Меъёри солонаи фоизии вом} = \frac{\text{Ҳаққи вом}}{\text{Миқдори вом}} \cdot 100\%$$

Масалан, корхонаи хурде аз бонк 4 миллион сӯмро ба мӯҳлати як сол бо меъёри фоизи солонаи 20 % қарз гирифтааст. Пас, корхона баъд аз як сол илова ба 4 млн. сӯм, ба сифати ҳаққи қарз ба миқдори 20%-и он, яъне, $40000000 \cdot 20\% = 8000000$ сӯм фоизи вомӣ пардохт мекунад. Агар ин қарзро ба мӯҳлати ду сол гирифта бошад, миқдори фоизи вом ду баробар меафзояд, яъне 16000000 сӯмро ташкил медиҳад.

Умуман, агар миқдори қарзи гирифташударо бо P, меъёри фоизии солонаро бо r, мӯҳлати бозпаси вомро бо t ишора кунем, дар ин сурат миқ-

дори фоизи вомӣ – I аз рӯи чунин формула ҳисоб карда мешавад: $I = P•r•t$. Тамоми маблағи ба бонк бозгардонидашуда S бошад, бо формулаи $S = P + I$ муайян карда мешавад.

Фарз мекунем, ки фирмаи «Ziyo» аз «Савдогар бонк» 100 млн сӯмро ба мӯҳлати ним сол бо меъёри фоизи солонаи 20% қарз гирифт. Фирма ба бонк

$$I = P \cdot r \cdot t = 100000000 \cdot 20\% \cdot 0{,}5 = 100000000 \cdot 0{,}2 \cdot 0{,}5 = 10000000 \text{ сӯм}$$

фоизи вом пардохт карда, сад миллион сӯмро, ҳамагӣ S = P + I = 100 000 000 + 10 000 000 = 110 000 000 сӯм карда баргардонд.

Ин гуна ҳисоббарорӣ *усули фоизии оддӣ* номида мешавад.

Бояд қайд кард, ки бонкҳо миқдори фоизи вомиро метавонанд бо тарзи дигар ҳисоб кунанд. Масалан, бонк ба маблағи асосии қарз фоизи солонаи вомро ҷамъ карда, соли дигар фоизи вомро аз ин маблағи баландшуда ҳисоб карданаш мумкин. Дар ин сурат меъёри солонаи фоизро бо r, миқдори қарзро бо *P*, ки дар соли *n* пас аз *n* сол гирифта мешавад, ҳисоб карда $P_n = P•(1 + r)^n$ ин маблағро ёфтан мумкин аст. Ин гуна ҳисоббарорӣ *усули фоизии мураккаб* номида мешавад.

**Вом** – қарзе, ки бонк ба мизоҷон медиҳад.

**Фоизи вом** – маблағи иловагие, ки барои истифодабарӣ аз қарз дода мешавад.

**Даромади солонаи фоизии вом** – пардохти фоизӣ нисбат ба маблағи асосии қарз, ки дар давоми сол истифода мешавад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ба пайдошавии бонк чӣ сабабгор шудааст?
2. Ба бонк пул аз куҷо меояд?
3. Мавқеи бонкро дар иқтисодиёти мамлакат фаҳмонед.
4. Фарқи байни бонкҳои марказӣ ва тиҷоратӣ дар чист?
5. Аҳамияти Бонки марказиро дар иқтисодиёти мамлакат фаҳмонед.
6. Вазифаҳои бонкҳои тиҷоратиро гӯед.

**Дар хотир доред!**

- Вазифаи аз ҳама муҳими бонкҳо нигоҳ доштани амонат ва қарздиҳӣ буда, он дар иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим мебозад.
- Дар мамлакатамон низоми дузинагии бонкӣ ҷорӣ гардида, Бонки марказӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ, бонкҳои тиҷоратӣ бошанд, ба корхона, фирмаҳои зарурӣ ва аҳолӣ хизмат мерасонанд.

# МАВЗӮИ 14 МАВҚЕИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

| | | |
|---|---|---|
| Кам шуд | Дараҷаи бо кор таъмин будани аҳолӣ | ? |
| Зиёд шуд | Нарху наво | ? |
| Кам шуд | Ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ | ? |
| Кам шуд | Эҳтиёҷи умумӣ ба мол ва хизмат | ? |
| Кам шуд | Миқдори маблағи пули дар ихтиёри аҳолӣ ва фирмаҳо буда | ? |
| Зиёд шуд ⇦ | Андозҳо | ⇨ Кам шуд |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар нақшаи болоӣ дар шароити аз ҷониби давлат зиёд намудани меъёри андозситонӣ тағйироте, ки дар иқтисодиёти мамлакат ба амал омадааст, тасвир ёфтааст. Ба ҳамин монанд тағйиротеро, ки дар иқтисодиёти мамлакат рух медиҳанд, шарҳ диҳед.

Маълум аст, ки қисми даромади буҷаи давлатӣ асосан аз андозҳо, қисми хароҷот бошад, аз хароҷотҳои хариди маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки барои эҳтиёҷи давлат заруранд ва хароҷотҳои трансфертии ба аҳолӣ пардохтшаванда иборат аст. Дар тахти сиёсати буҷавӣ-андозситонӣ (фискал)-и давлат айнан ҳамин андозҳо, бо ёрии тағйир додани хароҷоти давлат ва миқдори андозҳои трансфертӣ таъсир намудан ба пешниҳод ва талаби умумӣ мехобад.

Масалан, агар меъёри андозҳо зиёд карда шавад, дар ихтиёри аҳолӣ ва фирмаҳо камтар пул мемонад. Дар ин маврид талаби умумӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳо кам мешавад. Ин дар навбати худ ба камшавии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, пастшавии дараҷаи бо кор таъминшавии аҳолӣ меорад. Баръакс, агар меъёри андозҳо кам карда шавад, дар ихтиёри

http://eduportal.uz

аҳолӣ ва фирмаҳо зиёдтар пул мемонад. Дар ин маврид талаби умумӣ ба маҳсулот ва хизматрасонӣ меафзояд. Ин бошад, дар навбати худ ба вусъати истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, афзоиши дараҷаи бо кор таъминшавии аҳолӣ меоварад.

Ҳамин тариқ, агар давлат андозҳоро тағйир надода, хароҷотҳо ё пардохтҳои трансфертиро бардорад, талаб ба маҳсулот ва хизматрасонӣ меафзояд. Ин бошад, дар навбати худ ба вусъати истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, ба афзоиши дараҷаи бо кор таъминшавии аҳолӣ ё зиёдгардии беқурбшавӣ оварда мерасонад. Баръакс, агар андозҳо тағйир наёфта, хароҷотҳои давлат ё пардохтҳои трансфертӣ кам карда шаванд, талаби умумӣ ба маҳсулот ва хизматрасонӣ кам мешавад. Ин бошад, дар навбати худ ба камшавии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, пастшавии дараҷаи бо кор таъминкунии аҳолӣ ё пастравии дараҷаи беқурбшавӣ меорад. Дар аксар мавридҳо давлат якбора ҳам хароҷот ва ҳам меъёри андозҳоро бардошта, иқтисодиётро мехоҳад барқарор намояд.

**Сиёсати буҷавию андозситонӣ (фискалӣ)-и давлат** — ба танзимоварии иқтисодиёт бо роҳи тағйир додани қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷаи давлатӣ.

**Талаби умумӣ** — арзиши умумии маҳсулот ва хизматрасоние, ки дар мӯҳлати муайяни вақт дар мамлакат харида мешавад.

**Таклифи умумӣ** — арзиши умумии маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки дар давраи муайян мамлакат истеҳсол менамояд.

Агар аз 2—3% ҳаҷми маҳсулоти умумии буҷаи давлатиро камчинӣ ташкил диҳад, ин нишондиҳанда муқаррарӣ ҳисобида мешавад. Аммо агар ҳаҷми камчинӣ аз ҳад зиёд афзояд, чораҳои кам кардани онро бояд андешид. Кам кардани камчинӣ (дефитсит) дар буҷаи давлатӣ бо чунин роҳҳо иҷро мегардад:

1. Кам кардани хароҷотҳои давлатӣ; 2. Ёфтани манбаъҳои даромади иловагӣ; 3. Ба муомилот баровардани маблағи барзиёди пули нақд, ки бо мол ва хизматҳои муайян таъмин аст; 4. Гирифтани қарз аз шаҳрвандони худ, фирмаҳо, мамолики хориҷӣ, бонкҳои байналхалқӣ ва муассисаҳои молиявӣ.

Давлат сиёсати пулӣ — вомии худро ба воситаи Бонки марказӣ идора мекунад. Чуноне ки медонем, Бонки марказӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ силсилаи



http://eduportal.uz

дузинагии бонкиро ташкил медиҳанд. Бонки марказӣ давлатӣ буда, ба воситаи дузинагии вомӣ пайдо мешавад. Дар ин маврид, агар давлат миқдори пули дар муомила бударо кам карда, пеши беқурбшавиро гирифтанӣ шавад, меъёри фоизи қарзҳое, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ Бонки марказӣ медиҳад, зиёд карда мешавад. Бонкҳои тиҷоратӣ низ меъёри фоизи қарзҳои ба мизоҷон додашавандаро зиёд мекунанд. Дар натиҷа мизоҷони бонкҳои тиҷоратӣ — фирмаҳо ва аҳолӣ қарзҳои меъёри фоизаш баландро кам мегиранд. Миқдори

**Ҳаҷми пулӣ** — ҷамъи ҳамаи пулҳои дар муомилот будаи мамлакат.

**Сиёсати пулу воми давлат** — маҷмӯи чорабиниҳо бахри собитии молиявии иқтисодиёт бо роҳи танзими ҳаҷми пули дар муомилот буда ва меъёрҳои фоизи қарзӣ.

**Эмиссияи пул** — аз тарафи давлат ба муомилот баровварда шудани пул.

пул дар муомила кам шудан мегирад. Ба туфайли норасоии маблағ фаъолияти тадбиркорон суст мешавад. Баръакс, агар давлат миқдори пули дар муомила бударо зиёд карда, тадбиркоронро бо маблағ таъмин намуда, фаъолии онҳоро пурзӯр карданӣ бошад, меъёри фоизи қарзҳои Бонки марказӣ бояд кам карда шавад. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳам меъёри фоизи қарзро кам мекунанд.

Бонки марказӣ инчунин назорати миқдори пули дар муомила бударо бо муайян намудани меъёри захираи бонкҳои тиҷоратӣ низ назорат карда метавонад. Маблағҳои бонкҳои тиҷоратӣ аз ду қисм: маблағҳои вомӣ ва маблағҳои захиравии бонкҳо иборат аст. Маблағҳои захиравии бонкҳои тиҷоратӣ барои дар мавридҳои пешбинӣ нашуда истифода бурдан ба ҳар эҳтимол дар Бонки марказӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Кадом қисми (фоизи) маблағҳояшро бонки тиҷоратӣ бояд ба захира гузорад? Ин масъаларо Бонки марказӣ муайян менамояд ва ин нишондод, *меъёри захираи бонкҳо* номида мешавад. Бонки марказӣ бо афзудан ё кам кардани меъёри захираи бонкҳои тиҷоратӣ миқдори пули дар муомила бударо кам ё зиёд карда, имкони ба тартиб андохтанро дорад. Масалан, агар Бонки марказӣ миқдори меъёри захираи бонкҳои тиҷоратиро зиёд кунад, миқдори маблағи ба вом додашаванда кам мешавад. Дар натиҷа миқдори пуле, ки дар муомила аст, кам мешавад. Баръакс, агар Бонки марказӣ меъёри захираро кам кунад, миқдори маблағҳои ба қарз додашавандаи бонкҳои тиҷоратӣ афзуда, ба муомила пули зиёд мебарояд.

Чуноне ки дидем, тағйирёбии меъёри захира ҳам ба чараёни таъсиррасонии давлат ба иқтисодиёт ва воситаи низоми бонкӣ ва масъалаҳои пешгирии бекурбшавӣ, идора кардани нархҳо ва ривоҷ додани тадбиркорӣ хизмат мекунад.

**Маблағи захиравии бонк** — маблағи пулиест, ки ба сифати захира дар Бонки Марказӣ нигоҳ дошта мешавад.

**Меъёри захиравии бонк** — бузургии фоиз, ки аз тарафи Бонки Марказӣ муайян карда шуда, ба нисбати маблағи захиравии бонк ба ҷамъи умумии ҳамаи маблағҳо баробар аст.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Моҳияти сиёсати буҷавӣ-андозситонии давлат дар чист?
2. Давлат сиёсати буҷавӣ-андозситонии худро бо кадом воситаҳо пеш мебарад?
3. Барои боло бардоштани дараҷаи бо кор таъминшавии аҳолӣ давлат кадом чораю тадбирҳоро бояд андешад?
4. Афзоиши пардохти трансфертии давлат чӣ тавр иқтисодиёти давлатро тағйир медиҳад?
5. Кадом роҳи кам кардани камчинии буҷаи давлатӣ самаранок аст? Чаро?
6. Бонки марказӣ ҳаҷми пулро дар кишвар бо кадом роҳҳо ба тартиб даровардa метавонад?
7. Муайян кардани меъёри захираи бонкҳо барои чӣ лозим аст?
8. Агар Бонки марказӣ меъёри фоизи вомиро зиёд кунад, суръати истеҳсолот дар мамлакат чӣ тавр тағйир меёбад?

### Дар хотир доред!

- Ба сиёсати буҷавию андозситонии давлат баркарории нархҳо, шуғли пурра, андозситонии ба пешрафти иқтисодӣ нигарондашуда ва чораву тарбирҳои мувофиқгардонии буҷаи давлатӣ шомил аст.
- Сиёсати пулу вомӣ давлатӣ дар натиҷаи аз тарафи Бонки марказӣ омӯхтани таклифи пул ва имкониятҳои додани вом ба амал бароварда мешавад.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ II

## А. САВОЛҲО

1. Мавқеи давлат дар иқтисодиёти мамлакат ва мақсадҳои онро маънидод созед.
2. Ноқобилиҳои иқтисодиёти бозаргониро номбар кунед.
3. Кадом вазифаҳои иқтисодии давлат ҳастанд?
4. Таркиби қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷаи давлатиро номбар кунед.
5. Сабабҳои пайдоиши камчинии буҷавӣ ва қарзи давлатиро маънидод созед.
6. Аҳамияти бонкҳо дар иқтисодиёти мамлакат дар чист?
7. Аз хусуси низоми бонкии мамлакат ҳарф занед.
8. Бо мисолҳои содда миқдору фоизи кредитро ҳисоб кунед.
9. Оиди сиёсати буҷаи андози давлат гуфта диҳед.
10. Моҳияти сиёсати пулу кредити давлатро фаҳмонед.

## Б. СУПОРИШҲО

Эзоҳи ба ҳар як истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Буҷаи давлатӣ.
2. Қарзи давлатӣ.
3. Бонки тиҷоратӣ.
4. Депозит.
5. Фоизи вом.
6. Таклифи умумӣ.
7. Маблағи захиравии бонк.
8. Меъёри захиравии бонк.
9. Сиёсати пулу вомии давлат.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) ҳуҷҷати асосии молиявии ба нақшагирии даромад ва хароҷоти солона;
б) ҷамъи миқдори камчинии буҷавӣ, ки солиёни дароз ҷамъ шуда мондааст;
в) бонке, ки ба аҳолӣ, фирма ва ташкилотҳо хизмат мерасонад;
г) амонат ва ё маблаҷе, ки ба бонк гузошта шудааст;
д) ҳаққи иловагие, ки барои истифода аз қарзи гирифта дода мешавад;
е) арзиши ҷамъи моли истеҳсолгардида ва адои хизмат дар мамлакат дар вақти муайян;
ё) маблағи пулии бонк, ки дар Бонки марказӣ ҳамчун захира нигоҳ дошта мешавад;
ж) миқдори фоиз ба ҷамъи маблағҳои захиравии бонк, ки аз тарафи Бонки марказӣ муқаррар карда мешавад;
з) таъмини барқарории иқтисодӣ ба воситаи ба тартиб андохтани миқдори пул, ки дар мамлакат дар муомила мебошад ва фоизи вом.



http://eduportal.uz

**В. Бинобар расмҳои титули боби II саҳифаи 55.**

Кадоме аз расмҳо ба кадом мавзӯи боб тааллуқ доранд, гӯед. Дар асоси расмҳои мазкур мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.

## Г. ТЕСТҲО

1. **Пардохтҳои трансферӣ аз ҷониби давлат ба кадом соҳаҳо роҳнамун карда мешавад?**
   А) истеҳсоли сарватҳои иҷтимоӣ;
   Б) дастгирии оилаҳои камбизоат;
   В) дастгирии рақобат;
   Г) дастгирии тадбиркорӣ.
2. **Мақсадҳои асосии соҳаи иқтисодиёти давлат:**
   А) озодии иқтисодӣ;
   Б) самаранокии иқтисодӣ;
   В) баробарӣ ва амнияти иқтисодӣ;
   Г) ҳамаи онҳо.
3. **Касодии бозор чӣ тавр фаҳмида мешавад?**
   А) истеҳсол карда натавонистани ҳамаи неъматҳои иҷтимоӣ;
   Б) мубориза бурда натавонистан бо беқурбшавӣ;
   В) алайҳи монополия мубориза бурда натавонистан;
   Г) ҳамаи онҳо.
4. **Қисми хароҷоти буҷаи давлатӣ...**
   А) ба қисми даромад баробар аст;
   Б) аз даромад камтар аст;
   В) аз даромад зиёдтар аст;
   Г) аз даромад зиёд ё камтар, баробар шуда метавонад.
5. **Андозҳои бавосита аз чӣ гирифта мешаванд?**
   А) аз даромад;
   Б) аз амволи шахсӣ;
   В) аз замин;
   Г) аз мол.
6. **Ба манбаъҳои қисми даромади буҷа чиҳо дохил намешаванд?**
   А) пардохтҳои трансферӣ;
   Б) маблағҳое, ки аз амволи давлатӣ ба даст омадаанд;
   В)дивидендҳое, ки аз коғази қиматноки давлат ба даст омадаанд;
   Г) андозҳо.
7. **Кадоме аз инҳо ба намуди бевоситаи андоз тааллуқ надоранд?**
   А) андоз аз замин; Б) андоз аз даромад;



http://eduportal.uz

В) андоз аз амвол; Г) андоз аз арзиши иловагӣ.

8. **Кадоме аз ин вазифаҳо танҳо ба Бонки Марказӣ тааллуқ дорад?**
   А) қарз додани маблағҳои пулӣ;
   Б) эмиссияи пул;
   В) ба қарз гирифтани маблағҳои пулӣ;
   Г) хариду фурӯши асъори хориҷӣ.

9. **Кадоме аз ин тадбирҳо ба сиёсати пулӣ-вомии давлат мутааллиқ нест?**
   А) эмиссияи пул;
   Б) ба тартиб овардани меъёри фоизи вом;
   В) кам кардани харочотҳои давлатӣ;
   Г) баровардани коғази қиматноки давлатӣ.

10. **Кадоме аз ин тадбирҳо ба сиёсати буҷавӣ-андозӣ мутааллиқ нест?**
    А) эмиссияи пул;
    Б) кам кардани қисми харочоти Буҷаи давлатӣ;
    В) зиёд кардани қисми даромади Буҷаи давлатӣ;
    Г)қарзгирӣ аз бунёдҳои байналхалқӣ.

11. **Молҳои иҷтимоӣ — ин...**
    А) баробари истифодаи як кас имконияти фоидабарии дигаронро маҳдуд месозад;
    Б) моле, ки истеъмоли мол, ҳаққи ба истеъмоли мол додаро маҳдуд намесозад;
    В) тасдиқҳои А ва Б дурустанд;
    Г) молҳое, ки танҳо аз тарафи давлат тайёр гардидаанд.

12. **Кадоме аз онҳо моли иҷтимоӣ шуда наметавонанд?**
    А) нигаҳдории адои хизмати шаҳр аз сӯхтор; В) чароғонкунии хонадонҳо;
    Б) нигаҳдории адои хизмати шаҳр аз сел; Г) чароғонкунии кӯчаҳо.

13. **Афзун гардондани меъёри андоз ба чӣ мисол шуда метавонад?**
    А) сиёсати вому буҷа; Б) сиёсати буҷаву андоз;
    В) сиёсати пулу вом; Г) сиёсати пулу молия.

14. **Кадоме аз тадбирҳои поёнӣ ба сиёсати буҷаву андоз мутааллиқ нест?**
    А) тағйирёбии меъёри андозҳо, ки ба фоидаи бонк ситонда мешавад;
    Б)тағйирдиҳии меъёрҳои захиравӣ аз тарафи Бонки марказӣ;
    В) додани имтиёзи андозӣ ба корхонаҳое, ки ба истеҳсолоти нав сармоя медароранд;
    Г) зиёд гардидани пардохтҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат.

http://eduportal.uz

## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ | БОНК

**Бонк** — ташкилоти тиҷоратӣ буда, шахси ҳуқуқист,ки бо маҷмӯи навъҳои зерини фаъолияте машғул мешавад, ки фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад;

– маблағҳоеро, ки аз шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ба сифати амонат қабул кардааст, рафтори таваккалона карда вом медиҳад ё ки барои сармоягузорӣ истифода мебарад;

– амалӣ гардондани пардохтҳо.

*Аз қонуни Республикаи Ӯзбекистон*
*«Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ».*

1. Бонкҳоро ҳам бо кадом маъно фирма гӯем, мешавад?
2. Шумо иқтисодиёти моро бидуни бонк тасаввур карда метавонед?
3. Агар бонкҳо намебуданд, дар иқтисодиёт чӣ гуна муаммоҳо ба вуҷуд меомаданд?

Ҳангоми кредит додани бонк ба ҳаҷми пурра баргардонда шудани ин маблағҳо барои бонк хеле муҳим ба шумор меравад. Дар акси ҳол, бонк мешиканад. Ба ин боис бонк аз қарзгирандагон ягон мулкашро ба гарав гирифтанро талаб мекунад. Агар ба сифати гарав худи ускунае, ки ба пулҳои кредит гирифта мешавад, гузошта шавад, ба ин гуна кредиткунӣ лизинг ном дода мешавад. Агар барои гарав хона, бино ё иншооти бо пули кредит сохташаванда гузошта шавад, ин гуна кредит кредити ипотекӣ номида мешавад. Бухрони молиявию иқтисодие, ки соли 2008 дар ҷаҳон шурӯъ шуд, дар ИМА аз тангие, ки дар низоми кредиткунонии ипотекӣ рӯй дода, ба вуҷуд омадааст.

1. Ба мулкҳое, ки барои гарав гузоштан мумкин аст, мисол биёред.
2. Ба лизинг оё мисол оварда метавонед? Ба кредити ипотекӣ чӣ?






**Машқ.** Дар сари сол Алиев 40 000 000 сӯмро бо ставкаи фоизи солонаи 17%, Валиев бошад, 60 000 000 сӯмро бо ставкаи фоизи солонаи 16% ба бонк гузошт.

Фирмаи "Само" 100 000 000 сӯмро бо ставкаи фоизи солонаи 18% аз бонк гирифт.

1. Алиев аз ҳамкорӣ бо бонк соле чӣ қадар даромад гирифт? Валиев чӣ?
2. Дар натиҷаи ин пулро барои истеҳсолот сарф кардани фирмаи "Само" даромади яксолаи он ҳадди ақалл бояд чӣ қадарро ташкил кунад? Фирма ба бонк чӣ қадар пул баргардонд?
3. Бонк аз "кор"-и дар боло овардашуда солона чӣ қадар даромад гирифт?
4. Аз амалиёти бонки мазкур кӣ бештар манфиат дид?

## АЗ БОНК ҚАРЗ МЕГИРЕМ

Фарз кардем, бонки "Ипотека" моҳи декабри соли 2018 ба миҷозон намудҳои нигоҳдошти амонатҳоро таҳти унвонҳои "Шодлик" ва "Кафолат" пешниҳод мекунад.

Намуди амонати "Шодлик": ставкаи фоизи солона 18%, муддати нигоҳдорӣ 8 моҳ, фоиз бо фоизҳои оддӣ пардохт карда мешавад.

Намуди амонати "Кафолат": ставкаи фоизи солона 12%, муддати нигоҳдорӣ 8 моҳ, фоиз бо усули фоизҳои мураккаб пардохт карда мешавад.

Агар шумо 100 000 000 сӯм пул медоштед, аз кадоме ин ду намуди амонат истифода мебурдед? Биёед, якҷоя мулоҳиза ронем.

Намуди амонати "Шодлик" дар ҳар моҳ ба миқдори 18:12=1,5% фоизи оддӣ месупорад. Пас маълум мешавад, бинобар формула миқдори фоизе, ки бонк барои 8 моҳ пардохт мекунад: $I = P \cdot r \cdot t = 100\,000\,000 \cdot 0{,}015 \cdot 8 = 12\,000\,000$ сӯм.

Ҷамъи миқдори пуле, ки бонк баъди ҳашт моҳ бармегардонад:

$S = P + I = 100\,000\,000 + 12\,000\,000 = 112\,000\,000$ сӯмро ташкил медиҳад.

Намуди амонати "Кафолат" ҳар моҳ ба миқдори 12:12=1% бо фоизҳои мураккаб, яъне дар ҳар моҳ миқдори фоизро ба амонати шумо илова карда, дар моҳи баъдина аз амонати зиёдшуда фоиз ҳисоб мекунад. Аз ин мебарояд, ки бинобар формула:

$P^8=P\cdot(1+r)^8= 100\,000\,000\ (1+0{,}01)^8 \approx 100\,000\,000 \cdot 1{,}083=108\,300\,000$ сӯмро ташкил медиҳад. Пас, дар ин ҳолат барои бонк намуди амонати "Кафолат" фоиданоктар будааст. Барои амонатгузор бошад, табиист, ки намуди амонати "Шодлик" фоиданоктар аст.

http://eduportal.uz

> *Шаҳрвандони мо аз андоз гурехтан не, балки аз саривақт пардохтани он бояд манфиатдор шаванд.*
>
> *Шавкат Мирзиёев*

# Боби III. Намудҳои андоз



# МАВЗӮИ 15 АНДОЗИ ДАРОМАД




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Шаҳрвандони дар расмҳо тасвирёфта чӣ гуна манбаъҳои даромад доранд?
2. Шаҳрвандони мазкур аз даромадашон ба давлат бояд андоз супоранд?
3. Андози даромади аз шахсони ҷисмонӣ ситондашаванда ба андозсупорандагон бо кадом намуд баргашта меояд?
4. Оиди фикри «Кӣ бештар даромад гирад, бештар андоз супурданаш лозим» муносибататонро баён созед.

Ҳар як шаҳрванд аз даромади худ андоз супурданаш шарт аст. Андози даромад ба буҷаи давлатӣ меафтад ва ба андозсупоранда дар шакли ҷонибдории таълим, хизмати тиббӣ, мудофиа, нигаҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, нафақа, пенсия, идрорпулӣ ва дигар кӯмаки аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ расонанда ва кӯмакпулиҳо бармегардад. Аз як рӯ, дар вақташ супурдани андоз барои шаҳрванд ҳам қарзу ҳам фарз аст.

Андози даромад андози давлатӣ буда, ба таркиби андози бевосита медарояд. Андози даромад аз тамоми даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ ситонда мешавад. Ан ин мебарояд, ки тамоми даромади солонаи шахсони ҷисмонӣ, *объекти андозситонӣ* ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки даромади солонаи ҳар як фард: аз музди меҳнат, мукофотпулӣ, аз иҷораи даромади мулк, фоизи амонати ба бонк гузошташуда, дивидендҳои аз аксия гиранда ва даромади аз фаъолияти тадбиркорӣ ҳосилшуда таркиб меёбад.

То соли 2019 ба даромади шахсони ҷисмонӣ андози 4 зинагӣ андохта мешуд. Дар ин ҳолат қисми то 22, 5 %-и даромад ба сифати андоз ситонида мешуд. Аз соли 2019 ба фоида ҳаққи маош бо мақсади коҳиш додани бори

| Даромади ба андоз ҷалбкунанда | Ставкаҳои андози даромади шахсони ҷисмонӣ | |
|---|---|---|
| | соли 2018 | соли 2019 |
| То миқдори ҳадди аҳолии маош | 0% | 12% |
| То 5 баробари ҳадди ақалли маош | 7,5% | |
| То 10 баробари ҳадди ақалли маош | 16,5% | |
| Беш аз 10 баробари ҳадди ақалли маош | 22,5% | |
| Аз даромадҳои намуди дивидендҳо ва фоизҳои амонат | 10% | 5% |

андоз ва содда кардани ҳисоби андози даромад бинобар даромадҳои шахсони ҷисмонӣ ставкаи ягонаи 12%-ӣ муайян карда шуд.

Аз даромадҳои амонат то соли 2019 аз ставка 10 фоизӣ рӯёнда шуда бошад, аз соли 2019 ин ставка ба 5% фуроварда шуд. Яъне, ставкаи андоз ду баробар коҳиш дода шуд. Дар асоси рухсатномаи махсус – патенте, ки аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ дода шудааст, шахсони ҷисмонии бо фаъолияти соҳибкории яккатартиб машғулшаванда аз даромадҳои аз соҳибкорӣ гирифтаашон андози муайяншудаи қатъӣ мепардозанд. Яъне, қатъи назар аз он ки шаҳрвандони мазкур аз фаъолияти соҳибкорӣ чӣ қадар даромад мегиранд, аз онҳо ба миқдори муайян андози даромад ситонида мешавад.Пардохткунандагони андози даромад, ставкаҳои андози даромад ва тартибу қоидаҳои бо ҳисобкунии он вобаста дар Кодекси андоз инъикоси худро меёбад. Лекин аз соли 2019, яъне баъд аз ислоҳоти нави андоз ба мақомоти мутасаддӣ бинобар ставкаи аз ҷониби



http://eduportal.uz

соҳибкорони хусусӣ ба таври қатъӣ муайяншуда намудҳои фаъолияти андозсупориро аз нав дида баромадан ва миқдори онҳоро кам кардан супориш дода шуд.

Айнан бо чунин мақсад дар як вақт бо ислоҳоти андоз ба Кодекси андози дар амал низ тағйирот ва иловаҳои зарурӣ дохил карда шуд.

Ставкаҳои солҳои 2018 ва 2019-и ставкаҳои андози даромаде, ки аз шахсони ҷисмонӣ рӯёнда мешаванд, бинобар ҷадвали саҳифаи 81 муқоиса кардан мумкин.

***Машқи амалӣ.*** *Фирма ба ходими худ барои моҳи январи соли 2019 2 000 000 сӯм ҳаққи кор ҳисоб кард. Ходим аксияҳои корхонае, ки худаш кор мекунад, низ дорад ва ӯ аз ин аксияҳо дар намуди дивиденд 450 000 сӯм даромад мекунад. Амонатҳои дар бонк будаи ӯ ба сифати 350 000 сӯм фоизи амонат даромад меорад. Ходим бояд ба давлат чӣ қадар андози даромад пардохт кунад?*

Андозе, ки аз ҳаққи кори ходими фирма пардохт карда мешавад:

2 000 000 · 12% = 240 000 сӯм; Андозе, ки аз дивидендҳои аксияҳои он пардохт карда мешавад: 450 000 · 5% = 22 500 сӯм;

Андозе, ки аз фоизҳои амонатҳои он пардохт карда мешавад:

350 000 · 5% = 17 500 сӯм;

Ходими фирма барои моҳи январ ба давлат 240 000 + 22 500 + 17 500 = 280 000 сӯм андози даромад бояд пардозад.

***Ёддошт:*** Ҳангоми ҳисоби миқдори андоз барои моҳи феврал мисли боло кор бурда мешавад. Лекин андоз фақат барои моҳи феврал нест, балки барои 2 моҳи аз сари сол ин тараф гузашта ҳисоб карда мешавад, миқдори андози моҳи январ пардохтшуда аз он тарҳ карда мешавад.

Мисли шахсони ҷисмонӣ шахсони ҳуқуқӣ ҳам аз даромадҳои дар натиҷаи фаъолияти худ гирифтанашон ба андози фоида кашида мешаванд.

Дар натиҷаи ислоҳоти андозе, ки дар мамлакати мо амалӣ мешаванд, бо оғоз аз 1 январи соли 2019 андози фоидае, ки аз шахсони юридикӣ рӯёнда мешавад:

– барои бонкҳои тиҷоратӣ аз 22 ба 20%;

– барои шахсони дигари юридикӣ аз 14 ба 12% фароварда шуд.

Фуровардани ставкаи андоз барои ба пардохткунандагони андоз кам кардани бори андоз ва маблағҳои иловагии ҳосилшударо барои рушди корхона ва ба инвеститсияҳо равона кардан имкон медиҳад.

Дар баробари ин айни замон барои баъзе намудҳои шахсони ҳуқуқӣ ставкаҳои алоҳидаи андози фоида муайян карда шуд. Инро дар ҷадвали зерин дидан мумкин аст:

| Пардохткунандагони андоз | Ставкаҳои андози даромади шахсони ҳуқуқӣ | |
|---|---|---|
| | **соли 2018** | **соли 2019** |
| Шахсони ҳуқуқӣ (ба ғайр аз онҳое, ки дар зер ҷудо карда нишон дода шудаанд) | **14%** | **12%** |
| Бонкҳои тиҷоратӣ | **22%** | **20%** |
| Шахсони ҳуқуқии истеҳсолкунандаи гранула (ғелак)-ҳои полиэтилен ва семент (клинкер) | **14%** | **20%** |
| Бинобар баъзе намудҳои ниҳоят зиёд судманди маҳсулот | **50%** | **20%** |
| Шахсони ҳуқуқии намуди фаъолияти асосиашон нишон додани хизмати алоқа: ҳангоми рентабелнокӣ (самарадорӣ) то 20% фоиз будан | **14%** | **20%** |
| Ҳангоми рентабелнокӣ (самарадорӣ) аз 20% баланд будан | **50%** | **20%** |

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ба таркиби тамоми даромади шахсони ҷисмонӣ чиҳо дохил мешаванд?
2. Аз шахсони ҷисмонӣ андози даромад чӣ гуна ситонда мешавад?
3. Аз дивиденд ва даромадҳои намуди фоизӣ доштаи шахсони ҷисмонӣ бо кадом ставка андоз ситонда мешавад?
4. Дар бораи ставкаи андози даромад (фоида)-и ситондашавандаи шахсони ҳуқуқӣ чиро медонед? Сабаби паст кардани онҳо дар чист?
5. Ҷадвали тағйирёбии ставкаҳои даромади шахсони ҷисмонии республикаамонро, ки дар ҷадвали поёнӣ оварда шудааст, таҳлил кунед. Сабаби паст гардидани ставкаи андозҳо дар чист?

**Дар хотир доред!**

- Аз шахсони ҷисмонӣ барои даромади солонаашон андози даромад ситонда мешавад.
- Шахсони ҳуқуқӣ аз даромадҳои худ андози даромад (фоида) месупоранд.
- Ставкаи андозро барои шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ давлат муқаррар мекунад.

# МАВЗӮИ 16 АНДОЗИ МОЛУ МУЛК



















## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Дар байни расмҳо мулкеро ёбед, ки объекти андози амвол мегардад. Барои фаҳмонда додани сабаби чунин интихобатон ҳаракат намоед.
2. Бино ё иншоот барои объекти андози молу мулк гардидан ба соҳиби он даромад оварданаш шарт аст? Дар ин бора мунозира намоед. Фикри худро бо ҳамсинфон муҳокима кунед.
3. Ҳангоми муайян кардани ставкаҳои андози молу мулк чиро ба ҳисоб гирифтан лозим аст?
4. Ба объектҳое мисолҳо оваред, ки молу мулки шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Барои фаҳмонда додани фарқияти онҳо кӯшиш кунед.

Аз манзилҳои зист, хонадонҳо, иморатҳои дашту ҳавлӣ, гаражҳо ва иморатҳои дигар, ҷойҳо, иншооти дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷойгиршуда андози молу мулк супорида мешавад. Ба сифати қимати молу мулке, ки ба андоз кашида мешавад, то соли 2017 қимати инвентаризатсия (баҳисобгирӣ)

http://eduportal.uz

гирифта мешуд ва дар ин қимат тағйирёбии нархи бозор инъикос намешуд. Бо оғоз аз соли 2018 бошад, андози молу мулк бо назардошти қимати кадастри мулк (нархи бозор ба эътибор гирифта мешавад) ҳисоб карда мешавад.

Қимати кадастри мулк одатан, нисбат ба қимати инвентаризатсия хеле қимат мешавад. Бинобар ин, барои он ки дар соли 2018 бори андози молу мулк то ки якбора зиёд нашавад, ставкаҳои андоз нисбат ба соли 2017 хеле паст фуроварда шуд.

Соли 2018 дар мамлакати мо ставкаи андози молу мулке, ки аз шахсони ҷисмонӣ рӯёнда мешавад (агар майдони молу мулк аз 200 $м^2$ зиёд нашавад) нисбат ба қимати кадастри молу мулки ҳисобшуда ба миқдори 0,2% муайян карда шудааст.

Ҷойҳои зист ва хонадонҳое, ки майдони умумиашон аз 200 $м^2$ то 500 $м^2$ буда, дар шаҳрҳо ҷойгир шудаанд, бо ставкаи 0,25%, манзили зист ва хонадонҳое, ки майдони умумиашон аз 500 метри квадратӣ зиёд буда, дар шаҳрҳо ҷойгир шудаанд, бо ставкаи 0,35%, молу мулке, ки майдони умумиашон аз 200 $м^2$ зиёд буда, дар нуқтаҳои аҳолии ғайри шаҳр ҷойгир шудаанд, бо ставкаи 0,25% ба андоз кашида мешаванд.

Барои ҳисоб кардани андози молу мулк суммаи хурдтарини қимати кадастр 42 млн. сӯм муайян карда шудааст. Яъне, қимати кадастри молу мулк аз 42 млн. сӯм кам нишон дода шуданаш мумкин нест.

Андозе, ки ба молу мулки шахсони ҷисмонӣ андохта мешавад, аз ҷониби идораҳои андози давлат ҳисоб карда мешавад. Миқдори андозҳое, ки аз иморат, бино ва иншоотҳо пардохт карда мешавад, асосан, ба қимати 1 январи ҳар сол муайян карда мешавад. Соҳиби иморат, бино ва иншоот якчанд нафар бошад, миқдори андозе, ки аз онҳо ситонида мешавад, бо назардошти саҳми ҳар як одам муайян карда хоҳад шуд. Ба биноҳои навсохт ё харидшуда андоз бо оғоз аз аввали соли гузашта ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳолатҳои нест ва тамоман вайрон гардидани молу мулк пардохти андози молу мулк бо оғоз аз нест ё тамоман вайрон гардидани онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Андози молу мулк аз мулки мерос мондашуда аз вақти мерос гирифтан пардохт карда мешавад. Агар соҳиби мулк иваз шавад, соҳиби пешинаи он аз 1 январи соли ҷорӣ то вақти (то моҳи) гум шудани ҳуқуқи соҳибӣ андоз месупорад. Соҳиби нави мулк бошад, бо оғоз аз моҳи гирифтани ҳуқуқи соҳибӣ пардохт мекунад.

Агар соҳиби мулк дар пардохти андоз ҳуқуқи соҳиб шудан ба баъзе имтиёзҳоро ба даст орад, андози молу мулк бо оғоз аз моҳи бавуҷудоии ҳамон ҳуқуқ аз нав ҳисоб карда мешавад.

http://eduportal.uz

Дар бораи пардохти андози молу мулк хабарномаҳои пардохт аз ҷониби идораҳои андози давлатӣ ба пардохткунандагон ҳар сол аз 1 май дер накарда супорида мешавад. Молу мулки зерини ба шахси ҳуқуқӣ дахлдор ба андози молу мулк кашида мешавад:

- Воситаҳои асосӣ, аз он ҷумла, воситаҳои асосӣ (масалан, мулки зеҳнӣ)-и бинобар шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) гирифташуда;
- Активҳои ғайримоддӣ;
- Объектҳои сохтмони буднашуда;
- Ускунаҳои дар муддати муайяншуда насб нагардида.

Андози молу мулк аз қимати бақияи миёнаи солонаи молу мулки корхона гирифта мешавад.

Қимати бақияи миёнаи солона дар санаи охири ҳар моҳ бо роҳи ба 12 (12 моҳ) тақсим кардани ҳосили ҷамъи қиматҳои бақияи объектҳое, ки андоз ситонида мешаванд, муайян карда мешавад.

Дар соли 2019 ставкаи андози молу мулки шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба базаи андозситонӣ ба миқдори 2% муайян карда шудааст. Ин ставкаи андоз аз қимати бақияи аз нав баҳогузоришудаи мулки корхона рӯёнда хоҳад шуд.

Барои шахсони ҷисмонии баъзе тоифаҳо (ногиронҳо ва иштирокдорони ҷанг, занони серфарзанд, нафақахӯрон ва дигарон) бо мақсади корбасти имтиёз бинобар андози молу мулк микёси майдоне, ки андоз ситонида намешавад, то соли 2019 60 метри квадратиро ташкил мекард. Бинобар қонунгузории нави андоз ин ченак бидуни тағйир монд. Агар аз ҷониби шахси ҷисмонӣ молу мулки ба ӯ дахлдор ба соҳибкор барои иҷора дода шавад, ё ки мулкдор худ аз он бо мақсади соҳибкорӣ истифода барад, дар солҳои пеш нисбат ба ин молу мулк имтиёзҳо корбаст намешуданд. Аз соли 2019 ин қоида бекор карда шуд. Яъне, нисбат ба ин гуна молу мулк ҳам имтиёзҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Имтиёзҳо бинобар андози молу мулк дар моддаи 275-уми Кодекси андоз ба тафсил оварда шудаанд.

Шахси ҳуқуқие, ки соҳиби молу мулк буда, ба андози молу мулк кашида шуданаш зарур аст, субъекти андози молу мулк ба шумор меравад. Молу мулкҳои шахсони ҳуқуқие, ки ба андози молу мулкӣ кашида мешаванд, объекти андози молу мулк мебошанд.

Ҳар гуна шахси ҷисмонӣ ба миқдори маълум молу мулк дорад. Бинобар қонун, шахсе, ки аз молу мулкаш андоз месупорад, пардохткунандаи андози молу мулк (субъект) ба ҳисоб меравад. Пардохткунандагони андозе, ки аз шахсони ҷисмонӣ гирифта мешаванд, шахсони зеринанд:



http://eduportal.uz

– шаҳрвандони Республикаи Ӯзбекистон, ки соҳиби molу мулк буда, дар мулки ӯ андоз ситонидан ҷоиз аст;

– шаҳрвандони хориҷие, ки соҳиби молу мулк буда, дар ҳудуди Ӯзбекистон ба андоз кашидан ҷоиз аст. Дар ин ҳолат баъзан бинобар шартномаҳои байналхалқӣ тартиби дигаргуна амал карданаш мумкин аст;

– хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар ҳолати ташкил кардан ё накардани шахсони ҷисмонӣ тартиб дода шудаанд. Молу мулки шахси ҷисмонӣ бошад, объекти андозситонӣ мебошад.

**Супориш**

Қимати ҳавлии заминии шаҳрванд дар ҳолати 1 январи соли 2019 аз ҷониби давлат 162 000 000 сӯм баҳогузорӣ шуд. Шаҳрванд ба давлат имсол чӣ қадар андози молу мулк пардохт мекунад?

Агар қимати ҳавлии заминӣ аз ҷониби пардохткунандаи андоз 35 000 000 сӯм нишон дода шуда бошад, чӣ?

## ДОНИШАТОНРО САНҶЕД!

1. Андози молу мулк аз чӣ пардохта мешавад?
2. Шахсони ҷисмонӣ андози молу мулкро бо кадом ставкаҳо пардохт мекунанд?
3. Андозе, ки аз молу мулки шахсони ҷисмонӣ ситонида мешавад, чӣ гуна ҳисоб карда мешавад?
4. Андози молу мулк аз шахсони ҳуқуқӣ бо кадом ставка пардохта мешавад?
5. Ба сифати имтиёз бинобар андози молу мулк майдони молу мулке, ки андоз ситонида намешавад, чӣ қадар муайян карда шудааст?
6. Дар бораи объектҳои андози молу мулк чиҳоро медонед?
7. Субъектҳои андози молу мулк киҳо ҳастанд?

**Инро дар ёд доред!**

- Шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқие, ки соҳиби молу мулк буда, ба андоз кашида шуданашон шарт аст, пардохткунанда – субъекти андози молу мулк ба шумор меравaнд.
- Молу мулки ба андоз кашидашавандаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ объекти андози молу мулк мебошад.
- Қимати молу мулки ба андоз кашидашаванда ҳар сол бинобар ҳолати 1 январ ҳисоб карда мешавад.



http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 17 АНДОЗИ ЗАМИН














### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Кадоме аз заминҳои дар расм тасвиршуда ба кӣ дахлдор бояд бошад?
2. Аз байни расмҳо, ба фикри шумо, заминҳоеро, ки ба андози замин кашиданашон мумкин аст, ҷудо карда нишон диҳед. Ҳаракат кунед, ки барои чӣ ин гуна интихоб карданатонро фаҳмонед.
3. Барои он ки аз ягон майдон андози замин ситонида шавад, ба фикри шумо оё ба соҳиби худ даромад овардани он зарур аст? (Дар ин бора мулоҳиза кунед. Фикри худро бо ҳамсинфонатон муҳокима кунед).
4. Кадоме аз заминҳои тасвиршуда ба соҳибаш даромади бештар меорад?
5. Ба фикри шумо, андози замин барои чӣ лозим аст?



http://e-book.tj

Дар низоми андози мамлакати мо андози замин ба намуди андози маҳаллӣ мансуб аст. Андози замин бо фарқ аз намудҳои дигари андоз хусусиятҳои хоси худро дорад. Хусусан, ин намуди андоз пардохти қатъӣ аст. Яъне, соҳибони замин ва истифодабарандагони он қатъи назар аз он ки дар давоми фаъолияти худ чӣ қадар фоида мебинанд, андози заминро пардохт карданашон шарт аст. Мақсади асосии дар амал татбиқ гардидани ин андоз истифодаи оқилона аз замин, онро нигоҳубин кардан, ба толону торочи он роҳ надодан мебошад.

Барои шахсони ҷисмонӣ ставкаҳои андози замин дар асоси қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон муайян карда мешаванд.

Шахсони ҳуқуқие, ки дар асоси ҳуқуқи мулк, ҳуқуқи соҳибӣ кардан,ҳуқуқи истифодабарӣ ё ҳуқуқи иҷора соҳибони қитъаҳои замин мебошанд, пардохткунандагони андози замин ба ҳисоб меравaнд.

Корхонаҳо, ташкилотҳои савдое, ки ба пардохти андози ягона ё намудҳои алоҳидаи андоз гузаштаанд, пардохткунандагони андози замин шуда наметавонанд.

Шахсони ҳуқуқӣ барои заминҳои ҷудо кардашуда қатъи назар аз истифода бурдан ё набурдани замин андози замин месупоранд.

Дар Республикаи Ӯзбекистон ставкаҳои зерини андози замин корбаст мешаванд:

1. Ставкаи андози ягонаи замин барои истеҳсолкунандагони молҳои хоҷагии қишлоқ, ки ба пардохти андози ягонаи замин гузаштаанд;
2. Ставкаҳои андози замин барои корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, ки ба пардохти андози ягонаи замин нагузаштаанд.

Ставкаи андози замин ва ставкаи андози ягонаи замин дар асоси қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон муайян карда мешавад.

Қимати заминҳое, ки ҳавлии одамон ва иморатҳои ҷамоатӣ банд кардаанд, 2 баробар зарб зада (2 коэффисиент кор бурда мешавад) баҳогузорӣ мешаванд ва онҳо аз ҳамин қимат андози ягонаи замин месупоранд.

Ба қитъаҳои замини шахсони ҷисмоние, ки андоз ситонида намешавад, заминҳои зерин шомиланд.

Заминҳое, ки дар доираи меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ муайяншуда барои ба тартиби якка сохтани манзили зист ва роҳандозии хоҷагии шахсии ёрдамчӣ дода шудаанд – ба муддати ду сол аз вақти дода шудани қитъаи замин эътиборан аз андоз озоданд. Агар аз замин дар мавқеи худ истифода набарад, ин имтиёз корбаст намешавад.

Ставкаҳои андози замин, ки аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ситонида мешаванд, вобаста ба сифати замин баҳогузорӣ карда мешаванд.

Майдонҳои замини зерин аз андози замин озод карда мешаванд:

- шаҳрҳо, кӯрғонҳои шаҳр, заминҳои дар ҳолати истифодаи умум будаи нуқтаҳои аҳолии деҳот (майдонҳо, кӯчаҳо, гузаргоҳҳо, роҳҳо, соҳили ҷӯйборҳо, ҷӯйборҳо, мазорҳо ва ҳоказо).
- заминҳое, ки барои истифодаи умумии ҷамоаҳои боғдорӣ, ангурпарварӣ, сабзавоткорӣ дода шудаанд;
- заминҳое, ки барои муҳофизати табиат пешбинӣ шудаанд;
- заминҳое, ки дорои аҳамияти таърихиву маданӣ мебошанд;
- заминҳои фонди об (дарёҳо, кӯлҳо, анборҳои об, каналҳо, баҳрҳо ва мисли ҳамин заминҳои мавриди истифодаи умум).

Майдонҳои замини зерин объектҳои андоз мебошанд:

- майдонҳои замине, ки барои соҳибии умрбод дода шуда, баҳри роҳандозии хоҷагии деҳқонӣ мерос гузошта шудаанд;
- қитъаҳои замине, ки барои умрбод соҳибӣ кардан дода шуда, ба тартиби якка баҳри сохтани манзили зист мерос гузошта шудаанд;
- қитъаҳои замине, ки барои гардон кардани боғпарварӣ, ангурпарварӣ ва полиздории ҷамоа дода шудаанд;
- заминҳои чеке, ки аз рӯйи хизмат дода шудаанд;
- қитъаҳои замине, ки бинобар мерос дар натиҷаи ҳадя кардан ё харида гирифтан дар якҷоягӣ бо манзили зист ва иморатҳо ҳуқуқи мулк, соҳибӣ кардан ва ҳуқуқи истифодабарӣ ҳам гузаштааст;
- қитъаҳои замине, ки бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои қонун муайяншуда мулк карда гирифта шудаанд;
- қитъаҳои замине, ки барои роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ барои истифодаи доимӣ ё иҷора дода шудаанд.

Ҳамаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқие, ки пардохткунандагони андози замин мебошанд, субъектҳои андози замин ба шумор мераванд.

Майдонҳои зерин барои шахсони ҳуқуқӣ объекти андози замин ба шумор мераванд:

- майдонҳое, ки бинобар тартиби дар қонун муайяншуда мулки худ карда гирифта шудаанд;
- заминҳое, ки барои хоҷагии ҷангал барои соҳибӣ дода шудаанд;
- заминҳое, ки барои истифодаи корхонаҳо, иморатҳо, сохтани иншоот ё мақсадҳои дигар (ба ғайр аз мақсадҳои хоҷагии қишлоқ) дода шудаанд.

### ОЁ МЕДОНЕД?

Аз шахсони ҷисмоние, ки заминҳои додашударо дар бадали ду сол истифода набурдаанд, андози замин се баробар карда ситонда мешавад.

### ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Чӣ гуна қитъаҳои замин, ки ба шахсони ҷисмонӣ дахлдоранд, ба андози замин кашида мешаванд?
2. Чӣ гуна шахсони ҷисмонӣ пардохткунандагони андози замин ба ҳисоб мераванд?
3. Ставкаҳои андози замин аз тарафи кӣ муайян карда мешавад?
4. Барои пардохткунандагони андози замин чӣ гуна имтиёзҳо мавҷуданд?
5. Чӣ гуна шахсони ҳуқуқӣ пардохткунандагони андози замин мешаванд?
6. Андози замин барои чӣ лозим аст? Ҷавобатонро асоснок намоед.
7. Андози замин ба кадом намуди андоз ва маблағи ҷамъкардашуда мансуб аст?
8. Субъектҳои андози замин гуфта, чӣ гуна шахсони ҳуқуқиву ҷисмониро мегӯем?
9. Объектҳои андози замин гуфта, чӣ гуна майдонҳои замин дар назар дошта мешаванд?

### Инро дар ёд доред!

• Соҳиби замине, ки ба андоз кашидани ӯ шарт аст, пардохткунандаи андози замин ба ҳисоб меравад. Онҳо субъектҳои андози замин ҳам ба ҳисоб мераванд.

• Заминҳои ба андоз кашидашавандаи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ объекти андозситонии замин мебошанд.

• андози замин ба намуди андозҳои маҳаллӣ мансубанд.

• ставкаҳои андози замин ва андози ягонаи замин аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

• соҳибони замине, ки аз замин самаранок истифода бурда наметавонанд, бинобар ставкаҳои зиёдшуда андози заминро пардохт мекунанд.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 18 АНДОЗИ АКСИЗ ВА АРЗИШИ ИЛОВАГӢ



**Молҳое, ки дар Республикаи Ӯзбекистон истеҳсол мегарданд**










**Молҳое, ки ба ҳудуди Республикаи Ӯзбекистон оварда мешаванд**










## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Дар расмҳои болоии 1-3 молҳои дар мамлакатамон истеҳсолшаванда ва дар расмҳои 4-6 молҳои дар хориҷ истеҳсолшавандаву ба ҳудуди мамлакатамон овардашаванда тасвир ёфтаанд. Ҷиҳати умумии онҳо ин аст, ки аз ин молҳо андози аксиз гирифта мешавад.

http://eduportal.uz

1. Ба фикри шумо аз ин молҳо аз чӣ сабаб андози аксизи иловагӣ гирифта мешавад? Ҳангоми тайёркунии ҷавоби саволи мазкур ба мавқеи ин молҳо дар бозор ва хосиятҳои истеъмолиашон эътибор диҳед.
2. Дар расми 1 маркаи аксизӣ тасвир ёфтааст. Ии қабил маркаҳои аксизӣ ба кадом молҳо часпонда шуданашро оё медонед? Сабаби ба молҳо часпондани маркаҳои аксизӣ дар чист?
3. Ба молҳои андозӣ аз чӣ сабаб андози қимати иловагӣ супурда мешавад? Дар ин бора ҳаракат кунед, ки фикри хешро баён созед. Дар ин ҷо ба номи андоз эътибор диҳед.

Андози аксиз андози бавосита ба ҳисоб рафта, аз баъзе маҳсулот ситонда мешавад. Аз адои хизмат андози аксизӣ ситонда намешавад. Ан дозсупорандагони андози аксизӣ истеҳсолкунандагони маҳсулоти аксиз-додашаванда ва воридоткунандагон мебошанд. Андози аксизӣ аз маҳсулоти алкоголӣ, маҳсулоти тамоку, спирти этилӣ, нӯшокиҳои спиртдор, ашёҳое, ки аз тиллову нукра омода мегарданд, нафт, маҳсулоти нафтӣ, газ (бензин, дизел, газ) барин маҳсулотҳо, ки дар мамлакатамон тайёр карда мешаванд, ситонда мешавад.

**Барои баъзе маҳсулотҳо ставкаҳои андози аксизро меорем:**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Коняк (барои 1 декалитр) | 92 500 сӯм |
| 2 | Арақ (барои 1 декалитр) | 84 500 сӯм |
| 3 | Сигаретҳои филтрнок (барои 1000 дона) | 117 900 сӯм |
| 4 | Спирти этил (барои 1 декалитр) | 9 800 сӯм |
| 5 | Бензин (барои 1 тонна) | 32 143 сӯм |
| 6 | Барои гази моеъшуда (барои 1 тонна) | 540 645 сӯм |
| 7 | Барои ашёҳои заргарӣ (қимати фурӯш бо фоизҳо) | 25% |
| 8 | Мошинҳои сабукрави GM Uzbekistan (бо фоизҳо нисбат ба қимати фурӯш) | 3% |

Ҳамин молҳое, ки ба андози аксиз кашида мешаванд, объектҳои андози аксиз мебошанд.

Бо оғоз аз 1 январи соли 2019 бинобар ҳисобкунӣ ва пардохти андози аксиз низ як қатор дигаргуниҳо дохил карда шуданд. Аз ҷумла:

1. ҳосили ҷамъи андози аксизи пардохташуда дар занҷири истеҳсолот ва фурӯш ба ҳисоб гирифта намешавад;



http://eduportal.uz

2. намудҳои молҳои нави андози аксиз ситонидашаванда дохил карда шуд;

3. андози аксиз барои маҳсулоти алкоголӣ индексатсия карда шуд.

Бо оғоз аз 1 январи соли 2019 бинобар баъзе молҳои аксиз ситонидашаванда ставкаҳои андози аксиз коҳиш дода шуд. Баъзе молҳо бошанд, аз рӯйхати молҳое, ки аксиз андохта мешаванд, бароварда шуданд. Ҳамзамон якчанд молҳо ба рӯйхати молҳои аксиз ситонидашаванда ворид гардиданд.

То соли 2019 барои бензин, сӯзишвории дизелӣ ва газ андози истеъмол пардохт карда мешуд. Дар ин ҳол андози мазкур ба нархи ҳар як литр сӯзишворӣ иловаи муайянро изофа намуда, рӯёнда мешуд. Аз 1 январи соли 2019 бошад, ин андози истеъмол бекор карда шуд ва ба ҷойи он барои ҳар як литр сӯзишворӣ андози аксиз дохил карда шуд. Андози аксиз ба истеъмолгарон аз шахсони ҳуқуқие, ки сӯзишворӣ мефурӯшанд, рӯёнда мешавад. Ба нархи сӯзишворие, ки ба истеъмолгар  ин шахсони ҳуқуқӣ фурӯхтаанд, ин андози аксиз ҳам илова мегардад. Ин дар навбати худ, барои кам кардани миқдори андозҳо ва содда кардани низоми андоз хизмат мекунад.

Рӯйихати молҳое, ки ба ҳудуди мамлакати мо аз хориҷа оварда мешаванд ва андози аксиз гузошта мешаванд, хеле васеъ аст.

Дар мамлакати мо бо қарори Президенти Республикаи Ӯзбекистон бо оғоз аз 1 январи соли 2019 боз барои воридоти 65 намуд мол андози аксиз ворид карда шуд. Дар ин ҳол андози баъзе молҳо аз қимати гумрук бо ҳисоби фоиз рӯёнда шавад,  аз баъзеҳои дигараш барои як воҳид мол бо миқдори қатъӣ бо валютаи хориҷӣ рӯёнда мешавад. Дар ин ҳол молҳои ба андози аксиз аз ҳама беш кашидашуда молҳои электротехника мисли яхдонҳо, кондитсионерҳо, печҳои микромавҷдор мебошанд. Ба онҳо ставкаи андози аксиз 10-15% муайян карда шуд.

Ба ғайр аз он, ба печени, шоколад ва шириниҳои дигархела низ андози аксиз бо ставкаи 10-20% ворид карда шуд.

Дар баробари ин, барои 1000 дона сигарет андози аксиз аз 60 доллар то 40 доллар паст карда шуд.

Лекин аз 1 январи соли 2019 баъзе корхонаҳое, ки гардишашон то 3 млрд. сӯм аст, ба тартиби соддакунондашудаи пардохти андози қимати иловашуда мумкин аст  ба тарзи ихтиёрӣ гузарад. Корхона ҳангоми ба тартиби мазкури пардохти АҚИ (Андози қимати иловашуда) гузаштан ба ставкаҳои пастшуда андоз месупорад, лекин ин андози пардохтшударо бинобар молҳои харидшуда барои ба ҳисоби АҚИ-и пардохтшуда гузарондан

ғайриимкон аст. Тартиби мазкури пардохти АҚИ фақат барои корхонаҳои хурд буда, муваққатӣ аст, яъне, то 1 январи соли 2021 амал мекунад.

Корхонаҳои хурде, ки ба тартиби пардохти АҚИ гузаштаанд, ба ставкаҳои зерин АҚИ пардохт мекунанд: корхонаҳои саноатӣ – 7 %, дар савдо – 6%, дар сохтмон – 8%, дар хӯрокхӯрии умумӣ ва меҳмонхонаҳо – 10%.

Ҳангоми ҳисоб кардани андози қимати иловашуда ҳаминро ба инобат гирифтан лозим аст, ки ба сифати база (қимат)-и пардохти андоз қимати пурраи маҳсулот не, балки қимати наве, ки дар ҳамин корхона барои андоз пардохтан офарида мешавад, гирифта хоҳад шуд. Дар ин ҳол, истеъмоли фосилавӣ, яъне, барои истеҳсоли ҳамин маҳсулот дар даври ҳисобот қимати молҳои истифодашуда ва хизматҳо бароварда мешавад. Дар он ҳол формулаи ҳисоб карда баровардани АҚИ намуди зеринро мегирад:

АҚИ = Қимати иловашуда · 20% = Қимат (Нарх) · 20% - Қимати истеъмоли масофавӣ · 20%

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Андози аксиз чист? Вай аз кадом маҳсулот ситонда мешавад?
2. Кадом маҳсулот аз андози аксизӣ озод карда мешавад?
3. Андози арзиши иловагӣ чӣ гуна андоз аст?
4. Киҳо пардохтгарони андози қимати иловагианд?
5. Объекти андози арзиши иловагиро гӯед?
6. Ставкаи фоизи андози арзиши иловагӣ ба микдори чанд фоиз муқаррар гардидааст?
7. Андози арзиши иловагӣ чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?
8. Бинобар тартиби соддагардондашудаи пардохти андози қимати иловашуда чӣ гуна шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи пардохт доранд?
9. Бинобар тартиби соддагардондашудаи пардохти андози қимати иловашуда ба кӣ чӣ гуна ставкаҳо истифода карда мешаванд?

**Дар хотир доред!**

- Андози аксизӣ андози бавосита аст.
- Андози аксизӣ аз молҳое, ки дар мамлакатамон истеҳсол мегардад ва ё ворид мешавад, ситонда мешавад.
- Андози арзиши иловагӣ дар чараёни истеҳсоли маҳсулот (адои хизмат), фурӯхтан ва воридот як қисми қиматест, ки ба нархи он ҳамрох карда мешавад.

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ III

## А. САВОЛҲО

1. Ставкаи андози даромадро аз шахсони ҷисмонӣ маънидод созед.
2. Сабаби паст рафтани ставкаи андози даромад аз шахсони ҷисмонии республикаамон дар чист?
3. Дар бораи фикри бобокалони бузургамон Заҳириддин Муҳаммад Бобур оид ба андоз чиҳоро медонед?
4. Оиди ставкаи андоз фоидае, ки аз шахсони ҳуқуқӣ гирифта мешавад, чӣ медонед?
5. Кодекси андоз кадом муносибатҳоро ба тартиб меандозад?
6. Дар бораи андози арзиши иловагӣ чиҳоро медонед?
7. Аз кадом маҳсулот андози арзиши иловагӣ ситонда мешавад?
8. Андози аксиз ба кадом намуди андоз шомил аст?
9. Андози замин бо кадом мақсад ситонда мешавад?

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Объекти андозситонии андози даромад аз шахсони ҷисмонӣ.
2. Пардохтгарони андози замин.
3. Андози арзиши иловагӣ.
4. Пардохтгарони андози аксиз.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) шахсоне, ки дар пояи ҳуқуқи амволдорӣ, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ё худ иҷора ба қитъаҳои замин соҳиб гардидаанд;
б) даромади умумии солонаи шахсони ҷисмонӣ;
в) маҳсулоти аксизсупор истеҳсолгарон ва воридоткунандагон мебошанд;
г) дар ҷараёни истеҳсол, харид ё худ воридоти маҳсулот арзиши иловагии ба нархи маҳсулот ҳамроҳгардида.

http://eduportal.uz

**В. Бинобар расмҳои титули боби III-юми саҳифаи 77.**

Кадом расмҳо ба кадом мавзӯи боб тааллуқдор буданашонро гӯед. Дар асоси расмҳои мазкур мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.

## Г. ТЕСТҲО

1. **Кадоме аз поёниҳо объекти андози даромад шуда метавонанд?**
   А) музди якмоҳа;
   Б) дивиденди аз аксия гирифта;
   В) фоизи амонатҳои бонк;
   Г) ҳамаи болоиҳо.

2. **Аз манзили шахсӣ, бӯстонсароҳо бо кадом ставкаи фоиз андози молу мулк ситонда мешавад?**
   А) 3–3,5%; В) 2%;
   D) 0,5%; Е) 0,2–0,35%.

3. **Як қисми ба давлат пардохташавандаи намуди андоз, ки арзиши иловагӣ номида шуда, аз истеҳсолгар, фурӯшанда ё ки воридоткунандаи маҳсулот гирифта мешавад, дар кадом ҷавоб дода шудааст?**
   А) андози арзиши иловагӣ;
   Б) андози молу мулк;
   В) андози аксиз;
   Г) пардохти гумрукӣ.

4. **Дар республикаамон ставкаи асосии арзиши иловагӣ чанд фоиз муқаррар гардидааст?**
   А) 10%; В) 15%;
   D) 18%; Е) 20%.

5. **Дар кадом ҷавоб навъи маҳсулоти андози аксиз супоридашаванда дода нашудааст?**
   А) доруву дармон;
   Б) маҳсулоти тамоку;
   В) маҳсулоти нафту газ.
   Г) маҳсулоти аз тиллову нуқра тайёргардида.

6. **Андози бевосита аз чӣ гирифта мешавад?**
   А) аз даромад; Б) аз мулк; В) аз замин; Г) аз молҳо.

7. **Аз шаҳрвандон кадом андоз ситонда мешавад?**
   А) танҳо андози даромад;
   Б) фақат андози даромад ва мулк;
   В) андози даромад, мулк ва замин;
   Г) андози даромад, мулк ва экологӣ.

## ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛ | ИСЛОҲОТИ АНДОЗ

Дар мамлакати мо давраи то ислоҳоти андозро ба хотир орем, бори андоз дар мо, ҳангоми бо мамлакатҳои ривоҷёфтаи иқтисодиёташ дар дараҷаи мо муқоиса кардан, хеле баланд буд. Ин бошад, ҳолатҳои аз андоз гурехтанро зиёд намуда, барои ривоҷи иқтисодиёти хуфя сабаб мегардид. Дар низоми андози мо фарқи байни бори андозе, ки ба бизнеси хурд гузошта шудааст, бо андозе, ки ба тиҷорати миёна ва калон гузошта шудааст, хеле калон буд. Ин бошад, барои рушди намояндагони тиҷорати хурд ва аз ба дараҷаи тиҷорати миёна ва калон гузаштани онҳо монеа мешуд.

Боз як муносибати манфии бузурге, ки дар низоми пешинаи андози мо дида мешуд, аз ин иборат буд, ки амалиёти ба андоз кашидани даромади умумӣ васеъ паҳн шуда буд. Лекин он ба амалиёти байналхалқӣ ҳолати зид аст. Зеро дар ин ҳол занҷири офаридани қимати нав пайдо намешавад.

Ба сабаби он ки ҳамаи гуфтаҳои болоӣ ва амалиёти интихобан имтиёз додани корхонаҳо пурзӯр гардид, барои куллан ислоҳ кардани низоми андози мамлакати мо қарор карда шуд. Бо фармони Президнети мо Шавкат Мирзиёев аз 29 июни соли 2018 консепсияи “Такмил додани сиёсати андоз” қабул карда шуд.

Мувофиқ ба консепсия низоми андоз куллан ислоҳ карда шуд. Дар ин ҳол сабук кардани бори андоз ва рағбатноксозии корхонаҳои хурд ба сифати мақсади асосӣ эътироф шудааст. Бо чунин мақсад корҳои зерин амалӣ шуданд:

– кам кардани миқдори андозҳо, соддакунӣ ва фаҳмо намудани онҳо;

– ихтисор кардани ставкаҳои андоз, онҳоро барои пардохткунандагони андозе, ки инвеститсион карда шудааст, ба рағбатноккунонӣ равона кардан;

– якбора кам кардани миқдори молҳои ягонаи иҷтимоӣ;

– содда кардани андози даромад, кам кардани миқдори ставкаҳо;

– аз имтиёзҳое, ки ба корхонаву ташкилотҳо дода мешаванд, даст кашидан;

– бинобар ҷамъ кардани андоз, ҳисоботи андоз низомро содда кунондан.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО

1. Байни ислоҳотҳои андоз ва рушди якбораи иқтисодиёти мо чӣ вобастагӣ ҳаст?
2. Аз калонсолони оилаатон низоми андози нав, ба пардохти андоз чӣ гуна таъсир гузарондани онҳоро дониста гиред.
3. Натиҷаҳои мусбии ислоҳоти андоз дар навбати аввал аз атрофиёнатон ба киҳо таъсир мерасонад?

http://eduportal.uz

*Мо бояд баркарории макроиқтисодӣ ва суръати баланди афзоиши иқтисодиро таъмин кунем.*

*Шавкат Мирзиёев*






# Боби IV. Пешрафти иқтисодӣ









# МАВЗӮИ 19 НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ








## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Мамлакатҳое мисли ИМА, Германия, Япония ва Кореяро одатан мамлакатҳои бой меноманд. Як қатор мамлакатҳои Африкаро бошад, баръакс, ба сифати мамлакатҳои камбағал ба забон мегиранд. Ба фикри шумо, бойигарӣ ва ё камбағалии мамлакатҳо дар чӣ намоён мешавад?
2. Ба фикри шумо, байни тасвирҳои расмҳо ва бойигарии мамлакати мо чӣ гуна вобастагӣ ҳаст?
3. Шаҳрвандони мамлакати мо, ки дар хориҷа кор мекунанд, оё ба бойшавии мамлакати худ ҳисса гузоштанашон мумкин аст? Чӣ гуна?
4. Ширкатҳои хориҷие, ки дар мамлакати мо фаъолият доранд, чӣ?

Натиҷаҳои иқтисодиёти кишвар бо ёрии нишондиҳандаҳои гуногун муайян карда мешавад. *Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД)* — нархи умумии маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматрасонӣ бо нархи бозорӣ мебошад, ки дар муддати як сол дар кишвар истеҳсол шудааст. Ҳангоми ба ҳисобгирии МУД ашёи хом, қисмҳои эҳтиётӣ, тухмӣ, сӯзишворӣ, энергия, масолеҳ, хизмати нақлиёт, хизмати савдои яклухт ва тиҷорат, ки дар зинаи мобайнӣ истеҳсол карда шудаанд ва дигар маҳсулоту хизматҳои фосилавӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ба МУД танҳо нархи маҳсулоти ба истеъмол тайёри ниҳоӣ дохил мешаванд. Масалан, чархи трактор ба МУД дохил намешавад, чунки он маҳсулоти ниҳоӣ, яъне тайёр нест. Ин маҳсулот барои тракторсозӣ истифода шуда, қисми трактор номида мешавад. Трактор бошад, маҳсулоти

ниҳоӣ аст ва ба МУД шомил мешавад. Агар чарх МУД ҳисоб меёфт, қимати он ду маротиба — аввал алоҳида, баъд бо трактор ба МУД дохил мешуд. Бинобар ин ҳангоми ба ҳисобгирии МУД танҳо маҳсулотҳои ниҳоӣ ба инобат гирифта мешавад. МУД нархи бозории маҳсулоти истеҳсолкардаи фирмаҳо, корхонаҳои кишвар новобаста аз ба кадом давлат ё аҳолӣ муносибат доштанашон мебошад.

Маҳсулоти умумии дохилӣ одатан, бо валютаи миллӣ ҳисоб карда мешавад. Масалан, маҳсулоти умумии дохилии Ӯзбекистон бо сӯм нишон дода мешавад. Дар миқёси байналхалқӣ бошад, МУД-и ҳар хел мамлакат бо доллар гузаронда мешавад ва байни ҳамдигар муқоиса карда хоҳад шуд. Аз ҷумла, дар Базаи бонки ҷаҳонӣ МУД ҳамаи мамлакатҳои дунё мавҷуд аст. Нишондодҳо ҳар сол нав гардида, чоп карда мешаванд.

*Маҳсулоти умумии миллӣ (МУМ)* – нархи умумии ҳамаи маҳсулот ва хизматрасониҳо бо нархи бозор мебошад, ки шаҳрвандони кишвар дар давоми сол (дар кишвар ё беруни он) истеҳсол кардаанд. Агар аз МУМ нархи маҳсулотеро, ки дар ҳудуди кишвари мазкур аз ҷониби шаҳрвандон, фирмаҳо истеҳсол гардидаанд, тарҳ кунем, пас нархи маҳсулотеро, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва фирмаҳо дар ҳудуди кишварҳои дигар истеҳсол гардидаанд, ҷамъ кунем, бузургии ҷамъи маҳсулоти миллии кишвари мазкур ҳосил мешавад.

*Маҳсулоти софи дохилӣ* (МСД) – ба фарқи байни ҷамъи маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) ва маблағи амортизатсионӣ баробар аст. Маълум аст, ки дар ҷараёни истеҳсолот асбобу дастгоҳ ва биноҳо барин воситаҳои

**Маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД)** — нархи умумии маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматҳо бо нархи бозорӣ, ки дар давоми як сол дар мамлакат истеҳсол шудаанд.

**Маҳсулоти умумии миллӣ (МУМ)** — нархи умумии ҳамаи маҳсулот ва хизматрасониҳо бо нархи бозор мебошад, ки шаҳрвандони кишвар дар давоми сол (дар мамлакат ё беруни он) истеҳсол кардаанд.

асосӣ кӯҳна шуда, қисми нархи онҳо ба нархи маҳсулоте, ки бо иштироки онҳо тайёр гардидааст, мегузарад, ки онро *амортизатсия* номида будем. Пас, дар як қисми нархи маҳсулот маблағи амортизатсионӣ мавҷуд буда, нархи маҳсулот аз нав гузошта намешудааст. Бинобар ин агар аз МУМ



http://eduportal.uz

тамоми маблағи амортизатсиониро тарҳ кунем, миқдори маҳсулоти софи дохилӣ (МСД) бармеояд. МСД нархи бозории маҳсулот ва хизматрасониҳое мебошад, ки дар давоми сол дар кишвар офарида шудааст.

*Даромади миллӣ* (ДМ) – маблағи умумии тамоми даромадҳои аҳолӣ ба мисли маоши солона, фоиз, рента (даромади муайян) ва маҷмӯи умумии фоидаи корхонаҳо иборат мебошад. Он аз МСД бо роҳи тарҳ кардани ҳамаи андозҳои бавосита ҳам муайян карда мешавад.

Ҳангоми қиёскунии самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва фаровонии тарзи зиндагонии аҳолии мамлакатҳои мухталиф МУД *нисбати ҳар як* сар *аҳолӣ* истифода мегардад.

Қимати МУД (МУМ) – МУД (МУМ), ки ба сари ҳар як нафар аҳолӣ рост меояд ба миқдори аҳолии мамлакат тақсим карда ёфта мешавад.

Дар давлатҳое мисли ИМА, Япония нишондоди асосии микроиқтисодӣ, ки дараҷаи ривоҷи мамлакатро ифода мекунад, МУД не, балки МУМ қабул карда шудааст. Лекин бинобар тавсияи Созмони Милали

**Маҳсулоти софи дохилӣ (МСД)** — ба фарқи байни ҷамъи маҳсулоти умумии дохилӣ ва маблағҳои амортизатсионӣ баробар аст.

**Даромади миллӣ (ДМ)** — ҷамъи умумии тамоми даромадҳои аҳолӣ ба мисли маоши солона, фоиз, рента ва даромади ҳамаи корхонаҳо.

**Формула** $YaMM = YaIM + E - I$; $SIM = YaIM - A$

Дар ин ҷо, ***E*** – қимати хизмат ва молҳои дар асоси капитали мамлакатамон ба мамлакатҳои хориҷа офаридашуда; ***I*** – қимати хизмат ва молҳои дар асоси капитали мамлакатҳои хориҷа ба мамлакатамон офаридашуда; ***A*** – амортизатсия.

Муттаҳид барои муайян кардани дараҷаи ривоҷёбии мамлакат МУД ба сифати нишондоди асосӣ кор фармуда мешавад. Барои ҳамин ҳам, дар аксари мамлакатҳо барои муайян кардан ва муқоисасозии дараҷаи зиндагии аҳолӣ ба ҳар сари ҷони аҳолӣ МУД, ки рост меояд, гирифта мешавад.

Бинобар маълумоти Кумитаи давлатии статистикаи Ӯзбекистон дар соли 2018 МУД Ӯзбекистон 407,5 трлн. сӯмро ташкил кард. Ин нисбат ба соли 2017 5,17% зиёд аст. МУД, ки ба сари ҷони аҳолӣ рост

меояд, 12,3 млн сӯмро ташкил намуд. Ин нишондод нисбат ба соли 2017 3,3% афзоиш ёфтааст.

**СУПОРИШҲО**

1. Ибораи “Пахта – сарвати милли мо”-ро эзоҳ диҳед.
2. Даромади фермер барои ашёи хоми пахта, ки аз саҳро чида гирифта, ба давлат супурдааст, валютаи хориҷии аз содироти пахта ба даст омада, ҳаққи гирифтаи чеварон барои дӯхтани куртаҳоро маҳсулоти дохилии мамлакати мо гуфтан мумкин аст?
3. Валютаҳои аз ҷониби сайёҳони хориҷӣ пардохташуда, барои хизматҳои ширкати ҳавоии миллии “Ӯзбекистон ҳаво йӯллари”, меваҳои тропикии дар бозор фурӯхташаванда (мисли банан, ананас, апелсин), мошини сабукрави “Кобалт”-и барои содирот истеҳсолшударо чӣ?
4. Маҳсулоти шабакаи хориҷии ширкати Ӯзбекистон истеҳсолкарда маҳсулоти дохилии мамлакати мо шуда метавонад?

Маҳсулоти истеҳсолкардаи шабакаи дар мамлакати мо будаи ширкати хориҷӣ ё хизматрасонии он чӣ?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. МУД, МУМ, МСД, МСМ ва ДМ аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
2. Чаро ба МУД арзиши ҳамаи мол ва хизматҳое, ки дар кишвар истеҳсол мегарданд, дохил намешаванд?
3. Ба маҳсулоти ниҳоӣ ва фосилавӣ сетогӣ мисол оред.
4. Бузургии МУМ дар як мамлакат 7669 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, даромади ба шаҳрвандони хориҷӣ пардохташуда – 190 млн доллар, даромад аз сармоягузорӣ ба давлатҳои дигар 205 млн долларро ташкил дод. Бузургии миқдори МУД-и мамлакатро ҳисоб кунед.
5. Болоравии МУД ба тараққиёти иқтисодиёти мамлакат чӣ гуна таъсир мекунад?
6. Бузургии МУД, ки ба сари ҳар як нафар аҳолӣ рост меояд, чиро ифода мекунад?

**Дар хотир доред!**

- Маҳсулоти умумии дохилӣ ченаки асосии салоҳияти иқтисодии мамлакат аст. Он вазъи иқтисодии мамлакатро акс мекунонад.
- Самаранокии фаъолияти иқтисодӣ дар мамлакатҳои мухталиф баробари тақсим кардани МУД нисбати ҳар як сар аҳолӣ қиёс карда мешавад.
- МУД-е, ки нисбати ҳар як сар аҳолӣ рост меояд, ҳосилнокии меҳнати аҳолии мамлакатро низ нишон медиҳад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 20 ПЕШРАФТ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДӢ

Аён аст, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодиёти кишвар (МУД, МУМ, МСД, МСМ ва ДМ) дар соли муайян бо нархҳои ҳамонсола ҳисоб карда мешавад. Қимати ин нишондиҳандаҳо дар нархҳои соли мушоҳидашаванда – *арзиши номиналӣ* номида мешавад. Аммо нархҳо сол аз сол тағйир меёбанд. Бинобар ин, барои муқоисаи нишондиҳандаҳои солҳои гуногун аз арзиши воқеии онҳо истифода мебаранд.

**ФОРМУЛА**

Алоқаи байни арзиши номиналӣ ва воқеии МУД

$МУД_r$ — арзиши воқеӣ; $МУД_n$ — арзиши номиналӣ;
I — дараҷаи баландшавии нархҳо.

$$YaIM_r = \frac{YaIM_n}{I}$$

Бигузор солҳои 2015–2018 нархҳо дар кишвар 1,5 баробар афзуда бошад. Яъне, дараҷаи болоравии нархҳо дар ин давра ба 1,5 баробар буда, қимати номиналии МУД дар соли 2015-ум 19,35 трлн. сӯм, соли 2018 бошад, 36,84 трлн. сӯмро ташкил карда бошад. Барои ин нишондиҳандаҳоро қиёс намудан онҳоро бо нархи якхела ҳисоб кардан зарур аст. Барои ин нархи соли 2015 асос карда мешавад. Бо ин нархҳо арзиши МУД соли 2015 дода шудааст. Акнун МУД соли 2018-умро ба нархҳои соли 2015 ҳисоб мекунем. Барои ин арзиши номиналии МУД соли 2018-умро ба дараҷаи болоравии нархҳо тақсим кунем, кифоя аст. Қимати ҳосилшуда 24,56 трлн сӯм аз қимати ҳақиқии МУД-и соли 2018 нисбат ба соли 2015-ум иборат мешавад. Акнун арзиши номиналии МУД-и соли 2015 ва воқеии соли 2018-умро муқоиса мекунем. Хулоса, соли 2018-ум нисбат ба соли 2015-ум қимати МУД 24,56:19,35=1,27 баробар афзудааст. Барои ёфтани арзиши воқеӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии соли ҷориро нисбат ба соли дигар, арзиши номиналии он ба дараҷаи болоравии умумии нархҳои ин давра тақсим карда мешавад.




**Нақшаи 20.1**

Таърихи дуасринаи иқтисоди бозаргонӣ тасдиқ намуд, ки вусъати он мавҷмонанд аст. Маълум мешавад: дар давлатҳое, ки иқтисоди бозаргонӣ ҳукмрон аст, дар даврахои муайян фаъолнокии иқтисодӣ пурзӯр гардида, сонӣ паст мешавад. Яъне, ноустувор аст. Даврае, ки барои як маротиба болою

http://eduportal.uz

поён шудани иқтисодиёти мамлакат сарф мешавад, марҳалаи иқтисодӣ номида мешавад. Агар ба *марҳалаи иқтисодие,* ки дар нақшаи 20.1 тасвир ёфтааст, назар андозем, он аз фосилаҳои болоравӣ ва пастравии иқтисодӣ иборат буда, нуқтаи *M* қуллаи баландтарини фаъолнокии иқтисодии ин марҳала, нуқтаи *N* бошад, нуқтаи пасттарин мебошад.

**Арзиши номиналии нишондиҳандаи иқтисодӣ** – арзише, ки нисбат ба нархҳои марҳалаи ҷорӣ муайян шудааст.

**Арзиши воқеии нишондиҳандаи иқтисодӣ** — арзише, ки нисбат ба нархҳои кадом як соли барои асос интихобшуда муайян гардидааст.

**Марҳалаи иқтисодӣ** — вақте ки ба ноустуворӣ, яъне ба болоравӣ, сипас пастшавӣ сарф шудааст.

Агар давраи калонтарини рушди иқтисодиро аз назар гузарондани бошем, ҳолатеро дидан мумкин аст, ки дар нақшаи 20.2 тасвир ёфтааст. Таъкид кардан лозим аст, ки дар ин ҳолат фаъолнокии иқтисодӣ ҷунбида истад ҳам, умуман дар иқтисодиёт пешрафт – тараққиёт дар назар дошта мешавад. Дар иқтисодиёт агар дар бадали шаш моҳ МУД кам шуданаш ба назар расад, он аз пастравии иқтисодиёт дарак медиҳад.



Нақшаи 20.2

Яке аз вазифаҳои асосии давлат идора намудани болоравии иқтисодии кишвар мебошад. Чунки шумораи аҳолӣ зиёд гардида, эҳтиёҷоти онҳо рӯз аз рӯз меафзоянд. Пас, зарурати баровардани маҳсулоти барзиёд, расонидани хизмат ба миён меояд. Дар ин шароит лозим меояд, ки давлат истеҳсолотро вусъат диҳад, яъне болоравии иқтисодиро таъмин намояд. *Болоравии иқтисодӣ* бо як маром афзоиш ёфтани ҳаҷми маҳсулоти умумӣ мебошад. Дараҷаи болоравии иқтисодиро бо якчанд усул ҳисоб кардан мумкин аст. Одатан *болоравии иқтисодӣ* бо дараҷаи болоравии МУД ҳисоб карда мешавад. Дар мисоли болоӣ арзиши воқеии МУД солҳои 2015–2018-ум 1,27 маротиба афзудааст, ки ин нишондиҳандаи болоравии иқтисодӣ дар даври мушоҳидашаванда мебошад. Баъзан, болоравии иқтисодӣ бо дараҷаи болоравии МУМ ё арзиши реалии МУМ (МУД)-е, ки ба ҳар сари аҳолӣ мувофиқ меояд, низ ҳисоб карда мешавад.

Болоравии иқтисодӣ бо ду роҳ: *экстенсивӣ* ва *интенсивӣ* сурат мегирад. Барои ин заминҳои нав аз худ карда мешаванд. Истеҳсоли канданиҳои фоиданок ба роҳ монда шуда, захираҳои меҳнатии зиёд ба истеҳсолот ҷалб карда мешаванд. Болоравии интенсивӣ бо роҳи истифодабарии самараноки захираҳои мавҷуда, татбиқи кашфиётҳои илму техника, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ба истеҳсолот, самаранокии меҳнат, баланд бардоштани савияи дониши кормандон ҷорӣ карда мешавад.

Чуноне ки дар мамлакат оилаҳои бою камбизоат мешаванд, давлатҳо низ ҳамчунин бою камбағал ҳастанд. Бою камбағал будани халқ ба дараҷаи болоравии иқтисодӣ, яъне бо ҳаҷми МУМ-и ба ҳар сари аҳолӣ мувофиқоянда чен карда мешавад. Аз рӯи зиёд ё кам будани миқдори МУМ ба ҳар сари аҳолӣ давлатҳо ба *мутараққӣ* ё *ривоҷёфта* ва *рӯ ба тараққӣ* ҷудо мешаванд. Иқтисодиёти ин давлатҳо бо технологияҳои истеҳсолии замонавӣ, мутахассисони баландихтисос таъмин буда, асосан ба соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ махсус гардонида шудаанд.

Давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба сатҳи даромадашон миёна ва паст ҷудо мешаванд. Иқтисоди ин давлатҳо асосан ба содироти ашёи хом ва хоҷагии қишлоқ махсусонида шудааст. Ӯзбекистон ба қатори ҳамин гуна давлатҳо шомил аст. Азбаски дар ин мамлакатҳо даромади аҳолӣ ниҳоят паст аст, сармояҳои барои рушди истеҳсолот сарфшаванда низ хеле кам мебошад. Дар натиҷа самаранокии меҳнат паст буда, ҳаҷми истеҳсолот ва даромадҳои аҳолӣ торафт кам шудаанд.

Дараҷаи ҳаёти аҳолии мамлакат дараҷаи рушди иқтисодиро бараъло нишон медиҳад. Зеро он на фақат бо қимати МУД (МУМ), ки ба ҳар сари аҳолӣ рост меояд, балки дар асоси боз як қатор нишондодҳо чен карда мешавад. Дараҷаи ҳаёти аҳолӣ на фақат ба бештар офаридани неъматҳои моддӣ ба сари ҳар нафар, балки ба дар куҷо ва чӣ гуна истифода бурдани даромади ба даст омада низ вобаста аст. Гӯем, ки дар як мамлакат ба миқдори калон МУД (МУМ) офарида шавад, аммо қисми зиёди он бо мақсадҳои ҳарбӣ сарф карда шавад, ба дараҷаи зисти аҳолии ин мамлакат чӣ гуна дигаргуниҳои мусбӣ ба амал омаданаш мумкин? Дараҷаи ҳаёти аҳолии мамлакатҳои гуногун байни ҳамдигар бо ёрии як қатор нишондодҳои иқтисодиву иҷтимоӣ муқоиса карда мешавад. Ҳар сол дар “Маърӯза дар бораи тараққиёти инсон”-и Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ин нишондодҳо маълумот дода мешавад.

Барои муқоиса кардани дараҷаи зисти аҳолӣ асосан инҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд: 1) дараҷаи саводнокии аҳолӣ; 2) дараҷаи хизмати



http://eduportal.uz

тиббии расондашаванда; 3) дараҷаи саломатии аҳолӣ; 4) давомнокии умр; 5) шумори аҳолии шаҳр; 6) дараҷаи бо манзили зист таъмин будан; 7) дараҷаи таъмин бо молҳои маданиву маишии оилаҳо мисли телевизор, телефон, компутери шахсӣ, шабакаи интернет, яхдон; 8)миқдори хароҷотҳои барои таълим ҷудошаванда; 9) дараҷаи кафолатнокии ҳуқуқҳои инсон; 10) дараҷаи ҷиноятгарӣ; 11) миқдори хароҷотҳои ба ҳифзи тандурустӣ ҷудошуда; 12) ҳимоягардии муҳити атроф ва ғайра.

Дар дунё бинобар нишондодҳои дараҷаи зисти аҳолӣ ҷойҳои намоёнро давлатҳое мисли Канада, Франсия, Норвегия, ИМА, Исландия, Финландия, Нидерландия, Япония, Зеландияи Нав ва Шветсия ишғол мекунанд.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Фарқи қиматҳои номиналиву реалии МУД (МУМ)дар чист?
2. Даври иқтисодӣ чист ва он чӣ гуна паҳлуҳо дорад?
3. Дар шароити бозор чаро иқтисодиёт ба равиши даврӣ ларзида ривоҷ меёбад?
4. Афзоиши иқтисодӣ чист ва он чӣ гуна андоза карда мешавад?
5. Фарқи усулҳои экстенсивӣ ва интенсивии афзоиши иқтисодиро гӯед.
6. Афзоиши иқтисодиро оё афзоиши дараҷаи зисти аҳолӣ гуфта таъриф кардан мумкин аст?
7. Мамлакати иқтисодиёташ ривоҷёфта гуфта чиро мефаҳмед?
8. Давлатҳо бинобар дараҷаи ривоҷёбӣ ба чӣ гуна гурӯҳҳо тақсим мешаванд?
9. Ривоҷёбии иқтисодии мамлакат ҳар доим аз баланд будани дараҷаи зисти аҳолӣ далолат медиҳад?
10. Ба давлатҳое, ки дараҷаи зисти аҳолӣ паст аст, мисол биёред.
11. Фаровонии иқтисодӣ чист ва он ба чӣ вобаста аст?

### Дар хотир доред!

• Баланд будани дараҷаи зисти аҳолии мамлакат аз фаровонии иқтисодӣ далолат медиҳад.

• Фаровонии иқтисодӣ бо зиёд будани маҳсулоти умумие, ки бинобар мамлакат офарида шудааст, вобаста нест, балки ба дарназардошти манфиати аҳолӣ аз нав оқилона ва одилона тақсим кардани сарвати миллӣ муртабит аст.

http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 21 САЛОҲИЯТИ ИҚТИСОДИИ ӮЗБЕКИСТОН



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Аз расмҳои болоӣ истифода бурда, соҳаҳои истеҳсолоти асосии иқтисодиёти Республикаи Ӯзбекистонро номбар кунед.
2. Аз ҳар як чабҳаи истеҳсолӣ кадом соҳаи пешбар ва корхонаҳои истеҳсолии ба чашм назаррасро медонед?
3. Аз ин чабҳаҳо кадоме дар иқтисодиёти республика соҳаи пешбар ба ҳисоб меравад?
4. Ба фикри Шумо давлат ба кадом соҳаҳо бояд бештар эътибор диҳад?
5. Дар кадом соҳаи иқтисодиёт ҳиссаи сектори хусусӣ бештар аст? Дар кадом соҳаҳо камтар мебошад? Чӣ фикр доред?
6. Аз хусуси пешомади соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва хизмат дар оянда чиҳо гуфта метавонед?
7. Дар боби ба иқтисодиёти чаҳонӣ ҳамгароии (интегратсияи) иқтисодиёти республика чиҳо медонед?

**Майдон.** Майдони республикаамон 448,9 ҳазор километри мураббаъро ташкил медиҳад. Аз он 60 фоизашро ба мақсади кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳолиаш.** Бинобар хабари Кумитаи давлатии статистика аҳолии мамлакати мо дар ҳолати 1 январи соли 2019 аз 33 миллион нафар гузашт. Захираҳои қувваи корӣ қариб нисфи аҳолиро ташкил мекунад.

**Захираҳои табиӣ.** Аз ҳудуди Ӯзбекистон конҳои пешомадноки беш аз 2700 кандании фоиданок ёфт гардидааст. Канданиҳои фоиданоки зеризаминие, ки дар республикаамон дар давоми як сол кофта гирифта мешаванд, аз 5,5 миллиард доллар зиёд аст. Ӯзбекистон аз рӯи захираҳои тилло дар ҷаҳон ҷои чорум, истихроҷи он бошад, ҷои дуюмро ишғол менамояд. Қаъри замини республикаамон аз нуқра ҳам бой аст. Мамлакатамон аз ҷиҳати захираи мис дар ҷаҳон ҷои ҳафтумро ишғол мекунад. Захираҳои ёфтгардидаи он барои дар муддати 50–60 сол кофта гирифтан мерасанд. Ӯзбекистон бинобар захираҳои муайяншудаи уран дар дунё дар ҷойи 11, бинобар кофта гирифтан бошад, ҷойи 9-умро ишғол мекунад. Дар республика беш аз 160 кони газ, нафт, ангишт ёфтаву кушода, бисёриашон кор мекунанд. Аз онҳо бошад, беш аз 5 миллион тонна нафт ва конденсати газ гирифта шуда, эҳтиёҷамонро пурра қонеъ мегардонад.

Ҳар сол дар республикаамон беш аз 50 миллиард метри мукааб газ истихроҷ мегардад. Мо баробари эҳтиёҷи худро пурра қонеъ гардондан имконияти ба давлатҳои ҳамсоя содир кардани онро ҳам моликем. Истихроҷи солонаи ангишт чор миллион тоннаро ташкил медиҳад. Захираҳои умумии ангиште, ки дар Ӯзбекистон ёфт гардидаанд, аз ду миллиард тонна зиёданд.

**Саноат.** Соҳаи пахтатозакунӣ, мошинасозӣ, азнавкоркарди нафт, филизоти ранга, энергетика, бофандагӣ, газ, тайёрасозӣ, автомобилсозӣ, азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ, электротехника, радиотехника ва ғайра соҳаҳои саноатанд. Беш аз 2200 корхонаи истеҳсолӣ фаъолият пеш мебарад, ки ба беш аз 100 соҳа мансубанд. Айни замон дар ҳамкорӣ бо ширкати “General Motors”-и ИМА автомобилҳои замонавии таҳти тамғаи “Траккир”, “Ҷентра”, “Нексия-3”, “Малибу” ва “Спарк”, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ пурра ҷавобгӯянд, истеҳсол карда мешаванд. Дар шаҳри Самарқанд бошад, автобусҳои миёнаҳаҷми тамғаи “Исузу” ва автомошинҳои боркашон, инчунин, мошинҳои боркашони тоннаашон калон таҳти тамғаи “МАН” ва “КАМАЗ” истеҳсол карда мешаванд.

Дар Ӯзбекистон бо суръати баланд ривоҷёбии соҳаҳои саноат, сохтмон ва хоҷагии қишлоқи иқтисодиёт, беҳшавии дараҷаи зисти аҳолӣ ба









якбора зиёд шудани эҳтиёҷ ба энергияи электр оварда мерасонад. Ин бошад, ба назди давлат талаби якбора зиёд шудани истеҳсоли энергияи электриро мегузорад. Бо мақсади қонеъ кардани ҳамин талаб қарори мамлакати мо бинобар сохтани электростансияи атомие, ки қувваташ ба 24ГВт баробар аст, дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи давлатии "Росатом"-и Россия аҳамияти калон дорад. Дар давоми як соли гузашта ҳиссаи саноати таркиби МУД аз 22,2% то 26,3% зиёд шудааст. Ин тасдиқи он аст, ки иқтисодиёти Ӯзбекистон бо темпҳои баланд саноатӣ кунонда мешавад.

Қуввати умумии энергонизоми республика беш аз 14,15 ГВт буда, ин низом стансияҳои электрии гармӣ ва гидравликиро дар бар мегирад. Бо чунин мақсад бинобар фармони Президенти мо Агентии рушди энергетикаи атомии "Узатом" таъсис дода шуд. Бо ин на танҳо дар мамлакати мо, балки дар ҳудуди Осиёи Миёна ба соҳаи нави замонавие, ки мислаш дида нашудааст, асос гузошта шуд.Бахусус, бинобар кофта гирифтани захираҳои уран дар ҷаҳон аз ҷойҳои асосиро гирифтанамон дар мамлакати мо барои рушди энергетикаи атомӣ ба сифати заминаи бузург аҳамият касб мекунад.

**Кишоварзӣ.** Беш аз 60 фоизи аҳолии Ӯзбекистон дар деҳот истиқомат мекунад. Аз ҳамин сабаб, мавқеи кишоварзӣ дар иқтисодиёт назаррас аст. 28 фоизи МУД (маҳсулоти умумии дохилӣ)-и мамлакат ба кишоварзӣ рост меояд. Пахтакорӣ соҳаи пешбари кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. 55 фоизи маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз деҳқонӣ, 45 фоизаш аз чорводорӣ рӯёнда мешавад.

Ӯзбекистон аз рӯи тайёркунии нахи пахта дар ҷаҳон ҷои чаҳорум, ба содирот баровардани он ҷои дуюмро ишғол менамояд. Дар республика ба мустақилияти ғалла асос гузошта шудааст. Солҳои охир соле қариб 7 миллион тоннагӣ ғалла тайёр карда мешавад. Республика дар бобати тайёркунии меваву сабзавот, ангур, пилла, пӯсти қарокӯл, пашм байни мамолики ИДМ ҷои намоёнро ишғол мекунад.

### Оё медонед?

Ба харитаи ҷаҳон эътибор диҳед: аз ҷиҳати имконияти ба баҳр баромадан республикаамон дар маскани бади ҷуғрофӣ ҷойгир аст. Барои ба баҳр баромадан лозим меояд, ки камаш сарҳади ду давлатро убур намоем. Он ба иқтисодиётамон чӣ гуна душвориҳоро меоварад?

### ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Дар бораи сарватҳои табиии Ӯзбекистон нақл кунед.
2. Соҳаҳои пешбари иқтисодиёти Республикаи Ӯзбекистонро гӯед.



http://eduportal.uz

3. Дар бораи корхонаҳои истеҳсолие, ки дар солҳои истиқлолият бунёд шудаанд, чиҳо медонед?
4. Иқтисодиёти Республикаи Ӯзбекистон бинобар дараҷаи рушд ба қатори кадом давлатҳо шомил мегардад?
5. Сабаби зиёд шудани аҳамияти ривоҷёбии энергетикаи Ӯзбекистон дар чист?
6. Аҳамияти сохтмони стансияи электрии атомӣ дар Ӯзбекистон дар чист?
7. Нишондодҳои иқтисодиёти республикаамонро бо як давлати ривоҷёфта ва бо нишондодҳои як давлати ИДМ байни ҳамдигар муқоиса кунед.

### Супориш

Дар асоси маълумоти Кумитаи давлатии статистикаи Республикаи Ӯзбекистон бинобар намудҳои фаъолияти иқтисодии МУД-и Республикаи Ӯзбекистон дар солҳои 2017 ва 2018 суръатҳои афзоишро таҳлил кунед ва бинобар солҳо муқоиса намоед.

| Номи нишондиҳандаҳо | Соли 2017 | Соли 2018 |
|---|---|---|
| Маҳсулоти умумии дохилӣ | 5.3% | 5.1% |
| Маҳсулоти саноатӣ | 4.6% | 10.6% |
| Кишоварзӣ | 2.0% | 0,3% |
| Сохтмон | 5.6% | 9,9% |
| Нақлиёт, ҳифзи тандурустӣ, ахбор ва алоқа | 8.9% | 6,3% |
| Хизматҳо бинобар зиндагӣ ва хӯроккӯрӣ, савдо | 3.9% | 4,4% |
| Дигарҳо | 7.3% | 5,4% |
| Андозҳо ва боҷҳои ба маҳсулот андохташаванда | 5.3% | 5.5% |

### Дар хотир доред!

• МУД дар Республикаи Ӯзбекистон нисбати ҳар сар аҳолӣ миёна буда, ба қатори давлатҳои ривоҷёбанда медароянд.

• Ӯзбекистон дар байни мамолики дунё давлати иқтисодиёташ босуръат ривоҷёбанда мебошад.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ IV

## А. САВОЛҲО

**1.** Кадом нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии мамлакатро медонед?
**2.** МУД, МУМ, МСД ва ДМ чӣ гуна ҳисоб карда мешаванд?
**3.** Маҳсулоти ниҳоӣ ва мобайнӣ чӣ гуна фарқ мекунанд?
**4.** Дараҷаи зиндагии аҳолӣ ба чиҳо вобаста аст?
**6.** Қимати номиналӣ ва воқеии нишондиҳандаҳои МУД (МУМ) бо чӣ фарқ мекунанд?
**7.** Моҳияти даври иқтисодиро фаҳмонда диҳед?
**8.** Пешрафти иқтисодӣ чӣ тавр муайян мегардад?

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

**ИСТИЛОҲОТ:**

1. Маҳсулоти ниҳоӣ; 2. Маҳсулоти умумии дохила (МУД); 3. Маҳсулоти софи дохилӣ (МСД); 4. Даромади миллӣ (ДМ); 5. Қимати номиналии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ; 6. Қимати воқеии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ; 7. Даври иқтисодӣ; 8. Дараҷаи зиндагонии аҳолӣ; 9. Фаровонии иқтисодӣ.

**ТАВЗЕҲОТ:**

а) нархи умумии маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматҳо бо нархи бозорӣ, ки дар давоми як сол дар мамлакат истеҳсол шудааст;
б) ба фарқи байни маҳсулоти умумии дохилӣ ва маблағҳои амортизатсионӣ баробар аст;
в) маблағи умумии тамоми даромадҳои аҳолӣ ба мисли маоши солона, фоиз, рента ва даромади ҳамаи корхонаҳо;
г) арзише, ки нисбати нархҳои ҷорӣ ҳисоб гардидааст;
д) вақте ки ба ноустуворӣ, яъне ба болоравӣ, сипас пастшавӣ сарф шудааст;
е) маҳсулот ва хизматрасонии тайёре, ки ба дигар коркард эҳтиёҷ надорад;
ё) арзише, ки нисбат ба нархҳои кадом як соли барои асос интихобшуда муайян гардидааст;
и) тавсифи умумии шароитҳои зиндагонии шаҳрвандони мамлакат, сифат ва дараҷаи таъминоти онҳо бо неъматҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ;

## В. Бинобар расмҳои титули боби IV-уми саҳифаи 97.

Кадом расмҳо ба кадом мавзӯи бобҳо тааллуқ доранд, гӯед. Дар асоси расмҳои мазкур мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.



http://eduportal.uz

## Г. ТЕСТҲО

1. **Кадоме аз маҳсулоти зерин маҳсулоти ниҳоӣ ба шумор меравад?**
   А) хизмати сартарош; Б) куртае, ки дар анбори фабрика аст;
   В) таоми ошхона; Г) китоби дӯкон.
2. **Ӯзбекистон ба кадом гурӯҳи мамлакатҳо шомил аст?**
   А) давлатҳои тараққикарда;
   Б) давлатҳои рӯ ба тараққӣ;
   В)давлатҳои рӯ ба тараққии дараҷаи даромадашон миёна;
   Г) давлатҳои тараққикардаи дараҷаи даромадашон паст.
3. **Кадоме аз ин формулаҳо нодуруст аст?**
   А) МУМ = МУД + Е — I; Б) МСД = МУД — А;
   В) МСМ = МУМ — А; Г) МУМ = МУД — Е + I.
4. **Арзиши ҳамаи мол ва хизматҳое, ки аз ҳисоби сармояи мамлакат дар хориҷа истеҳсол гардидааст, нисбат ба мол ва хизматҳое, ки дар дохили мамлакат аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ истеҳсол гардидааст, зиёдтар аст. Дар чунин ҳолат кадом ҷавоб дуруст аст:**
   А) МУМ нисбат ба МУД зиёдтар аст;
   Б) МУМ ба МУД баробар аст;
   В) МУМ аз МУД камтар аст;
   Г) МУМ метавонад аз МУД зиёд ё кам бошад.
5. **Дар мамлакатҳои ривоҷёфта МУМ нисбати ҳар сари аҳолӣ чӣ қадар аст?**
   А) аз 7510 доллар кам; Б) аз 7510 доллар зиёд;
   В) аз 6400 доллар кам; Г) аз 5400 доллар кам.
6. **Барои муайян намудани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ чӣ ба ҳисоб гирифта мешавад?**
   А) дараҷаи саводнокии аҳолӣ;
   Б) дараҷаи хизмати тиббӣ;
   В) дараҷаи таъминот бо маҳсулоти маданию маишӣ;
   Г) ҳамаи ҷавобҳои болоӣ.
7. **Кадоме аз нишондиҳандаҳо дараҷаи ривоҷи мамлакатро пурратар акс менамояд?**
   А) МУД, ки ба ҳар сар аҳолӣ рост меояд;
   Б) МУМ, ки ба ҳар сар аҳолӣ рост меояд;
   В) даромади миллӣ, ки ба ҳар сар аҳолӣ рост меояд;
   Г) дараҷаи некӯаҳволии халқ.

http://eduportal.uz

**Фаъолияти мустақил**

## СТРАТЕГИЯИ РИВОҶДИҲИИ ИННОВАТСИОНИИ ЎЗБЕКИСТОН

Рӯзи 21 сентябри соли 2018 фармони Президенти Республикаи Ӯзбекистон “Дар бораи тасдиқ кардани стратегияи ривоҷдиҳии инноватсионии Республикаи Ӯзбекистон дар солҳои 2019–2021” ба имзо расид ва тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ эълон карда шуд.

Бинобар фармон стратегияи ривоҷдиҳии инноватсионии Республикаи Ӯзбекистон дар солҳои 2019–2021 тасдиқ гардид ва мақоми ҳуҷҷати ҳуқуқии расмиро гирифт.

Дар фармон ба сифати мақсади асосии стратегия капитали инсон муайян шудааст. Дар фармон омили муайянкунандаи аз ҷиҳати инноватсионӣ тараққиёбии рақобатбардории мамлакат дар майдони байналхалқӣ будани капитали инсон таъкид гардидааст.

Дар фармон ба сифати вазифаҳои асосии стратегия инҳо муайян шудаанд:

– Соли 2030 бинобар рейтинги Global innovatsion indeks барои ба қатори 50 мамлакати пешқадамтарини ҷаҳон дохил шудани Ӯзбекистон муваффақ шудан;

– Ривоҷ додани таълим ва илму фан, ба талаботи замонавӣ мувофиқ кунондани онҳо;

– Ташаккул ва ривоҷдиҳии муҳити бизнеси рақобатбардор, инноватсияҳо, усулҳои замонавии идоракунӣ;

– Офаридани инфрасохтори иқтисодии барқарор ва замонавӣ.

Дар он, инчунин, мақсади стратегияи қабулшуда будани комёбиҳои замонавии илми ҷаҳонӣ, ғояҳои инноватсионӣ, дар асоси коркардҳо ва технологияҳо бо суръат ривоҷ додани мамлакат низ алоҳида фаҳмонда дода шудааст.

### САВОЛҲО ВА СУПОРИШҲО

1. Сабаби барои тараққиёти худ роҳи рушди инноватсиониро интихоб кардани Ӯзбекистонро фаҳмонед.
2. Шумо ҳаракат кунед, ки аз ҳаёти атрофи худ барои рушди инноватсионӣ мисол оред. Дар ин ҳол, дар навбати аввал, тағйиротҳои соҳаҳои таълим, варзиш ва соҳибкориро, ки ба шумо аз ҳама наздик ҳастанд, аз эътибор дур нагузоред.
3. Ӯзбекистонро ба қатори 50 мамлакати пешқадамтарини ҷаҳон дохил кардан – вазифаи шумо ҷавонон буданашро идрок карда метавонед? Ба ин вазифа чӣ гуна зарурати тайёр кардани худро чӣ фикр мекунед?

http://eduportal.uz

*Ҷилави инфлятсияро нагирифта, ба барқарории макроиқтисодӣ ноил шудан мумкин нест.*

***Шавкат Мирзиёев***

# Боби V. Бекурбшавӣ (инфлятсия) ва бекорӣ















*Дар байни аҳолӣ бекориро кам карда, даромади одамон ва оилаҳоро зиёд намудан лозим.*

***Шавкат Мирзиёев***

# МАВЗӮИ 22 БЕҚУРБШАВӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

**Сарфу харочоти миёнаи якмоҳаи оилаи Саъдуллоевҳо:**

**Молҳои истеъмолӣ ва хизматҳои шахсӣ — 280 000 сӯм**

| | |
|---|---|
| **Молҳои харрӯзаи рӯзгор** | **— 150 000 сӯм** |
| **Ғизо** | **— 1 200 000 сӯм** |
| **Сару либос** | **— 950 000 сӯм** |
| **Нерӯи барқ** | **— 100 000 сӯм** |
| **Харочотҳои маишӣ ва ғайра** | **— 350 000 сӯм** |
| **Ҳамаи баромади моҳона** | **— ... сӯм** |



## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

**1.** Миқдори харочотҳои умумии якмоҳаи оилаи Саъдуллоевҳоро ҳисоб кунед.

**2.** Агар нархи хӯрокворӣ 20% афзояд, миқдори харочотҳои якмоҳаи оилаи Саъдуллоевҳо чанд сӯм меафзояд? Харочотҳои умумии якмоҳаи онҳо чӣ?

3. Агар даромади оила тағйир наёфта бошад, ба фикри шумо, аз моҳи оянда кадом харочотҳои ин оила зиёд, кадомҳояш кам мешаванд?

4. Дар ин ҳолат, ба фикри шумо, таркиби харочотҳо чӣ гуна метавонад тағйир ёбад?

Маълум аст, ки дар ҳудуди ҳар як давлат миқдори муайяни пул дар муомила буда, ба воситаи он чараёни хариду фурӯш ба амал оварда мешавад. Бинобар ин пулҳое, ки дар муомилаанд, аз даст ба даст гузашта беист давр мезананд. Дар чараёни ягон хариду фурӯш аз даст ба даст гузаштани пул як маротиба давр задани онро мефаҳмонад. Ба чанд маротиба дар давоми сол дар хариду фурӯш будани миқдори пуле, ки дар муомила аст, *суръати даврзании пул* муайян карда мешавад. Агар миқдори пуле, ки дар муомила аст, ба суръати даврзании он зарб зада шавад, қимати маҳсулот ва хизматрасониҳои дар давоми сол истеҳсолшудаву расида ва аз тарафи аҳолӣ харидашуда ҳосил мегардад.

Аз тарафи дигар, қимати маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасониҳои солонаро бо тарзи дигар – бо зарби миқдори маҳсулот ва хизматрасониҳо ба нархи миёнаи воҳиди маҳсулот ёфтан мумкин аст. Пас, мувофиқи гуфтаҳои болоӣ

муодилаи $M \cdot V = = P \cdot Q$-ро, ки муодилаи Фишер номида мешавад, ҳосил мекунем. Ин ҷо: M – массаи пули дар муомила буда, $V$ – суръати даврзании пул, $P$ – нархи миёнаи воҳиди маҳсулот, $Q$ – миқдори маҳсулот ва хизматрасониҳо мебошад. Муодилаи Фишер барои иқтисодиёти давлати дилхоҳ дуруст буда, онро *қонуни муомилоти пулӣ* ҳам меноманд.

**Ҳаҷми пул** – маблағи ҳамаи воситаҳои пулие, ки дар муомилоти давлат аст.

**Суръати муомилоти пул** – тезии корҳои хариду фурӯш, гузаштани пул аз даст ба даст дар давоми сол.



Ирвинг Фишер қисми асосии фаъолияти худро ба муносибатҳои моливу пулии фанни иқтисодиёт бахшида, тадқиқотҳои назарияviро ба амал баровардааст.

Барои муваффақиятнок пеш бурдани тадқиқотҳои илмӣ оид ба риёзиёт дониши амиқи ӯ ёрӣ додааст.

**Ирвинг Фишер** (1867–1947)

Агар дар иқтисодиёти кишвар миқдори пулҳое, ки дар муомилотанд, афзояд, мувофиқи қонуни муомилоти пулӣ барои барқарор намудани мувозанат аз рӯи муодилаи Фишер зарур меояд, ки ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасонӣ ё нархи миёнаи онҳо зиёд карда шавад. Аммо дар муддати кӯтоҳ имконият нест, ки ҷамъи маҳсулот ва хизматрасонӣ зиёд карда шавад. Бинобар ин афзудани миқдори пуле, ки дар муомила аст, одатан ба болоравии нархҳо меоварад. Болоравии нарху наво дар иқтисодиёт беқурбшавӣ ё ба тарзи маъмулӣ инфлятсия номида мешавад.

Беқурбшавӣ дар навбати худ ба беқадршавии воҳиди пули давлат меорад. *Беқадршавии пул* гуфта кам шудани миқдори маҳсулоти ба он харидашавандаро меноманд. Қадри пул ба қиматшавӣ ва арзоншавии нархи маҳсулот нигоҳ карда тағйир ёфта меистад. Агар нархҳо баланд шаванд, адади маҳсулоте, ки ба миқдори муайяни пул харидан мумкин буд, кам мешавад. Ин бошад, беқадршавии пул номида мешавад. Баръакс, агар нархҳо дар бозор арзон гарданд, ба миқдори муайяни пул маҳсулоти зиёдтар харидан мумкин мешавад. Ин бошад, афзудани қадри пулро мефаҳмонад. Пастшавии нарху наво дар иқтисодиёт *қадрнокшавӣ (дефлятсия)* номида мешавад. Беқурбшавӣ ҷараёни макроиқтисодӣ буда, он тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакатро дар бар мегирад ва бо афзудани нархҳои қариб ҳамаи маҳсулот ва хизматрасонӣ ифода меёбад.

http://eduportal.uz

Бекурбшавӣ аз сабабҳои зерин сар мезанад:

1. Назар ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо зиёдтар пул сарф кардани давлат ва фирмаҳо. Дар ин маврид миқдори талаби умумӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳо аз миқдори маҳсулот ва хизматрасоние, ки иқтисодиёти мамлакат пешниҳод намудааст, зиёд мешавад. Бинобар ин, нархҳо меафзоянд.

2. Афзудани нархи захираҳои зарурӣ (меҳнат ва ашёи хом) барои истеҳсоли маҳсулот. Масалан, агар нархи захираҳои меҳнатӣ, яъне музди кор афзояд, аз як тараф нархи маҳсулот меафзояд (чунки музди кор ба арзиши аслии маҳсулот ҳамроҳ мегардад), аз тарафи дигар ҳаҷми пули аҳолӣ меафзояд.

Пешгирии бекурбшавӣ кори хеле мушкил аст, ки яке аз вазифаҳои асосии иқтисодии давлат ба шумор меравад. Сарфи назар кардан аз бекурбшавӣ ба гипербекурбшавӣ оварда метавонад. *Гипербекурбшавӣ* гуфта, аз ҳад зиёд афзудани нарху наворо меноманд. Ҳангоми гипербекурбшавӣ дар як сол зиёда аз 50 маротиба афзудани нархҳо мушоҳида мешавад.

**Бекурбшавӣ** – ҷараёни афзоиши нархҳо дар мамлакат.

**Дараҷаи бекурбшавӣ** – миқдори фоизии афзоиши нархҳо дар муддати муайян.

**Гипербекурбшавӣ** – ҷараёни афзоиши босуръати нархҳо (соле аз 50 баробар ҳам зиёд) дар мамлакат.

Ҳангоме сухан дар бораи инфлятсия меравад, мафҳуми индекси нархҳои барои муайян кардани тағйироти нархҳои бозори истеъмол зарурбударо дохил кардан лозим аст. Барои ҳисоб кардани индекси мазкур истеъмолкунандаи миёна одатан маҷмӯи муайян ва тағйирнопазири молҳое, ки доимо харидашавандаанд, гирифта мешаванд. Ҳангоми ҳисоб кардани индекси мазкур ҳосили ҷамъи нархҳои солҳои гуногуни маҷмӯи ҳамин молҳо муқоиса карда мешаванд. Масалан, бинобар солҳои 2017-2018 барои муайян кардани индекси нархҳои истеъмол қимати соли 2018-уми маҷмӯи тағйирнопазири муайяни мол ва хизматҳоро ба қимати соли 2017 тақсим мекунем.

**ФОРМУЛА**

$$I=\frac{P_2}{P_1}$$

Дар ин ҷо I – индекси нархҳои истеъмол, $P_1$ – қимати маҷмӯи муайяни мол ва хизматҳои соли базавӣ, $P_2$ – қимати соли ба ҳамин маҷмӯъ нигароншаванда.

Бо истифода аз формулаи болоӣ ҳар як оила инфлятсияи "оилавӣ"-и худро ҳисоб карда баромаданаш мумкин. Барои ин рӯйхати мол ва хизматҳоеро,



http://eduportal.uz

ки аз ҷониби оила соли аввал харида гирифта шудаанд, тартиб дода, қимати умумии онҳоро ҳисоб карда баромадан лозим. Баъд аз ҷониби худи ҳамин оила бинобар худи ҳамин рӯйихат қимати умумии мол ва хизматҳое, ки соли баъдинааш бо нархи нав харида гирифта шудаанд, бояд ҳисоб карда шавад. Қиматро бинобар соли минбаъда тавассути ба қимати бинобар соли аввал ҳисобшуда тақсим кардан "инфлятсия"-и оилаатонро ҳисоб карда бароварданатон мумкин аст.

Барои мушоҳида кардани нархҳои мол ва хизматҳо бинобар мамлакат одатан, нархҳои мол ва хизматҳои муайян доимӣ ва тағйирнаёбанда муайян карда мешавад ва бинобар ҳамин маҷмӯа тағйирёбии нархҳо мушоҳида карда мешаванд. Ин гуна маҷмӯа одатан "сабади истеъмол" номида мешавад. Бо назардошти дараҷаи ривоҷёбии мамлакат мол ва хизматҳои ба "сабади истеъмол" шомилшаванда ҳам мумкин аст ҳархела шаванд. Дар иқтисодиёт мафҳуми "сабади истеъмоли минималӣ" ҳам ҳаст, ки ба ин "сабад" зарууртарин мол ва хизматҳои барои зиндагӣ кардани оила дохил мешаванд.

**Машқ**

Нархи хӯрокворӣ, ки 60% хароҷоти солонаи оиларо ташкил мекард, дар давоми сол 80% афзуд. Агар дигар нархҳо тағйир наёфта бошанд, дараҷаи беқурбшавии солона дар ин оила чанд фоизро ташкил медиҳад?

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Ба фикри Шумо дар кишвари мо моҳе пул чанд маротиба давр мезанад?
2. Қонуни муомилоти пулро аз рӯи муодилаи Фишер шарҳ диҳед.
3. Дар мамлакат чанд миқдор пул бояд дар муомилот бошад?
4. Ба миқдори пули дар муомила будаи мамлакат кадом омилҳо таъсир мерасонанд?
5. Моҳияти асосии беқурбшавӣ аз чӣ иборат аст?
6. Қадрнокшавии пул ба қадри пул чӣ гуна таъсир мерасонад?
7. Сабабҳои беқурбшавӣ чист? Бо мисолҳо фаҳмонед.
8. Индекси нархҳои истеъмол чист?
9. Маънои истилоҳи "Сабади истеъмол"-ро фаҳмонед.

**Дар ёд нигоҳ доред!**

- Дар мамлакат миқдори пули мавриди муомила ба равиши мутаносиб бо ҳаҷми мол ва хизматҳо тағйир меёбанд.
- Миқдори пули дар муомила буда зиёд шуда, нархаш афзоияд, ба инфлятсия оварда мерасонад.
- Дар натиҷаи инфлятсия пул беқадр мешавад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 23 ОҚИБАТҲОИ БЕҚУРБШАВӢ







## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Инфлятсия ба дараҷаи зиндагии одамони дар расм буда чӣ гуна таъсир мерасонад?
2. Барои бекурбшавии пул аз ҳаёт мисолҳо оред.
3. Байни зиёдшавии маоши шифокорон ва муаллимон бо ташаббуси ҳукумати мо ва инфлятсия чӣ гуна вобастагӣ ҳаст?

Инфлятсия ҳодисаи сол ба сол тағйирёбанда аст. Барои ҳамин ҳам донистани мафҳуми дараҷаи инфлятсия хеле муҳим аст. Ин нишондод суръати афзоиши мол ва хизматҳои асосиро намоён мекунад. Дараҷаи инфлятсияро ба воситаи индексҳои нархҳои истеъмол ҳисоб кардан мумкин.

$$\text{Яъне, дараҷаи инфлятсия} = \frac{NI_1 - NI_0}{NI_0}$$

Дар ин формула $NI_0$ – индекси нархҳои истеъмоли соли аввал, $NI_1$ – индекси нархҳои истеъмоли соли минбаъда. Айнан ба воситаи ҳамин формула дар кадом ҳолат будани иқтисодиётро донистан мумкин.

Бекурбшавӣ барои иқтисодиёт ҳодисаи номақбул ба шумор меравад. Дараҷаи баланди бекурбшавӣ ба ҳамаи шаҳрвандони кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин маврид хизматчиёне, ки аз буҷаи давлат маош мегиранд, омӯзгорон, шифокорон, ҳарбиён, нафақахӯрон, инчунин шаҳрвандоне, ки маблағ ҷамъ мекунанд, зарар мебинанд. Чунки маблағҳои дар давоми солҳо ҷамъкардаи онҳо беқадр мешавад. Бинобар ин одамон аз бонкҳо маблағ (амонат)-ҳояшонро гирифта, аз мағоза маҳсулот мехаранд. Дар натиҷа норасоии маҳсулот рух медиҳад. Қарздиҳандагоне, ки аз дараҷаи беқурбшавӣ ё беқадршавӣ хабар надоранд, зарар мебинанд.

Бо назардошти суръатҳои афзоиш дараҷаҳои зерини инфлятсияро фарқ мекунанд: хазанда, даванда ва гиперинфлятсия.

Дар инфлятсияи хазанда (муътадил) афзоиши нархҳо аз 10% зиёд намешавад. Ин гуна инфлятсияро олимони иқтисодшинос, одатан, ҳолати меъёрӣ дар иқтисодиёт гуфта мефаҳманд.

Дар инфлятсияи даванда нархҳо аз 10% то 50% меафзоянд. Ин барои иқтисодиёт ҳолати хавфнок мебошад. Дар ин гуна ҳолат аз ҷониби давлат бар зидди инфлятсия чорабиниҳои тезкор ва ҷиддӣ талаб карда мешавад.

Дар давраи гипербеқурбшавӣ нархҳо дар давоми сол аз 50 маротиба ҳам зиёд мегарданд. Он ба фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Суръати истеҳсолот паст мешавад. Шартномаҳо бекор мегарданд, чунки нархҳои дар шартнома қайдшуда таъминкунандагони ашёи хомро қонеъ карда наметавонад.

Аз сабаби аз бонкҳо тез-тез пул гирифтани амонатгарон бонкҳо муфлис мешаванд. Бонкҳое, ки маблағ доранд, аз қарздиҳӣ худдорӣ мекунанд. Дар мавриди беқурбшавӣ фурӯхтани маҳсулоти истеҳсолшуда низ бефоида шуда мемонад. Чунки болоравии босуръати нархи захираҳои ашёи хом аз пули аз фурӯши маҳсулот ба даст омада барои аз сари нав маҳсулот баровардан имкон намедиҳад.

**Оё медонед?**

Соли 1923, баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Олмон нархҳо 1,3 триллион маротиба афзуда, гипербеқурбшавӣ мушоҳида шудааст. Соли 1985 дар Боливия дараҷаи беқурбшавӣ 8000% -ро ташкил додааст. Соли 1993 бошад, дар Бразилия 2148%-ро ташкил намудааст. Дар аввали солҳои 1990 дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳод дараҷаи беқурбшавӣ хеле баланд буд.

Дар давраи гипербеқурбшавӣ мароми сиёсати иқтисодии давлат вайрон мешавад. Камомади буҷаи давлатӣ зиёд мегардад. Давлат барои иҷрои ӯҳдадории иҷтимоии худ маблағ пайдо карда наметавонад. Дар мамлакат ҳам бӯҳрони иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Дар натиҷаи гипербеқурбшавӣ тамоми соҳаҳои иқтисодии мамлакат дучори мушкилиҳо



http://eduportal.uz

мегардад. Ба гиперинфлятсияи имрӯза аҳволи мамлакати Венесуэла мисоли равшан мебошад. Дар ин мамлакат бинобар маълумоти Бунёди валютаи байналхалқӣ дараҷаи инфлятсия дар соли 2018 1 370 000%-ро ташкил кардааст. МУД 15% ихтисор карда шудааст, беш аз 3 миллион аҳолӣ аз гиперинфлятсия азоб кашида, мамлакатро тарк кардааст. Чораҳои пешгирӣ кардани беқурбшавиро танҳо давлат ба амал оварда метавонад. Бинобар ин он яке аз вазифаҳои асосии иқтисодии давлат ба шумор меравад. Чораҳои зидди беқурбшавии давлат аз инҳо иборатанд:

**1. Кам кардани ҳаҷми пули барзиёде, ки дар муомила аст.** Дар ин маврид давлат чораҳои кам кардани ҳаҷми пул ва афзоиши суръати даврзании онро мебинад. Ҳаҷми пули дар муомилот буда оҳиста-оҳиста ба суръати даврзании он ва қимати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасониҳо мувофиқ карда мешавад. Аҳолиро бовар кунонида, барои ба бонк гузоштани маблағи худ ва харидани заёмҳо даъват мекунад. Амонатҳои дар бонк будаи аҳолӣ ба муддати муайян «карахт кунонида шуда» баргардонида намешавад. Кам шудани ҳаҷми пул ба камшавии талаб ба маҳсулот ва хизматрасонӣ меорад, ки ин дар навбати худ болоравии нархҳоро боздошта, сабаби пастшавии он мегардад.

**2. Рағбатнок кардани истеҳсолот.** Давлат ҳамвора баробари кам намудани ҳаҷми пул бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот фаъолияти корхонаҳои истеҳсолиро дастгирӣ мекунад. Ба онҳо вомҳои имтиёзнок дода, ба андозсупорӣ низ имтиёзҳо медиҳад. Дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо афзуда, пулҳои барзиёди дар муомила буда, бо маҳсулот таъмин мегардад. Афзоиши пешниҳоди маҳсулот ба пастшавии нарх оварда мерасонад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Оқибатҳои манфии беқурбшавиро номбар кунед ва шарҳ диҳед.
2. Бар зидди беқурбшавӣ давлат бояд кадом чораҳоро андешад?
3. Ҳангоми беқурбшавӣ барои ҳифзи маблағҳои худ Шумо чӣ кор мекардед? Оё ин рафтори Шумо ба чораҳои зидди беқурбшавии давлат мувофиқ аст?

### Оё медонед?

Асри XV асри кашфиётҳои калони ҷуғрофӣ буда, хазинаи давлати Испания бо тиллою нуқраҳои аз қитъаи Амрико овардашуда пур мешуд. Ба ин нигоҳ накарда дар Испания нархҳое, ки чандин аср боз бетағйир истода буданд, якбора афзуд. Болоравии нархҳои маҳсулоти дар Испания истеҳсолшуда сабаби аз бозорҳои Аврупо берун мондани давлат гардид. Дар натиҷа иқтисодиёти Испания рӯ ба таназзул ниҳода, он ба яке аз давлатҳои қафомондаи Аврупо табдил ёфт.

Супориш

## ДАР ИНФЛЯТСИЯ КӢ БЕШТАР БОЙ МЕДИҲАД?

Асқар Бобоназаров ба бонк 5000000 сӯмро бо меъёри даромади солонаи 24% гузошт.

Нилуфар Эргашева ба 5000000 сӯм зебу зинати қиматбаҳо харид.

Эгамбердӣ Эсонов ба 5000000 асъор (валюта)-и озодтабодули хориҷӣ харид.

Охунҷон Солиев ба 5000000 саҳмияҳои оддии заводи хиштрезиро харид кард.

Дараҷаи бекурбшавии солона дар мамлакат ба ҳисоби фоиз




1. Муайян кунед, ки соли 2002 дараҷаи бекурбшавӣ дар мамлакат чӣ қадарро ташкил додааст?
2. Ба ҳар яке аз шаҳрвандони дар боло аксёфта бекурбшавӣ дар ин давр чӣ тавр таъсир мекунад? Соли 2009-чӣ?
3. Кадоме аз онҳо аз бекурбшавӣ зиёдтар зарар мебинад?
4. Рафтори кадоме аз онҳоро дуруст медонед?
5. Ба фикри Шумо дар шароити бекурбшавии аз ҳад баланд кадом роҳ қулайтар аст? Рӯйхати тавсияҳои худро тартиб ва шарҳ диҳед.
6. Дараҷаи солҳои охирини бекурбшавиро дар республикаамон шарҳ диҳед.

**Дар хотир доред!**

- Инфлятсияи баланддараҷа барои иктисодиёти мамлакат зарари калон мерасонад.
- Аз инфлятсия бештар касоне, ки аз буҷаи давлат маош, нафақа мегиранд ва амонатгузорон зарар мебинанд.
- Инфлятсияро бо ёрии чораҳои кам кардани массаи пули дар муомила зиёдатӣ ва рағбаткунандаи истеҳсолот пешгирӣ кардан мумкин.

http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 24 БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА БЕКОРӢ



Коркуни бонк


Корманди илмӣ


Сартарош

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Миқдори музди кори соҳибони ин касбҳоро тахминан муайян намоед ва бо тартиби камшавӣ онҳоро ҷойгир созед.
2. Сабаб чист, ки миқдори музди кори якмоҳаи онҳо гуногунанд?
3. Ба фикри шумо ба миқдори музди меҳнати моҳона чиҳо таъсир мерасонанд?
4. Шумо бекор гуфта чӣ гуна одамро тасаввур мекунед?

Меҳнати одам, қувваи кории он мол (маҳсулот) ҳисоб ёфта, дар бозор харида ва фурӯхта мешавад. Дар бозор қувваи кориро аҳолии ба меҳнат лаёқатманд мефурӯшад. Қувваи кориро корхонаҳои ба он эҳтиёҷманд мехаранд. Пас, талабро ба қувваи корӣ корхонаҳои кордиҳанда, яъне истеҳсолкунанда, пешниҳодро бошад, аҳолии ба кор лаёқатманд ташкил медодааст. Дар бозори маҳсулоти истеъмолӣ истеҳсолкунандагон – пешниҳод, аҳолӣ – талабро ба миён меорад. Дар бозори меҳнат ҷои худро иваз мекунанд. Ин дар навбати

> **Пешниҳоди қувваи корӣ** — вобастагии байни нархи қувваи корӣ ва шумораи кормандоне мебошад, ки ба ҳамин нарх қувваи кории худро ба фурӯхтан розиянд.
>
> **Талаб ба қувваи корӣ** — вобастагии байни нархи қувваи корӣ ва эҳтиёҷи корхонаҳо нисбат ба он буда, дар муддати муайян қувваи кории чанд кормандро бо нархҳои гуногун харидани корхонаҳоро мефаҳмонад.

худ хусусиятҳо ва муаммоҳои хоси бозори меҳнатро назар ба бозорҳои дигар ба миён меорад. Пешниҳоди қувваи корӣ ба одамон вобаста аст. Бо кам ё зиёд кардани он шумораи одамонро дар мӯҳлати муайян тағйир додан ғайриимкон аст. Талаб ба қувваи корӣ на бо кадом як сабаби ғайриқтисодӣ, балки бо талаб ба моле, ки аз ҷониби ҳамин қувваи корӣ истеҳсол гардидааст, муайян карда мешавад.


http://eduportal.uz

Нархи қувваи корӣ бо пули ба он пардохтшаванда, яъне музди меҳнат чен карда мешавад. Пас, нархи қувваи корӣ — музди меҳнат чӣ тавр муайян карда мешавад? Маълум аст, ки агар нархи қувваи корӣ арзон бошад, шумораи кормандони ба ин гуна меҳнат хоҳишманд ҳамон қадар кам мешавад ва баръакс, агар нархи қувваи корӣ қимат бошад, шумораи кормандони хоҳишманди бо ин шакли меҳнат машғулшаванда ҳамон қадар зиёд мешавад. Агар бо нақша тасвир намоем, хати *S*-и тарҳи 24.1-ро ҳосил мекунем, ки хати пешниҳоди қувваи корӣ ном дорад. Аз тарафи дигар, нархи қувваи корӣ ҳар чӣ қадар арзон бошад, корхонаҳо ҳамон қадар зиёд кормандро киро мекунанд ва баръакс, нархи қувваи корӣ ҳар чӣ қадар қимат бошад, корхонаҳо ҳамон қадар кам кормандро киро мекунанд. Онро низ агар дар нақша тасвир намоем, чун дар тарҳи 24.1 хати *D*-и хати пешниҳоди қувваи корӣ номидашавандаро ҳосил мекунем. Чун дар бозорҳои дигари маҳсулот нархи бозории қувваи корӣ аз рӯи талаб ва пешниҳод бармеояд. Нархи талаби қувваи корӣ, ки ба миқдори пешниҳод баробар аст, нархи бозории онро муайян менамояд. Нархи қувваи кории дар нақшаи 24.1 тасвирёфта 850000 сӯм, шумораи кормандони ба ин маош розибуда 3000 нафарро ташкил медиҳад.

**Пешниҳод ва талаб ба қувваи корӣ**




Нақшаи 24.1.




Нақшаи 24.2

Биёед муайян мекунем, ки чаро музди меҳнат ё маоши менеҷере, ки дар фабрикаи бофандагӣ кор мекунад, назар ба корманди оддӣ зиёдтар аст? Миқдори маоши коргарон ва хизматчиён ба чунин омилҳо вобаста аст:

1. Агар кор аз одам ҳар чӣ қадар зиёдтар дониши махсус, малака ва тайёриро талаб намояд, ҳамон қадар қимат мешавад. Дар ҳақиқат, шахсони машғули корҳои оддитарини донишу малакаи на он қадар зиёдро талабкунанда бисёранд. Менеҷерҳои таҷрибаноки дониши махсус ва қобилияти идоракунӣ дошта, каманд. Бинобар ин, пешниҳоди қувваи кории коргарони оддӣ $S_2$ аз пешниҳоди қувваи кории менеҷер $S_1$ зиёд аст. Дар ин маврид, маоши менеҷерҳо $p_1$ аз маоши коргарони оддӣ $p_2$ зиёд буданашро аз нақшаи 24.2 муайян намудан мумкин аст.



http://eduportal.uz

2. Натиҷаи кор – маҳсулоти ба ивази он офаридашуда фурӯхта, ба кордиҳанда чӣ қадар нафъ оварда бошад, кор ҳам мувофиқан ҳамон қадар баландтар баҳо дода мешавад.

3. Кор ҳар чӣ қадар вазнин бошад, аз инсон қувваи зиёди ҷисмонӣ талаб кунад, ҳамон қадар қимат мешавад. Масалан, маоши коргари кони ангишт нисбат ба коргари завод зиёдтар аст.

4. Кор ҳар чӣ қадар хатарнок ва ба саломатӣ зараркунанда бошад, ҳамон қадар қиматтар мешавад.

**Машқ** **Талаб ва пешниҳод ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар ҷадвали зерин дода шудааст:**

| Маош | Миқдори талаб ба қуввaи корӣ | Миқдори пешниҳод ба қуввaи корӣ |
|---|---|---|
| 1 300 000 сӯм | 300 | 100 |
| 1 600 000 сӯм | 200 | 200 |
| 1 900 000 сӯм | 100 | 300 |

Нархи бозори қуввaи кориро ёбед.

Аз рӯи сабабҳои пайдоиш бекорӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

**1. Бекории фрикционӣ.** Ин бекорӣ ҳангоми аз як кор баромада то ба кори дигар гузаштан пайдо мегардад. Инчунин, ин намуди бекорӣ ҳангоми аз синни балоғат баромадани ҷавонон ё баъд аз хатми омӯзишгоҳҳо ҳангоми кор кофтан низ рӯй медиҳад.

**2. Бекории мавсимӣ.** Бекорие, ки баъд аз тамом шудани корҳои мавсимӣ бармеояд, *бекории мавсимӣ* номида мешавад. Масалан, дар зимистон корҳои хоҷагии қишлоқ бозмонда, бисёриҳо дар деҳот бекор мемонанд.

**3. Бекории таркибӣ.** Ин бекориест, ки дар натиҷаи тағйирёбии таркибӣ дар иқтисодиёти кишвар бармеояд. Ихтисоршавии соҳаҳои кӯҳна дар иқтисодиёти мамлакат, ба ҷояш пайдо шудани соҳаҳои нав, пайдоиши ҳудудҳои нави иқтисодӣ, истифодаи технологияҳои нав дар истеҳсолот талабро ба мутахассисони соҳибмалакаи нав ба миён меоварад. То ба талаби нав мувофиқшавии аҳолии ба меҳнат лаёқатнок *бекории таркибӣ (ҷузъӣ)* пайдо мегардад.

**4. Бекории даврӣ.** Бекории бо тағйирёбии даврӣ дар иқтисодиёти мамлакат алоқамандро *бекории даврӣ* меноманд. Бекории даврӣ ҳангоми ба инқироз дучор омадани иқтисодиёти мамлакат содир мегардад. Дар ин маврид фаъолнокии иқтисодӣ суст гардида, талаботи умумӣ кам мешавад, ки дар навбати худ дараҷаи бекориро яку якбора боло мебардорад. Дар давраи рӯ ба беҳбудӣ ниҳодани иқтисодиёти кишвар талаби умумӣ меафзояд. Ин дар навбати худ дараҷаи бекориро кам мекунад. Ин гуна бекорӣ бо самти даврӣ

гоҳ афзуда, гоҳ кам шуда меистад. Бекории даврӣ барои ҷамъият хавфнок аст. Дуру дароз давом кардани бекории даврӣ тамоми иқтисодиётро аз маромаш мебарорад, оқибатҳояш тамоми аҳли ҷамъиятро ба ларзиш меоварад.

***Бекорӣ*** дар мамлакат бо мавҷудияти шаҳрвандоне, ки лаёқати корӣ доранд, ба маоши таъиншуда кор кардан мехоҳанд ва кор кофта мегарданд, ифода мегардад. Аҳолии дорои лаёқати меҳнат гуфта, шахсоне, ки аз синни 16 калон (дар республикаи мо бинобар қонун бо оғоз аз синни 16 барои меҳнат кардан рухсат дода шудааст) буда, ба меҳнат кардан қодиранд, фаҳмида мешавад. Ҳамаи аҳолии мамлакат, ки лаёқати меҳнат доранд, захираи нерӯи кории онро ташкил медиҳанд. Аз сафи аҳолии дорои лаёқати меҳнати мамлакат нафароне мисли кор намекардагиҳо, кор намеҷустаҳо ва кадбонуҳо баровард шаванд, қувваи кории мамлакат ҳосил мешавад. Ҳамин тавр, қувваи кории мамлакат аз нафарони бо кор банд ва бо кор банд набудаҳо ташкил меёбад. Дараҷаи бекорӣ дар мамлакат бо миқдори бекорон нисбат ба миқдори умумии қувваи кории мамлакат бо миқдори фоиз андоза карда мешавад.

**Бекорон** — шаҳрвандони мамлакате, ки барои кор кардан қобилият доранду ба музди кори муайян розиянд, вале кор надоранд ва ё кор мекобанд.

**Захираҳои меҳнатӣ** — тамоми аҳолии мамлакат, ки қобилияти меҳнатӣ доранд.

**Дараҷаи бекорӣ** — миқдоран ба ҳисоби фоиз, ки аз рӯи таносуби адади бекорон нисбати шумораи умумии қувваи корӣ дар мамлакат муайян карда мешавад.

**Формула**

$$\text{Дараҷаи бекорӣ} = \frac{\text{Шумораи бекорон}}{\text{Шумораи қувваи корӣ}} \cdot 100\ \%$$

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Талабу пешниҳод ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат чӣ тавр ташаккул меёбад?
2. Фарқи байни бозори меҳнат ва бозорҳои дигарро гӯед.
3. Миқдори музди меҳнат чӣ тавр муайян карда мешавад ва ба он чиҳо таъсир мекунад?
4. Маоши барномасози МЭҲ, олим, ронандаи трамвай, теннисбози касбӣ, ҳамшираи тиббӣ, директори завод дар асоси кадом омилҳо муайян карда мешавад?
5. Сабабҳои пайдошавии бекориро гӯед ва шарҳ диҳед.
6. Ба ҳар як навъи бекорӣ мисолҳо оваред.

# МАВЗӮИ 25 ВОСИТАҲОИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ




## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Аз нақшаи болоӣ тафовути байни кордиҳанда – корхона ва фирмаҳо, коргарони кирояеро, ки ба онҳо хизмат мекунанд, муайян кунед.

1. Агар Шумо кордиҳанда мебудед, аз вазъияти мазкур чӣ тавр мебаромадед?
2. Шумо ҳамчун коргари кироя ақидаҳои худро чӣ гуна муҳофизат мекардед?
3. Шумо ҳамчун намояндаи давлат аз вазъияти мазкур чӣ гуна мебаромадед?
4. Дар бораи иттифоқҳои касаба чӣ медонед? Дар вазъияти мазкур иттифоқҳои касаба чӣ кор карда метавонад?

Аз ҳама зарарноктарин намуди бекорӣ ин бекории даврӣ мебошад. Ин гуна бекорӣ на танҳо ба шахсони алоҳида, балки ба ҳамаи иқтисодиёти мамлакат, ба кулли ҷамъият таъсири манфӣ мерасонад. Вазъияте, ки дар оғози солҳои истиқлолият дар мамлакати мо ба вуҷуд омад, ба ин мисол шуда метавонад. Тағйиротҳои амиқи иқтисодиву иҷтимоие, ки бо иқтисодиёти аграрии ақибмонда, ки аз собиқ иттифоқ боқӣ мондааст, парокандашавии алоқаҳои иқтисодии пешина, якбора коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсолот, ба

http://eduportal.uz

иқтисодиёти нави бозор гузаштани иқтисодиёти республикаи мо вобаста аст, дар мамлакати мо бекории davриро ба вуҷуд овард. Дар замони бекории даврӣ бисёр заводу фабрикаҳо аз фаъолият мемонанд. Ҳазорҳо одамон аз қишлоқ ба шаҳр корҷӯйӣ мераванд. Ба туфайли баланд шудани нарху наво, вазнин шудани шароити зист кадбонуҳои пештар кор накарда, нафақахӯрон ва донишҷӯён низ кор ҷустуҷӯ мекунанд. Дар натиҷа мувозинати бозори неруи корӣ дар тамоми мамлакат вайрон мешавад. Ба ин боис пешгирии чунин бекорӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлат мебошад.

Нигоҳ доштани мувозинати бозори неруи корӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат мебошад. Дар шароити иқтисоди бозор бинобар ҳимоя кардани аҳолӣ аз балои бекорӣ, ки манбаи асосии захираҳои қувваи корӣ мебошад, муттасил кор бурда мешавад.

Бо ин кор биржаҳои меҳнат машғул мешаванд. Биржаи меҳнат ташкилоти давлатиест, ки байни корхонаҳои кордиҳанда ва корҷӯён воситагарӣ мекунад. Биржаи меҳнат бекоронро ба рӯйихат мегирад, ҷойҳои кории холии корхонаҳоро муайян мекунад ва нафарони ба ҷустуҷӯйи кор омадаро ба ин корхонаҳо барои кор мефиристад. Ба нафари бекоре, ки ба биржаи меҳнат муроҷиат мекунад, бинобар касбаш кор пайдо нашавад, мақоми “бекор” дода ва як вақти муайян бо нафақаи бекорӣ таъмин карда мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо байни коркунони фиристодашуда ва корхонаҳои кордиҳанда дар масъалаҳои миқдори моҳона, таъмини шароити корӣ ва бехатарии меҳнат низоъҳо ба вуҷуд меоянд. Коркунони фиристодашуда бо мақсади ҳифзи манфиатҳои худ бо иттиҳодияҳои касаба якҷоя мешаванд. Иттиҳодияҳои касаба ташкилоти ғайридавлатӣ, ҷамоатӣ буда, манфиатҳои аъзои худро ҳимоя мекунад.

Мақсадҳои иттиҳодияҳои касаба аз инҳо иборат аст:

1. Ҳимоя кардани талабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, касбӣ ва маишии аъзои иттиҳодияҳои касаба. Барои баланд бардоштани нишондодҳои дараҷаи зиндагии онҳо мубориза бурдан.

2. Аз номи аъзои иттиҳодияҳои касаба дар назди мақомоти идоракунӣ функсияҳои намояндагиро амалӣ кардан.

3. Барои ба дараҷаи эҳсосшаванда баланд бардоштани мезонҳои сифати ҳаётии коргароне, ки аъзои иттиҳодияи касаба мебошанд, ҳаракат кардан.

Барои ба ин мақсадҳо ноил гардидан иттиҳодияҳои касаба вазифаҳои зеринро амалӣ мекунанд:

1. Барои таъмини ҳаққи кор, пенсия ва нафақаҳои иҷтимоии муносиб ва ҳаққонӣ ҳаракат кардан.

2. Бо мақсади ҳимоя кардани манфиатҳои коргарон ва хизматчиён дар музокираҳои дараҷаҳои гуногун ширкат кардан.
3. Барои таъмин кардани кафолатҳои гирифтани таълим ва хизмати тиббии меҳнаткашон саъй кардан.
4. Аз ҷониби кордиҳандагон назорат аз болои риоя кардан ба талабҳои қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон, фармон, қарор ва ҳуҷҷатҳои дигари меъёриро амалӣ кардан.
5. Ҳимоя кардани аъзои иттиҳодияҳои касаба аз ғайриқонунӣ аз кор холӣ шудан.
6. Бинобар бо кор таъмин будани шаҳрвандон мушоҳида гузарондан.
7. Бинобар аз кор холишудагон ба кафолатҳои шартномавӣ амал карданро таъмин намудан.
8. Дар ҷойҳои кории меҳнаткашон аз болои талабҳои бехатарии техникӣ ва муҳофизати меҳнат назоратро ба роҳ мондан.

Дар ҳар кадом давлат муаммои бекорӣ мавҷуд буда, аз он тамоман халос шудан имкон надорад. Дар мамлакат мавҷудияти намудҳои бекории фриксион ва таркибӣ ба тағйиротҳои калон дар иқтисодиёт оварда намерасонад ва дар ҷамъият ба кадом маъно ҳолати табиӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолати мавҷудияти фақат бекории фриксион ва таркибӣ дар мамлакат шуғ*ли пурра* номида мешавад. Дараҷаи бекории ин ҳолат бошад, дараҷ*аи бекории таби*ӣ ном гирифтааст. Бо як ҳисоб дар мамлакат мавҷудияти бекории табиӣ маъқул менамояд. Зеро мавҷудияти чунин бекорон аҳолии бо кор бандро барои беҳтар кор кардан такон медиҳад.

**Дараҷаи бекории табиӣ** – дараҷаи бекорӣ дар ҳолате, ки дар мамлакат танҳо бекории фриксионӣ ва таркибӣ вуҷуд доранд.

**Шуғли саросар** – шуғлнокӣ дар ҳолате, ки дар мамлакат танҳо бекории табиӣ вуҷуд дорад.

**Машқ**

Дараҷаи бекории табиӣ дар мамлакат 6 фоиз, дараҷаи бекории умумӣ 10 фоизро ташкил медиҳад. Агар маълум бошад, ки сафи бекорони фриксионӣ ва таркибии кишвар 1 млн. нафар аст, миқдори бекоронро муайян намоед.

Бекоронро барои бекор нагашта, малакаи худро баланд бардошта, зудтар кор ёфтан маҷбур мекунад. 4-5 фоиз будани дараҷаи бекории табиӣ дар мамлакат ҳолати меъёрӣ ба ҳисоб меравад.



http://eduportal.uz

Давлат барои ба тартиб овардани бозори меҳнат ва пешгирии бекорӣ чораҳои зеринро меҷӯяд:

– бозори меҳнатро муттасил таҳлил мекунад ва шумораи бекорон, шаҳрвандони бо кор машғул, миқдори коргоҳро аниқ мекунад, тағйиротҳои бозори меҳнатро муайян месозад;

– барномаҳои боз ҳам пурратар бо кор таъмин намудани аҳолиро баррасӣ мекунад, тадбиркориро дастгирӣ карда, бо ин роҳ ҷойҳои нави корӣ тайёр мекунад;

– аҳолиро ба аз худ кардани касбу кори нав сафарбар менамояд, дар бораи ҷойҳои кории нав маълумот медиҳад, корҳои тадқиқотӣ мебарад;

– мутахассисони ба иқтисодиёт заруриро тайёр мекунад, корҳои тайёркунии кадрҳо, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси онҳоро пеш мебарад;

**Биржаи меҳнат** – корхонаи давлатие, ки байни кордиҳанда ва корҷӯянда миёнаравӣ мекунад.

**Иттифоқҳои касаба** — ташкилоти ҷамъиятии ғайридавлатӣ, ки манфиати коргарони кирояро дар назди корхонаҳои кордиҳанда ва давлат ҳимоя мекунад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Дар бораи тарафҳои манфии бекорӣ сухан кунед.
2. Аз бекорӣ аҳолии кадом синну сол бештар зарар мебинад? Чаро?
3. Шуғли саросар гуфта чиро мефаҳмед?
4. Дараҷаи бекории табиӣ чӣ тавр муайян карда мешавад?
5. Ба чораҳои кам кардани дараҷаи бекорӣ мисолҳо оред.
6. Чорабиниҳои зидди бекориеро, ки аз тарафи давлат дида мешаванд, маънидод созед.
7. Шартҳои гирифтани мақоми бекор аз чиҳо иборат аст?
8. Фаъолияти биржаҳои меҳнатиро фаҳмонед.
9. Иттифоқҳои касаба бо кадом мақсад ташкил карда мешаванд?

## Дар хотир доред!

- Ҳолате, ки дар мамлакат танҳо бекории фриксионӣ ва таркибӣ вуҷуд дорад, шуғлнокии саросар номида мешавад.
- Дараҷаи бекории табиӣ дар мамлакат, ки 4–5 фоизро ташкил медиҳад, муқаррарӣ ҳисоб меёбад.
- Бо масъалаҳои ба тартиб андохтани бозори меҳнат, пешгирии бекорӣ давлат машғул мегардад.
- Манфиатҳои коргарон ва хизматчиёнро иттифоқҳои касаба ҳимоя мекунад.

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ V

## А. САВОЛҲО

1. Моҳияти бекурбшавиро фаҳмонда диҳед.
2. Кадом намудҳои бекурбшавӣ ҳаст?
3. Аз хусуси сабабҳо ва оқибатҳои сар задани бекурбшавӣ чиҳоро медонед?
4. Омилҳоеро номбар кунед, ки ба миқдори музди меҳнат таъсир мерасонанд?
5. Бекорӣ ва сабабҳои сар задани онро номбар кунед.
6. Намудҳои бекорӣ аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
7. Аз хусуси оқибатҳои бекорӣ чиҳоро медонед?
8. Воситаҳои ҳифзи иҷтимоии давлатро номбар кунед.
9. Мавқеи иттифоқҳои касаба дар муносибатҳои иқтисодӣ чӣ гуна аст?

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

### ИСТИЛОҲОТ:

1. Ҳаҷми пул, 2. Суръати гардиши пул, 3. Бекурбшавӣ,
4. Дараҷаи бекурбшавӣ, 5.Бекорӣ, 6. Дараҷаи бекорӣ.
7. Захираҳои меҳнатӣ, 8. Иттифоқҳои касаба, 9. Гипербекурбшавӣ.

### ТАВЗЕҲОТ:

а) ҷараёни афзоиши муттасили нарху навои миёна дар мамлакат;
б) ҷараёни аз ҳад зиёд афзоиши нарху навои миёна (соле аз 50 маротиба зиёд) дар мамлакат;
в) ҷараёни иштироки пул дар хариду фурӯш, гузаштани пул аз даст ба даст дар давоми сол;
г) миқдори фоизи афзоиши нархҳо дар давраи муайян;
д) шаҳрвандони мамлакате, ки барои кор кардан қобилият доранду ба музди кори муайян розиянд, вале кор надоранд ва ё кор мекобанд;
е) тамоми аҳолии мамлакат, ки қобилияти меҳнатӣ доранд;
ё) ташкилоти ҷамъиятии ғайридавлатӣ, ки манфиати коргарони кироярo дар назди корхонаҳои кордиҳанда ва давлат ҳимоя мекунад;

## В. Бинобар расмҳои титули боби V-уми саҳифаи 113.

Кадом аз расмҳо ба кадом мавзӯи боб тааллуқ доранд, дар асоси ин расмҳо мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.

http://eduportal.uz

## Г. ТЕСТҲО

1. **Дар кишвар суръати даврзании пул, микдори маҳсулоти фурӯхташуда тағйир наёфта, ҳаҷми пул афзуд. Ин ба кадом оқибатҳо меорад...**
   А) нарху наво паст меравад; Б) нарху наво меафзояд;
   В) ба нарху наво таъсир намекунад; Г) ба ҳеҷ чиз таъсир намекунад.
2. **Ҳангоми инфлятсия ...**
   А) нархи миёнаи молҳои истеъмолӣ меафзояд;
   Б) нархи миёнаи молҳои истеъмолӣ паст мегардад;
   В) нархи миёнаи молҳои истеъмолӣ тағйир намеёбад;
   Г) ҳамаи ҷавобҳои болоӣ дуруст аст.
3. **Ҳангоми гипербеқурбшавӣ нархҳо соле чӣ қадар зиёд мешаванд?**
   А) 50 баробар; Б) 20 баробар; В) 30 баробар; Г) 10 баробар.
4. **Яке аз харидорони бозори меҳнат...**
   А) коргар; Б) менеҷер; В) давлат; Г) ходими биржаи меҳнат аст.
5. **Дараҷаи бекории табиӣ ин дараҷаи бекорӣ ҳангоми дар мамлакат будани танҳо.**
   А) бекориҳои фриксионӣ ва таркибӣ;
   Б) бекориҳои фриксионӣ ва мавсимӣ;
   В) бекории даврӣ;
   Г) бекории фриксионӣ.
6. **Афзоиши талаб ба нон ба чӣ меорад ...**
   А) афзоиши талаби корхонаҳои саноатӣ ба қувваи корӣ;
   Б) афзоиши талаби хоҷагии қишлоқ ба қувваи корӣ;
   В) камшавии афзоиши талаби хоҷагии қишлоқ ба қувваи корӣ;
   Г)ба талаби хоҷагии қишлоқ нисбати қувваи корӣ таъсир намекунад.
7. **Кӣ бекор ҳисоб меёбад?**
   А) нафақахӯре, ки кор мекобад;
   Б) ҳарбие, ки ба нафақа баромада кор мекобад;
   В) соҳибхоназане, ки кӯдакашро парвариш мекунад;
   Г) шахсе, ки дар ҳеҷ куҷо кор накарда, аз ҳисоби фоизи пули ба бонк гузоштааш рӯз мегузаронад.
8. **Дар кишоварзӣ истифодабарии технологияҳое, ки меҳнати дастиро кам талаб мекунанд, ба чӣ меорад?**
   А) ба кам шудани бекории мавсимӣ; В) ба кам шудани бекории таркибӣ;
   Б) ба кам шудани бекории фраксионӣ; Г) ба кам шудани бекории даврӣ.
9. **Кадоме аз ин чораҳо ба камшавии дараҷаи бекорӣ дар кишвар меоварад?**
   А) ташкили коргоҳҳои иловагӣ;
   Б) ба касбу ҳунаромӯзӣ равона кардани ҷавонон;

http://eduportal.uz

В) ба касбҳои нав тайёр кардани аҳолӣ; Г) ҳамаи онҳо.

**10. Яке аз фурӯшандагони бозори меҳнат ин...**

А) давлат; Б) корхона; В) коргар; Г) биржаи меҳнат.

**11. Дар кадом ҳолат қурби пул нишон дода мешавад?**

А) дар давраи беқурбшавӣ;
Б) дар давраи гипербеқурбшавӣ;
В) пул ба тезӣ гирд гардад;
Г) ҳаҷми истеҳсоли мол ва адои хизмат вусъат ёбад.

**12. Ҷумлаи нодурустро ёбед.**

А) агар ҳаҷми пул афзояд, одатан боиси болоравии нархҳо мегардад;
Б) вусъати миқдори ҳаҷми пул боиси пастравии нархҳо мегардад;
В) нархи мол арзон шавад, қурби пул мефуроял;
Г) боздоштани беқурбшавӣ – вазифаи муҳими давлат.

**13. Вақте ки байни коргарони кироя ва кордиҳандагон низоъ бархезад, иттифоқҳои касаба манфиати киро ҳимоя мекунанд?**

А) давлатро; Б) кордиҳандагонро;
В) коргарони кироярo; Г) истеҳсолкунандагонро.

**14. Биржаи меҳнат ...**

А) бекоронро бо кор таъмин мекунад;
Б) манфиати бекоронро ҳимоя мекунад;
В) манфиати кордиҳандагонро ҳимоя мекунад;
Г)байни кордиҳанда ва корҷӯён миёнаравӣ мекунад.

**15. Ба чораҳои ҳифзи иҷтимоии давлат чиҳо медароянд?**

А) доимо таҳлил намудани бозори меҳнат;
Б) таҳияи барномаҳои бо шуғл фарогирии аҳолӣ;
В) номнавискунии бекорон ва таъмин кардан бо нафақа;
Г) тамоми ҷавобҳои болоӣ дурустанд.

**16. Кадом намуди бекорӣ ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон мерасонад?**

А) фрикционӣ; Б) мавсимӣ; В) таркибӣ; Г) даврӣ.

**17. Суръати гардиши пул аз кадом формула муайян карда мешавад?**

А) $V = M/P \cdot Q$; Б) $V = P \cdot Q/M$;
В) $V = P \cdot Q \cdot M$; Г) $V = M \cdot Q/P$.

**18. Дараҷаи бекорӣ чист?**

А) миқдори фоизии шумораи бекорон нисбати қувваи корӣ;
Б) миқдори фоизии бо шуғл фарогирифтагон нисбати қувваи корӣ;
В) миқдори фоизии аҳолии қобили меҳнат нисбати қувваи корӣ;
Г) миқдори фоизии бекорон нисбати теъдоди бо шуғл фарогирифтагон.

*Дар бозори ҷаҳон интегратсия кардани иқтисодиёти мо ва содиротро дастгирӣ намудан вазифаи устувор мебошад.*

*Шавкат Мирзиёев*



# Боби VI. Иқтисодиёти ҷаҳон

















# МАВЗӮИ 26 САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ




**1**

| | Харочотҳои истеҳсолот (бо воҳиди пулии шартӣ) | |
|---|---|---|
| | 1 литр шарбати мева | 1 дона фотоаппарат |
| Дар мамлакати 1 | 2000 | 16000 |
| Дар мамлакати 1 | 2000 | 20000 |

**2**

| | Нархи муқобили фотоаппарат | |
|---|---|---|
| | Фотоаппарат | Шарбати мева |
| Дар мамлакати 1 | 1 дона | |
| Дар мамлакати 2 | 1 дона | |

**3**

| | нархи муқобили шарбати мева | |
|---|---|---|
| | Шарбати мева | Фотоаппарат |
| Дар мамлакати 1 | 1 литр | 1 дона |
| Дар мамлакати 1 | 1 литр | |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Фарз мекунем, ки истеҳсоли 1 литр шарбати мева дар мамлакати якум ба 2000 воҳиди шартии пулӣ, дар мамлакати дуюм ба 2000 воҳиди шартии пулӣ мефурояд. Дар мамлакати якум истеҳсоли 1 дона фотоаппарат ба 16000 воҳиди шартии пулӣ, дар мамлакати дуюм ба 2000 воҳиди шартии пулӣ меафтад (ҷадвали 1).

1. Қимати муқобили истеҳсоли як дона фотоаппарат ва як литр шарбати меваро дар мамлакатҳои якум ва дуюм муайян карда, ҷадвалҳои 2 ва 3-ро пур кунед.
2. Дар асоси ҷадвалҳои мазкури қимати муқобил дар кадом давлат мувофиқи мақсад будани ба роҳ мондани истеҳсоли кадом намуди маҳсулотро аниқ кунед.
3. Аз ин ихтисосонӣ ҳар як давлат чӣ қадар манфиат мебинад?

Аз замонҳои қадим мамлакатҳо бо ҳам хариду фурӯш мекунанд. Инро дар мисоли Роҳи бузурги абрешим, ки аз ҳудуди мамлакати мо низ тӯл кашидааст, дидан мумкин аст. Вақте сухан дар бораи бозори ҷаҳонӣ меравад, низоми муносибатҳои молу пули барқарори байни муносибатҳои иқтисодӣ ва мамлакатҳои ба ҳамдигар вобаста фаҳмида мешавад. Бозори

http://eduportal.uz

ҷаҳонӣ нахуст дар давраҳои ба роҳмонии хариду фурӯш бо мамлакатҳои каммиқдор ташаккул ёфтааст. Айни замон мамлакате, ки дар бозори ҷаҳонӣ иштирок намекунад, ба ҳисобе нест. Бо таъсири бозори ҷаҳонӣ дар байни мамлакатҳои ҷараёнҳои ихтисоснокшавӣ хеле амиқ гардид. Дар дохили бозори ҷаҳонӣ бозорҳои мол, қувваи корӣ, капитал ва валюта ташаккул ёфт. Дар бозори ҷаҳонӣ мамлакатҳои тараққикарда мақоми асосӣ доранд. Онҳо бештар бо маҳсулоти тайёр ва технологияҳо ширкат мекунанд. Мамлакатҳои ривоҷёфта бошад, бештар бо ашёи хом ва қувваи корӣ дар бозори ҷаҳонӣ ширкат мекунанд. Лекин солҳои охир маҳсулоти тайёр ва технологияҳои мамлакатҳои ривоҷёфта мисли Хитой, Ҳиндустон ҳам ҷойҳои асосиро ишғол мекунанд.

Дар як давлат кони нафт ҳасту дар дигараш нест. Дар давлати дигар конҳои оҳан ҳасту дар якумаш нест. Тақсими нобаробари захираҳои табиӣ давлатҳоро барои бо ҳам савдо кардан водор месозад.

Дар Русия бешазорҳо зиёданд ва бинобар ин саноати ҷӯбсозӣ ривоҷ ёфтааст. Шароити иқлими табиии Ӯзбекистон барои пахтакорӣ ниҳоят хуб буда, дар республикаи мо пахтаи фаровон рӯёнда мешавад. Танҳо дар ҳудудҳои ҷанубии Русия пахтакорӣ кардан мумкин аст. Аммо ҳосилнокии он хеле паст мешавад. Дар Ӯзбекистон бошад, барпо кардани бешазорҳои нав хароҷоти зиёдеро талаб мекунад. Пас, Ӯзбекистон дар пахтакорӣ, Русия дар ҷӯббарорӣ афзалияти мутлақ доранд. Бинобар ин иқтисодиёти Русия ба ҷӯббарорӣ, иқтисодиёти Ӯзбекистон бошад, ба пахтакорӣ махсусонида шудааст. Яъне, ҳар як давлат намуди маҳсулоти нисбатан арзон бударо истеҳсол намуда, бо ҳам онҳоро иваз мекунанд. Аз ин тахассусонӣ ҳар як мамлакат манфиат мебинад ва аз ин боис байни ҳам савдо мекунанд. Тахассусонидани давлатҳо дар асоси тамоюли афзалияти мутлақ истифодаи самаранокро аз захираҳои кураи Замин фароҳам меорад. Пас, лозим аст, ки давлатҳо дар савдо ба тамоюли афзалияти мутлақ риоя намоянд. Мувофиқи он ҳар як давлат кадом маҳсулотро назар ба давлатҳои дигар бо захираҳои камтар истеҳсол намояд, ба истеҳсоли ҳамон маҳсулот бояд тахассусонида шавад.

**Афзалияти мутлақ** — мавҷудияти имконияти яке аз давлатҳо, ки захираҳои якхела доранд, бо ёрии ин гуна захираҳо нисбат ба дигарон зиёдтар истеҳсол кардани мол.

Назарияи бартарияти мутлақро Адам Смит дақиқ ифода кардааст. Бинобар фикри ӯ, мамлакатҳо дар худ молҳоеро, ки нисбат ба мамлакатҳои дигар камтар хароҷот гардида, истеҳсол карда мешаванд, содир мекунанд, дар мамлакатҳои дигар молҳоеро, ки нисбат ба худашон камтар хароҷот карда, истеҳсол мешаванд, ворид мекунанд.

Баъзан ду давлат дар ду соҳа ҳам ба бартарии мутлақ соҳибанд. Ба ҷадвали зерин таваҷҷӯҳ фармоед:

| | Сарфи қувваи корӣ ба истеҳсолот, бо соат | |
|---|---|---|
| | дар мамлакати якум | дар мамлакати дуюм |
| Зарфи пластмассагӣ | 10 | 20 |
| Чароғи барқӣ | 30 | 40 |

Мувофиқи ин дар мамлакати якум барои истеҳсоли як дона чароғи барқӣ ва як дона зарфи пластмассагӣ, назар ба мамлакати дуюм вақти корӣ камтар сарф мешудааст. Яъне, мамлакати якум дар ин соҳаҳо дорои афзалнокии мутлақ будааст. Аммо дар мамлакати якум қимати муқобили истеҳсоли чароғи барқӣ 30 : 10 = 3 дона, дар мамлакати дуюм бошад, 40 : 20 = 2 донаи зарфи пластмассагиро ташкил медиҳад. Пас, мамлакати дуюм дар истеҳсоли чароғи барқӣ нисбат ба мамлакати якум дорои афзалнокии нисбӣ будааст.

Аз тарафи дигар мамлакати якум дар истеҳсоли зарфи пластмассагӣ нисбат ба мамлакати дуюм дорои афзалнокии нисбӣ аст. Чунки, қимати муқобили истеҳсоли зарфи пластмассагӣ дар мамлакати якум 10 : 30 = 1/3 чароғи барқиро, дар мамлакати дуюм бошад, 20 : 40 = 1/2 чароғи барқиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, агар мамлакати якум истеҳсоли зарфҳои пластмассагиро ташкил намуда, ба мамлакати дуюм фурӯшад ва чароғи барқиро аз мамлакати дуюм харад, ба мақсад мувофиқ мебуд. Чунки, қимати муқобили истеҳсоли чароғи барқӣ дар мамлакати якум назар ба мамлакати дуюм баландтар аст. Айнан ҳамин тавр, агар мамлакати дуюм истеҳсоли чароғи барқиро ташкил намуда, ба мамлакати якум фурӯшад ва зарфи пластмассагиро аз мамлакати якум харад, ба мақсад мувофиқ мебуд. Пас, ҳар як давлат истеҳсоли маҳсулоти қимати муқобилаш назар ба давлатҳои дигар камро ба роҳ монда, бояд ба хориҷа фурӯшад. Ба



**Давид Рикардо**
(1772 – 1823)

Шоҳасари иқтисоддони инглис Давид Рикардо «Иқтисоди сиёсӣ ва қоидаҳои андозситонӣ» номида мешавад. Дар олами иқтисод Давид Рикардоро баъди Адам Смит ба сифати олими номдор эътироф менамоянд.

Тадқиқотҳои илмии Рикардо ба озодии савдо дар бозори байналҳалқӣ нигаронда шудаанд. Вай консепсияро, ки иқтисоддонҳои кунунӣ қоидаҳои афзалияти нисбӣ меноманд, аввалин шуда пеш бурдааст.

Рикардо ба сифати олим савдои байналхалқиро таъриф дода, илоҷаш бошад, онро аз монеаҳо орӣ кунондан барои иқтисодиёти мамлакатҳо фоидаовар буданашро асоснок карда додааст.

назарияи бартаринокии нисбӣ олими бузурги иқтисоддони инглис Давид Рикардо асос гузоштааст.

Ба мамлакатҳои хориҷа фурӯхтани маҳсулот ва хизматрасониҳо, ***содирот ё экспорт*** номида мешавад. Аз мамлакатҳои хориҷа харидани маҳсулот ва хизматрасониҳо бошад, ***воридот*** ё ***импорт*** номида мешавад. Ҳосили ҷамъи арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои ворид ва содиршудаи мамлакат ***ҳаҷми савдои берунаро*** муайян месозад. Ҳаҷми савдои беруна то чӣ андоза иштирок намудани онро ба ҷараёни хариду фурӯши байналхалқӣ мефаҳмонад. Самаранокии иштироки мамлакатро дар савдои байналхалқӣ бо муқоиса намудани ҳаҷми воридот ва содирот муайян намудан мумкин аст. Фарқи байни ҳаҷми содирот ва воридоти мамлакат ***мувозанати савдои берунаро*** муайян месозад. Агар ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳои содиршаванда, назар ба ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳои воридшаванда зиёд бошад, мувозанати савдои беруна мусбат мешавад. Дар акси ҳол, мувозанати савдои беруна манфӣ шуда, дар савдои байналхалқӣ муаммоҳо пайдо мешаванд.

**Экспорт (содирот)** — фурӯхтани маҳсулот ва хизматрасониҳои дар мамлакат адошуда ба хориҷа.

**Импорт** — аз мамлакатҳои хориҷӣ хариди маҳсулот ва хизмат.

**Ҳаҷми савдои беруна** — нархи умумии маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки воридот ва содироти давлатро ташкил медиҳанд.

**Баланс ё мувозинати савдои хориҷӣ** — фарқи байни ҳаҷми содирот ва воридоти мамлакат.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Аҳамияти савдову тиҷорат дар байни давлатҳо дар чист?
2. Фарқи тамоюлҳои бартарии мутлақ ва нисбӣ аз ҳамдигар дар чист?
3. Мамлакатамон дар бобати истеҳсоли кадом молҳо дар байни мамлакатҳои ИДМ ба устувории мутлақ соҳиб аст?
4. Воридот ва содирот аз ҳам чӣ фарқ доранд?
5. Ҳаҷми савдои берунаи мамлакат аз чӣ ташкил меёбад?
6. Мувозанати савдои берунаи мамлакат кай мусбат ва кай манфӣ мешавад? Кадоме аз инҳо барои мамлакат хуб аст?

**Дар хотир доред!**

- Ҳамаи мамлакатҳо аз истифода аз бозори ҷаҳонӣ манфиатдоранд.
- Дар бозори ҷаҳонӣ баъзе мамлакатҳо афзалият пайдо мекунанд.
- Мамлакат доимо барои содирот бештар ҳаракат мекунад.



http://eduportal.uz

# МАВЗӮИ 27 МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ИҚТИСОДИИ











Дар маркази байналхалқии бизнес бинобар ҳамкории иқтисодӣ ҷамъомади ӯзбеку кореягӣ баргузор шуд.

Дар давоми ҷамъомад тарафҳо бинобар кредитҳои Бунёди тараққиёт ва ҳамкории иқтисодӣ, ки солҳои 2018-2020 пешбинӣ шудааст, дар бораи амалӣ кардани лоиҳаҳо фикр иваз карданд. Миқдори умумии барномаҳои лоиҳаҳо ба 500 млн. доллар баробар аст.

Тарафҳо масъалаҳоро бинобар саривақт амалӣ кардани лоиҳаи ташкил кардани технопарки таълимиву амалии бофандагӣ дар якҷоягӣ бо Институти технологияҳои пешқадами Корея дар Тошканд, созмон додани маркази бизнеси ӯзбеку кореягӣ муҳокима карданд.

Ҳамчунин, тарафҳо лоиҳаи ташкил кардани маркази тиббии бисёршабакаи бачагонро дида баромаданд.

Дар маҷлис боз масъалаи ташкил кардани Хонаи маданият ва санъати Корея дар Ӯзбекистонро ҳам муҳокима карданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Ба фикри шумо Республикаи Куриё аз ба рӯи об баровардани лоиҳаҳои болоӣ дар Ӯзбекистон чӣ гуна манфиат мебинад?
2. Республикаи Ӯзбекистон бо кадом мақсад лоиҳаҳои мазкурро ба рӯи об мебарорад?
3. Алоқаҳои байниҳамдигарӣ дар доираи субъектҳои тиҷорати хурд чӣ гуна аҳамияти ба худ хос доранд?
4. Муносибатҳои дар боло овардашуда ба муносибатҳои байниҳамдигарии манфиати байналхалқӣ мисол шуда метавонад? Ҷавобатонро асоснок кунед.

http://eduportal.uz

5. Дар асоси расмҳои болоӣ дар бораи муносибатҳои иқтисодии байни Ӯзбекистон ва Кореяи Ҷанубӣ матн тайёр кунед.

Дар дунёи ҳозираи глобалӣ муносибатҳои байналхалқии иқтисодиро ба роҳ намонда илоҷи ба пешрафт расидан нест. Дар ҷаҳон дараҷаи башаригардонӣ баланд шудан гирад, аҳамияти ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ ҳам калон шудан мегирад. Аз як мамлакат ба дигараш на танҳо молҳо, балки қувваи корӣ, сармоя ва технологияҳо ҳам гузаштанашон торафт пурзӯр мегардад. Ба ширкатҳои муқтадир доираи як давлат тангӣ мекунад ва онҳо ба ширкатҳои трансмиллӣ табдил меёбанд.

Сари вақт ва оқилона ба роҳ мондани ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ ба давлати дилхоҳ ба зарурати аз ҳама пурзӯр мубаддад мегардад.

Дар Ӯзбекистон ҳам оид ба мустаҳкам кардани алоқаҳои иқтисодии дуҷонибаву серҷониба бо мамлакатҳои аз ҳама мутараққии ҷаҳон корҳои бузурге ба иҷро мерасанд. Он бошад, дар навбати худ барои ба мамлакатамон бо ҳаҷми калон ворид шудани сармояҳо, сохтмони завод, фабрикаҳо ва иншоотҳои калон имконият фароҳам меоварад.

Умуман, бозорҳои ҷаҳонӣ ҳам ба мисли бозори дохилии давлатҳо барои ҳама бозори рақобати кушод бояд бошад. Зарур аст, ки нархи маҳсулот ва хизматрасониҳо дар он нисбатан аз рӯи пешниҳод ва талаби ҷаҳонӣ муайян шавад. Вале дар бозори ҷаҳонӣ амалан аҳвол дигар аст. Баъзе давлатҳо барои ҳимоя намудани бозори дохилӣ ва истеҳсолкунандагони худ аз рақобати фирмаҳои хориҷӣ ба савдои хориҷӣ монеа ё маҳдудиятҳо ҷорӣ мекунанд. Ин монеаҳо чунинанд:

**1. Тариф (боҷи гумрукӣ)** — пардохти андозе, ки барои маҳсулот ва хизматрасонии аз сарҳади мамлакат гузаронидашаванда гирифта мешавад. Боҷи гумрукӣ ба афзоиши нархи маҳсулоти воридшаванда меоварад. Давлат бо ин роҳ истеҳсолкунандагони маҳаллиро ҳимоя мекунад. Инчунин, аз боҷи гумрукӣ давлат барои пур кардани буҷаи худ истифода мебарад.

**2. Квота (меъёр)** – барои аз хориҷа овардан ё ба хориҷа баровардани маҳсулот ва хизматрасониҳо мебошад. Агар квота ба воридот гузошта шуда бошад, ба мамлакат зиёдтар аз ин меъёр овардани маҳсулот ғайриимкон аст.

**3. Рухсатнома (литсензия) ба савдои хориҷӣ ва монеаҳои дигар** — гузоштани монеа дар шакли иҷозатномаи махсус — литсензияи рӯйхати мол ва хизматрасониҳое, ки даровардан ва ё баровардани он қатъиян манъ аст. Масалан, ба Британияи Кабир содир кардани ангиштсанг



http://eduportal.uz

манъ аст. Маҳдуд кардани мубодилаи озоди асъори хориҷӣ низ дохил шудани фирмаҳои хориҷиро ба бозори дохилӣ бозмедорад.

Давлат истеҳсолкунандагони миллиро дастгирӣ намуда, қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои андозӣ медиҳад. Арзон шудани маҳсулоти дар кишвар истеҳсолшавандаро назар ба маҳсулоти аз хориҷа овардашуда таъмин карда метавонад. Ин гуна чорабинӣ ва маҳдудиятҳое, ки аз тарафи давлат дида мешаванд, *протексионизм* номида мешавад. Сиёсати мазкур ҳангоми азнавбарқароркунии иқтисодиёт пас аз таназзул чун чораи маҷбурии муваққатӣ истифода бурда мешавад. Аммо вақтҳои охир ҷавобан ба монеаи гузоштаи як давлат давлати дигар низ чунин чораро зуд-зуд меандешад. Масалан, ИМА соли 2018 бо мақсади дастгирӣ кардани ширкатҳои маҳаллии истеҳсолӣ боҷи содироти пӯлодро аз 8% ба 25% муайян кард. Ҷавобан ба он Россия барои техникаи сохтмони роҳ, ускунаҳои нефту газ ва воридоти нахи оптикӣ 25-40% боҷ муайян кард.Зери *мафҳуми озод кардани савдои хориҷӣ* барҳам задани маҳдудиятҳои ба он гузошташударо мефаҳманд. Ҳоло республикаи мо дар асоси додани озодӣ ба савдои берунӣ амал мекунад.

Маълум аст, ки дар «ҷангҳо»-и байни давлатҳо барои монеасозӣ ба якдигар ҳар ду тараф бой медиҳад. Дар ин гуна ҳолат ба мақсади асосӣ бо ҳамовозии тарафайн расидан мумкин аст. Барои ин соли 1947-ум 23 давлат шартномаи тарафайни САТС — созишномаи асосӣ дар бораи тариф ва савдоро бастаанд. Давлатҳои аъзои ин созмон ӯҳдадор гаштаанд, ки дар шароити баробар

**Тариф (боҷи гумрукӣ)** — пардохти андоз ҳангоми гузаштан аз сарҳади мамлакат барои маҳсулоти гузаронидашаванда ё хизматрасонӣ.

**Квота (меъёр)** — ҳадде, ки ба маҳсулот ё хизматрасониҳои аз мамлакат содиршаванда ё даровардашаванда гузошта мешавад.

**Литсензия (рухсатнома) ба савдои хориҷӣ** — иҷозатномаи махсус барои аз мамлакат баровардан ва ё даровардани молу хизматрасонӣ.

**Протексионизм** — чораҳои давлат барои маҳдуд намудани истеҳсолгарони дохилӣ аз рақобатчиёни хориҷӣ.

**Савдои озоди хориҷӣ** — кам кардан ё тамоман аз байн бардоштани маҳдудиятҳои ба он гузошташуда.

савдо карда, квотаҳои воридотиро бекор ва боҷҳоро кам мекунанд. Ҳоло ба ин созишнома зиёда аз 130 давлат имзо гузоштаанд. Аъзоёни ин созмон дар ташкилоти ТУС (ВТО) – Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо муттаҳид шудаанд.



http://eduportal.uz

Рушди савдои байналхалқӣ дар асри XX ба афзоиши босуръати иқтисодиёти чанде аз давлатҳо сабаб шуд. Бинобар ин давлатҳои Аврупо Иттиҳоди Аврупоро созмон доданд. Имрӯз ба Иттифоқи Аврупо Фаронса, Италия, Олмон, Белгия, Нидерландия, Люксембург, Британияи Кабир, Ирландия, Дания, Юнон, Испания, Португалия, Австрия, Шветсия, Финляндия барин мамлакатҳо аъзо буда, монеаҳои савдо байни онҳо мавҷуд нест. Ҳатто аз моҳи январи соли 2002 пули умумии онҳо — евро ба муомила ворид гардид. Ассотсиатсияи мамлакатҳои Ҷанубӣ-Шарқии Осиё (АСЕАН) низ ташкилоти ҳамкории иқтисодиест, ки мамлакатҳои Индонезия, Малайзия, Филиппин, Сингапур, Таиланд ва Брунейро дар бар мегирад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Сабаб чист, ки мамлакатҳо ба маҳдуд кардани савдои беруна маҷбур мешаванд?
2. Савдои берунаро бо кадом усулҳо маҳдуд кардан мумкин аст?
3. Тарафҳои мусбату манфии чорабиниҳои маҳдуд кардани савдои берунаро таҳлил намоед.
4. Аз маҳдуд намудани савдои беруна кӣ зарар ва кӣ нафъ мебинад?
5. Ташкилотҳои савдои байналхалқӣ бо кадом мақсад созмон дода мешаванд?
6. Кадом ташкилотҳои савдои байналхалқиро медонед?

### Супориш

Фарз мекунем, ки моли сифаташ якхеларо дар мамлакати якум ба 1000 доллари ИМА, дар мамлакати дуюм бо 800 доллари ИМА истеҳсол карданд.

1. Аз савдову тиҷорати озоди байни мамлакати якум ва дуюм: а) шаҳрвандони мамлакати 2; б) ҳукумати мамлакати 1; в) ширкатҳои истеҳсолии мамлакати 2; г) кадоме аз ширкатҳои истеҳсолии мамлакати 1 бештар манфиатдор мешавад? Чаро?
2. Ба фикри шумо, ҳукумати мамлакати 1 дар ин гуна шароит чӣ гуна чораву тадбирҳо меандешад?
3. Фарз мекунем, ки ҳукумати мамлакати 1 ба ҳар як моли мамлакати дуюм 300 долларӣ андоз гузошт. Дар бозори мамлакати 1 чӣ гуна тағйиротҳо рӯй доданаш мумкин? Аз ин қарор: а) истеъмолгарони мамлакати 1; б) ҳукумати мамлакати 1; в) истеҳсолгарони мамлакати 1; г) кадоме аз ширкатҳои истеҳсолии мамлакати 2 бисёр зарар мебинад? Ҷавобатонро асоснок кунед.

# МАВЗӮИ 28 ҚУРБИ АСЪОР (ВАЛЮТА)

| ҚУРБИ АСЪОРИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ (18 июни соли 2019) | | |
|---|---|---|
| **Номи асъори хориҷӣ** | **Харидан, бо сӯм** | **Фурӯш, бо сӯм** |
| 1 доллари ИМА | 8500 | 8560 |
| 1 Евро | 9560 | 9740 |
| 1 фунт стерлинги англис | 10740 | 10950 |
| 10 рубли Россия | 105 | 132 |

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

Гӯем, ки соҳибкор ба давлатҳои Аврупо ба сафари хизматӣ баромаданӣ ҳаст. Албатта, барои хароҷотҳои сафар асъори давлати хориҷӣ — евро зарур аст. Барои иваз намудани сӯми Ӯзбекистон ба евро ба яке аз шӯъбаҳои ивазкунии асъори Бонки миллӣ ташриф овард ва ҷадвали болоиро дид.

**1.** Агар се миллион сӯмро ба евро иваз карданӣ бошад, чанд евро, ба доллари ИМА иваз карданӣ бошад, чанд доллар медиҳанд? Ба фунт стерлинги англисӣ иваз карданӣ бошад, чанд фунт стерлинг медиҳанд?

**2.** Агар пас аз сафар 200 евроро ба сӯм иваз намояд, чанд сӯм медиҳанд?

Ҳар як давлат барои хариду фурӯш дар бозори дохилии хеш воҳиди пули худ — асъори миллӣ мебарорад. Дар ҳудуди давлат бо ҳамин асъор хариду фурӯш анҷом мегирад. Барои аз Олмон харидани асбобу таҷҳизот Ӯзбекистон бояд евро дошта бошад. Ба Олмон бошад, барои аз Ӯзбекистон харидани пахта сӯм зарур мешавад. Пас, дар бозори байналхалқӣ хариду фурӯшро бо асъори давлатҳои гуногун бурдан рост меояд. Эҳтиёҷи иваз намудани асъори як мамлакат ба асъори мамлакати дуюм пайдо мешавад.

Нархи воҳиди пули як давлат дар нархи воҳиди пули давлати дигар қурби *мубодилаи асъор* номида мешавад. Дар республикаи мо қурби мубодилаи асъори хориҷӣ ба миқдори сӯми барои як воҳиди онро пардохтан зарурӣ баробар аст. Масалан, дар Бонки халқӣ 5 феврали соли 2019 қурби мубодилаи доллари ИМА 8380 сӯм, қурби евро 8800 сӯмро ташкил мекард. Одатан, барои муқоисаи қурби асъори як давлат бо қурби асъори давлати дигар аз муайян намудани қурби онҳо нисбат ба доллари ИМА низ истифода мебаранд.

**Валюта (асъор)** — номгӯи умумии воҳиди пулии давлатҳо.

**Оё медонед?**

Ишораҳои воҳиди пули давлатҳои гуногуне мавҷуданд, ки дар тамоми ҷаҳон қабул шудааст. Баъзеи онҳоро меорем:

£ — фунт стерлинги англис; $ — доллари ИМА; € — евро.

Р — рубли Россия ¥ — иени ҷопонӣ;

**Қурби табодули валюта (асъор)** — нархи воҳиди пули як мамлакат, ки дар воҳиди пули дигар мамлакат ифода ёфтааст.

**Конвертатсия** — имконияти озодона иваз кардани валюта (асъор)-и як давлат ба асъори давлати дигар.

Ҳангоми ҷараён гирифтани содироту воридот байни давлатҳо эҳтиёҷи як давлат ба асъори давлати дигар пайдо мешавад. Ин бошад чун дар мисоли маҳсулот нисбат ба асъори ҳар давлат талаб ва пешниҳодро пайдо мекунад. Қурби асъори давлат бо таносуби талабу пешниҳод ташаккул меёбад. Мувофиқи ҳаҷми маҳсулоти содиршаванда талаб ба асъори давлат муайян карда мешавад. Агар аз ягон давлат ҳар чӣ қадар зиёд маҳсулот содир шавад, талаб ба асъори ҳамон давлат меафзояд. Пешниҳоди асъори давлат бошад, аз ҳаҷми маҳсулоти давлати дигар, ки аз он давлат харидани аст, бармеояд. Барои давлат ҳар чӣ қадар зиёд маҳсулоти воридотӣ зарур бошад, пешниҳоди асъори давлат ҳам ҳамон қадар зиёд мешавад.

**Оё медонед?**

Бонкҳои тиҷоратӣ бошад, бо назардошти курси муайянкардаи Бонки марказӣ курси хариду фурӯши валютаро аз шахсони ҷисмонӣ ё ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Барои ҳамин ҳам, курсҳои харид ё фурӯши валютаи бонкҳои тиҷоратии гуногун мумкин аст фарқ кунанд. Масалан, Туронбанк рӯзи 18 июни соли 2019 1 доллари ИМА-ро 8530 сӯмӣ харида гирифта, 8570 сӯмӣ фурӯшад, Микрокредитбанк 8480 сӯмӣ харида гирифта, 8530 сӯмӣ фурӯхтааст.

Сабаби тағйирёбии қурби асъор одатан аз тағйири талаб ва пешниҳод вобаста аст. Агар талаби Русия ба маҳсулоти Ӯзбекистон аз талаби Ӯзбекистон ба маҳсулоти Русия кам шавад, қурби рубли Русия нисбат ба сӯми Ӯзбекистон боло меравад. Яъне як рубл аввал 100 сӯм бошад, акнун 102 сӯм мешавад. Дар ҳолати баръакс қимати рубл паст мефурояд. Баъзан,



http://eduportal.uz

бо мақсади ба тартиб овардани савдои беруна, ҳимоя намудани бозори дохилии кишвар қурби асъор расман кам ё зиёд карда мешавад. Бо ин роҳ ба кам ё зиёд кардани асъори миллии дар муомила буда ноил шудан мумкин аст. Масалан, агар ба муомила ба миқдори зиёд асъори миллӣ баровара шавад, ҳаҷми он назар ба асъори хориҷӣ афзуда, қимати асъори миллӣ паст мешавад. Қимати асъори хориҷӣ бошад, меафзояд. Баъзан бо мақсади бардоштани қурби асъори миллӣ давлат миқдори зиёди асъори хориҷиро аз захираи Бонки марказӣ ба бозори дохилӣ ба фурӯш мебарорад. Дар ин маврид, дар бозор миқдори асъори хориҷие, ки ба як воҳиди асъори миллӣ мувофиқ меояд, меафзояд, яъне қимати асъори хориҷӣ паст мефуроояд. Пас, чун бо маҳсулот, агар дар бозор асъори миллӣ зиёд шавад, нарх ё қурби он паст мешавад. Қурби асъори миллии давлат нишондиҳандаи иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Тағйирёбии бомароми он аз рушди солими иқтисодиёташ гувоҳӣ медиҳад.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Бозори асъор аз чӣ сабаб даркор аст?
**2.** Қурби мубодилаи асъор чист ва он таҳти таъсири кадом омилҳо ташаккул меёбад?
**3.** Ба мавридҳои камшавӣ ва зиёдшавии қурби асъори миллӣ дутогӣ мисол оред.
**4.** Қурби мубодилаи асъори миллиро давлат бо кадом роҳҳо идора мекунад?
**5.** Ба қурби мубодилаи асъори миллӣ беқурбшавӣ дар мамлакат чӣ тавр таъсир мекунад?
**6.** Тағйири қурби асъори хориҷӣ ба ҳаҷми воридот ва содирот чӣ тавр таъсир мекунад?
**7.** Фаҳмонда диҳед, ки зери таъсири ин омилҳо чӣ гуна қурби асъори миллӣ тағйир меёбад?
а) дар Ӯзбекистон сайёҳӣ ривоҷ ёфт;
б) музди кори якмоҳа афзуд;
в) меъёри фоизе, ки барои амонатҳои асъори хориҷӣ бонкҳо медиҳанд, афзуд;
г) ҳаҷми вомҳои имтиёзноке, ки ба тадбиркорон дода мешаванд, афзуд;
д) шумораи мутахассисони ӯзбекистоние, ки дар хориҷа кор мекунанд, афзуд.
**8.** Агар қурби доллари ИМА нисбати сӯм афзояд, ба мамлакатамон содирот кардан хуб аст ё воридот? Ҷавобатонро асоснок намоед.
**9.** Тасаввур мекунем, ки дирӯз бонки америкоӣ 14 миллион еврора ба 16 млн. доллар ва имрӯз бошад, 20 млн. долларро ба 18 млн. евро иваз кард. Дар

натиҷа қурби доллар нисбати евро имрӯз назар ба дирӯз баланд шуд ё паст. Чӣ қадар?

10. Криптовалюта чист? Биткоин чӣ?

## Оё медонед?



Солҳои охир истилоҳи биткоин зуд-зуд ба гӯш мерасад. Агар гӯем, ки курси биткоин, яъне, тағйиротҳои солҳои охири курси валютаҳои ҳархела (бахусус, доллари ИМА)-ро тамоми дунё мушоҳида кард, муболиға нахоҳад шуд. Биткоин – ин як намуди валютаи ба худ хосе, ки криптовалюта номида мешавад. Хӯш, худи криптовалюта чист? Ин, содда карда гӯем, пули рақамнок аст. Бинобар моҳияти худ криптовалюта блок (маҷмӯъ)-и маълумотест, ки ба воситаи интернет ба компутерҳои гуногун дар асоси услубу қоидаҳои махсус тақсим шудааст.

Монандии асосии криптовалюта бо валютаҳои дигари дунё дар тамоюлҳои коркунии онҳост. Ба воситаи он харидан, фурӯхтан, нигоҳ доштан ва интиқол додан мумкин. Фақат ва фақат ба воситаи шабакаи интернет.

Мутахассисон криптовалютаро ба наздикӣ – якчанд сол пеш кашф кардаанд ва он дар ҳаёти мо ҳанӯз мавқеи муносиби худро пайдо накардааст.

Айни замон дар дунё садҳо намуди криптовалюта мавҷуд буда, нахустин ва аз ҳама машҳури онҳо биткоин аст. Бо вуҷуди он ки биткоин соли 2009 ихтироъ карда шудааст, дар давоми даҳ соли гузашта қимати худро якчанд маротиба баланду паст карда тавонист. Яъне, хусусияти ҳаракатнокии он хеле баланд аст.

Ба ғайр аз биткоин боз номи криптовалютаҳои зеринро овардан мумкин аст: Эфириум, Рипл, Йота, Лайткоин, Нео, Нем, Даш ва ғайраҳо.

## Дар хотир доред!

- Савдои байналхалқӣ муовизаи воҳиди пулии як давлатро бо воҳиди пулии давлати дигар тақозо менамояд.
- Тағйирёбии қурби асъор ба тиҷорати байналхалқӣ ва иқтисодиёти мамлакатҳо таъсири калон мерасонад.
- Криптовалюта – ин пули ба технологияҳои рақамӣ асоснокшуда буда, он ба воситаи шабакаи интернет ба муомила дароварда мешавад.

# МАВЗӮИ 29 МУАММОҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶАҲОН






## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Шумо боз кадом муаммоҳои умумиҷаҳониро медонед?
2. Сабабҳои пайдошавии ин муаммоҳоро муайян намоед.
3. Агар ҳал кардани ин муаммоҳо ба шумо вобаста мебуд, шумо чӣ гуна роҳҳоро пешниҳод мекардед?

Ҳамин гуна муаммоҳои иқтисодиёт ҳастанд, ки ба тамоми давлатҳо мутааллиқанд. Яке аз муҳимтарин муаммоҳои назди инсоният ҳифзи сулҳ дар рӯи Замин мебошад. Ин муаммо, ки ба назар чун масъалаи сиёсӣ менамояд, ба иқтисодиёт бевосита вобаста аст. Таърихи башарият далели он аст, ки ҳар як низои ҳарбӣ дар як лаҳза неъматҳои иқтисодии халқҳои ҷаҳонро, ки дар давоми солҳо, асрҳо офарида шудааст, ба замин яксон мекунад. Рушди ҷамъият ва иқтисодиётро ба даҳҳо сол қафо мепартояд. Ҳоло дар рӯи Замин рӯзе тақрибан 3 млрд доллар ба мақсадҳои ҳарбӣ сарф мегардад. Дар айни ҳол дар гӯшаҳои гуногуни дунё аз ҳар ҳашт нафар як нафар азоби гуруснагӣ мекашад. Шубҳае нест, ки агар инсоният ба инсоф омада, хароҷоти ҳарбиро ба мақсади осоишта истифода барад, аз ин ҳама манфиатдор мегардад. Афсӯс, ки ҳалли муаммоҳо он қадар осон нест. Роҳи

ягонаи ҳалли масъала ба хароҷотҳои ҳарбӣ маблағи камтар сарф карда, ба рушди иқтисодӣ рӯй ниҳодан мебошад, ки чунин давлатҳои ҷаҳон ба мисли Ҷопон, Шветсия, Норвегия ва дигарон пеш гирифтаанд.

Ба фикри олимон, дар натиҷаи фаъолияти иқтисодии одамон аз ҳад зиёд ифлосшавии муҳити атроф ба оқибатҳои аз низоъҳои ҳарбӣ ҳам мудҳиштар метавонад орад. Олудашавии ҳаво ва ҳавзаҳои об, дар натиҷаи тағйирёбии таркиби хок ғайриистифода гардидани майдонҳои калони замин оқибат ба ҳаёти одамон метавонад хавф оварад. Ҳангоми расонидани зарар ба як фоизи табиат он метавонад худро барқарор намояд. Аммо, ҳоло инсоният ба табиат зиёда аз 10 баробар зарар мерасонад.

Бинобар ҳифзи муҳити атроф ҳуҷҷати ҳуқуқии калонтарини байналхалқӣ – ин Созиши Париж мебошад, ки бар зидди дигаргуншавии иқлим бо ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст. Созиш соли 2015 тартиб дода шуда, ба он 175 мамлакат имзо кардааст. Мақсади асосии Созиш – ин гармшавии ҳарорати миёнаи глобалиро дар ҳудуди 1,5–2°C нисбат ба даври то индустриякунонӣ нигоҳ доштан мебошад. Зеро ба фикри олимон, аз он ҳам баландшавии ҳарорати ҳаво барои экологияи сайёраи мо зарари бебозгашт меорад.

Ба мо маълум аст, ки микдори захираҳои табиӣ дар рӯи Замин маҳдуд буда, онҳо ниҳоят нобаробар тақсим шудаанд. Дар натиҷа боигариҳои зеризаминие, ки дар давоми миллион солҳо ҷамъ шудаанд, ба туфайли фаъолияти иқтисодии дусадсолаи башарият дар асрҳои XX—XXI метавонад ба итмом расад. Пешгӯӣ кардаанд, ки захираҳои нафт, газ ва ангиштсанг, ки манбаъҳои асосии энергия ба ҳисоб меравaнд, ҳанӯз дар асри XXI метавонад ба охир расад. Агар дар асри XXI манбаъҳои дигари энергия пайдо нагарданд, инсониятро инқирози иқтисодии пур аз таҳлука дар пеш аст.

Мисли мамлакатҳоиривоҷёфта дар мамлакати мо ҳам сабаби пеш бурдани корҳои амалии фаъол ва тадқиқотҳои илмӣ бинобар истифода аз манбаъҳои энергияи муқобил низ айнан ҳамин аст. Аз ҷумла, сохта шудани электростансияҳое, ки аз энергияҳои офтоб, шамол истифода мебаранд, гузошта шудани пойдевори сохтмони электростансияи атомӣ аз дар оянда эътибори баланд пайдо кардани энергияи муқобил дарак медиҳад.

Бинобар миқёси дунё 85 фоизи сарватҳои иқтисодӣ, неъматҳои моддие, ки ҳар сол офарида мешаванд, аз ҷониби аҳолии 25 давлати дунё, ки дар онҳо 17 фоизи аҳолии кураи Замин истиқомат мекунад, истеъмол карда мешавад. Фарқи байни дараҷаи рушди иқтисодии давлатҳо рӯз ба рӯз зиёд мешавад. Ин ҳолат дар натиҷаи глобалишавии иқтисодиёти ҷаҳон боз ҳам



http://eduportal.uz

шиддатнок мешавад. Дунё ба ду қутби иборат аз давлатҳои доро ва қашшоқ ҷудо шуда истодааст. Бинобар маълумоти баъзе ташкилотҳои байналхалқӣ ним қисми камбағалтари инсоният дар давоми панҷ сол 1 триллион доллари ИМА қашшоқ шудааст. Дар баробари ин, 1% аҳолии сарватмандтарини ҷаҳон бо 99% инсонҳои боқимонда даромади баробар дорад. Ин дар навбати худ мумкин аст, ки дар оянда низои иҷтимоӣ, тангии иқтисодиву сиёсиро дар миқёси дунё ба вуҷуд орад.

Муаммои норасоии ғизо то имрӯз муаммои муҳимтарини дунё мебошад. Афсӯс, ки гуруснагӣ ин рӯзи гузашта не, балки воқеияти имрӯз аст. Дар рӯзҳои мо низ дар баъзе ҳудудҳои Африка, Осиё ва Америкаи Лотинӣ ҳолати аз гуруснагӣ вафот кардани одамон қайд карда мешавад. Айни замон наздик ба 1 миллиард аҳолӣ имкони ба серӣ ғизо хӯрдан надорад. Бинобар маълумоти ташкилоти ҳифзи тандурустии ҷаҳон сабаби 54% марги бачагон ба серӣ ғизо нахӯрдан аст. Сабаби асосии гуруснагӣ норасоии маблағ аст. Лекин танҳо ин сабаб нест. Ҳамчунин, шароитҳои табиӣ, беобӣ, пахш кардани қум, моҷароҳои ҳарбӣ ҳам гуруснагиро ба миён меоранд.

Муаммои гуруснагӣ, албатта, бо паст будани даромади аҳолӣ, яъне, муаммои қашшоқӣ мустақиман вобаста аст. Айни замон дар дунё беш аз 1,2 миллиард нафар дар як рӯз бо пули аз 1 доллари ИМА кам зиндагӣ мекунад. Бинобар ҳамин нишондод аз рӯйи маълумоти СММ мамлакатҳое,

**Оё медонед?**

Рӯҳонии инглис Роберт Малтус бо пешгӯиҳои мудҳиши худ дар бораи тараққиёти иқтисодии ҷаҳон маълум аст. Аҳолии Замин бо тарзи прогрессияи геометрӣ, истеҳсоли хӯрокворӣ — бо тарзи прогрессияи арифметикӣ меафзояд. Азбаски прогрессияи геометрӣ назар ба арифметикӣ басо зуд меафзояд, инсоният ҳар чӣ қадар кӯшад ҳам дучори гуруснагӣ мегардад. Ба фикри Малтус омилҳои боиси афзудани марг дар ҷаҳон мегарданд, ҷангҳо ва маризиҳои гузаранда омили эҷобии таъминкунандаиояндаи инсоният мебошад.

ки дар онҳо қашшоқӣ аз ҳама баланд аст, ин Мадагаскар, Сиерра-Леоне, Мозамбик, Нигерия, Республикаи Африкаи Марказӣ ва Замбия барин мамлакатҳои қитъаи Африка мебошанд. Лекин бинобар баҳисобгирии дараҷаи қашшоқии мамлакатҳо меъёрҳои миллӣ низ мавҷуд аст, ки аз рӯйи ин меъёрҳо, ҳатто дар мамлакатҳои ривоҷёфта ҳам муаммои қашшоқӣ ба назар мерасад. Масалан, то солҳои наздик беш аз 46 миллион аҳолии ИМА камбағал ба ҳисоб мерафт. Ин бошад, беш аз 15% қисми аҳолиро ташкил ме-



http://eduportal.uz

кунад. Лекин Бюрои баҳисобгирии аҳолии ИМА даромади оилаи аъзояш аз чор нафар зиёд аз 22 314 доллари ИМА кам бошад, ин гуна оиларо камбағал ҳисоб мекунад.

Ин хеле нисбӣ будани нишондодҳои муайянкунандаи дараҷаи қашшоқиро намоиш медиҳад. Яъне, дар баъзе мамлакатҳои ривоҷёфта қишри аҳолии камбағал ҳисобшаванда нисбат ба қишрҳои аҳолии давлатҳои ривоҷёбанда, ки сарватманд ба ҳисоб мегиранд, бештар аз ҳисоби даромад рӯз мегузаронанд. Ин боз бо як муаммои глобалии ҷаҳон – тақсимшавии нобаробари даромад ҳамоҳанг аст.

Муаммоҳои иқтисодии умумиҷаҳониеро, ки дар боло зикр шудаанд, танҳо бо роҳи ташкили низоми муносибатҳои одилонаи иқтисодии ҷаҳонӣ, қатъ кардани мусаллаҳшавии бошитоб ва ҳамҷиҳатии ҳамаи давлатҳо дар боби ҳаллу фасли муаммоҳои ҷаҳонӣ ва экологӣ ҳал кардан мумкин аст.

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба инқирозҳои мухталиф дучор меояд. Ҳолати мазкур аз пешгирӣ намудани иллати якхелаи иқтисоди бозаргонӣ ночор буданаш бармеояд. Дар оқибати нуқсони мазкури иқтисоди бозаргонӣ дар мамлакатҳои мухталиф дар вақт-вақташ инқирозҳо сар мезананд. Онҳо амиқ гардида, ба дигар давлатҳо ҳам гузашта, ба миқёси дунёвӣ кӯчад, инқирози ҷаҳонӣ рӯй медиҳад. Дар инқирози ҷаҳонии соли 2008 инқирози молиявиву иқтисодии сарзадаро мисол карда нишон додан мумкин аст. Дар ин хусус дар мавзӯи минбаъда муфассал истода мегузарем.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Дар бораи аҳамияти ҳифзи осоиштагӣ дар рӯйи Замин гуфта диҳед.
2. Сабаби зиддияти байни иқтисодиёт ва экология дар чист?
3. Муаммои норасоии хӯрокворӣ дар кадом асно бояд ҳал карда шавад?
4. Муаммои норасоии энергияро чӣ гуна ҳал кардан лозим аст?
5. Нобаробарии рушди иқтисодиёт дар мамлакатҳои гуногун ба чӣ гуна оқибатҳо оварда расонданаш мумкин аст?
6. Сабаби ба инқирозҳои гуногун моил будани иқтисодиёти ҷаҳон дар чист?

**Дар хотир доред!**

• Торафт рӯ ба инкишоф ниҳодани иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар назди инсоният бисёр муаммоҳои умдаро пеш мегузорад.

• Агар ин муаммоҳоро ҷомеаи ҷаҳонӣ якҷоя шуда ҳаллу фасл нанамояд, дар оянда инсоният ба вазъи душвори иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардиданаш мумкин аст.

http://eduportal.uz

## МАВЗӮИ 30 ИНҚИРОЗИ МОЛИЯВИВУ ИҚТИСОДИИ ҶАҲОН

Афзоиши савдои ҷаҳон дар солҳои 2004–2007 бо суръати миёна ба 8,74% баробар шуда буд. Ин суръат дар соли 2008 ба 2,95% коҳиш ёфт. Соли 2009 бошад, савдои ҷаҳон якбора ба 11,89% фуромад. Соли 2009 маҳсулоти умумии дохилии ҷаҳон ҳам баъд аз солҳои минбаъдаи Ҷанги дувуми ҷаҳон бори аввал ба 2,3% фуромад. Феврали соли 2009 дараҷаи инфлятсия ба нишондоди рекордӣ расид. Дар оқибати он ба валютаҳо боварӣ намонд, нархи молҳое мисли нефт, тилло якбора баланд шуд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ФАЪОЛКУНАНДА

1. Ба фикри шумо, байни якбора камшавии савдои ҷаҳонӣ ва пастшавии МУД-и ҷаҳон чӣ гуна вобастагӣ мавҷуд аст?
2. Ҳамон соли 2009 МУД-и ҷаҳон кам шудааст, дар Ӯзбекистон бошад, ба 8% афзоиш ёфтани МУД эълон карда шуд. Ба фикри шумо сабаби байни иқтисодиёти ҷаҳон ва иқтисодиёти Ӯзбекистон ба ин дараҷа фарқи калон будан чист?
3. Пастшавии савдои ҷаҳонӣ ба бозори дохилии ҳар як мамлакати алоҳида гирифташуда чӣ гуна таъсир расонда метавонад? Ин ҳолат барои иқтисодиёти мамлакат чӣ гуна муаммоҳоро ба вуҷуд оварданаш мумкин аст? Ҳангоми ба саволҳо посух гуфтан ба бозори глобалӣ – бозори ҷаҳонӣ вобаста будани бозори дохилии аксари мамлакатҳоро ба эътибор гиред.
4. Якбора коҳиш ёфтани МУД-и ҷаҳон аз чӣ дарак медиҳад? Ин пастшавӣ дар ҳаҷми МУД-и мамлакатҳои алоҳида гирифташуда чӣ гуна акс меёбад?
5. Байни афзоиши нархи молҳое мисли нефт, тилло ва вазъияти инқирозии бозори ҷаҳонӣ чӣ гуна вобастагӣ буда метавонад?

Инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон соли 2008 дар натиҷаи рух додани тангҳолӣ дар низоми вомдиҳии ипотекаи ИМА ба амал омад.

Дар бонкҳои Америка дар бадали чандин солҳо додани вомҳои бо пул таъминнагардида ва баробари ин пулҳои ба сифати вом додашуда ба бонк баргашта наомаданд. Оқибат, қобилияти пардохтии ин бонкҳо паст гардида, ба дараҷаи муфлисӣ расид. Аз он сабаб корхонаҳои истеҳсолӣ аз бонк вом гирифта натавонистанд, ба паст кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти худ маҷбур гаштанд. Он дар навбати худ ба афзудани сафи бекорон мусоидат намуд. Ва ин тангдастӣ аз миқёси мамлакат баромад



http://eduportal.uz

ва ба иқтисодиёти як қатор мамлакатҳои дунё таъсири худро гузошт, ки бо иқтисодиёти ИМА узван пайваст буданд. Охири оқибат, инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон сар зад.

Инқирози молиявию иқтисодии ҷаҳонро, ки соли 2008 шурӯъ шуд, бинобар вусъат фақат бо Депрессияи калоне, ки солҳои 1930 рӯй дод, муқоиса кардан мумкин. Инқирози молиявию иқтисодии ҷаҳонии индафъаина то соли 2013 идома ёфт ва инқирози давомноктарин дар таърих буд. Инқирози мазкур барои иқтисодиёти ҳар як мамлакати алоҳида гирифташуда ва иқтисодиёти тамоми ҷаҳон оқибати хеле аламовар дошт.

**Назаре ба таърих**

Дар давоми таърихи беш аз дусадсолаи иқтисоди бозаргонӣ дар асри XIX бисёр давлатҳои мутараққӣ ба инқирози иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Дар ин вазъият на танҳо якчанд мол дар бозор, балки дар миқёси тамоми мамлакат суст шудани фаъолияти иқтисодӣ ба назар расидааст. Масалан, солҳои 30-уми садаи XX дар даври инқирози иқтисодии «Депрессияи бузург»-и дар Америка рух дода, ҳаҷми МУМ ба 31% паст гардида, нархи молҳо 40% афзуда, дараҷаи бекорӣ 8 маротиба баланд шуда, 25 фоизи аҳолии қобили меҳнатро фаро гирифтааст. Аз ин инқироз ИМА солҳои 40-уми асри XX дар даври Ҷанги дуюми ҷаҳон тавассути ба иттифоқчиён расонда додани силоҳу аслиҳа халос шудааст.

Дар натиҷаи инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон солҳои 2008—2009 дар ИМА, Канада, Иттифоқи Аврупо, Ҷопон, Украина ва дигар як қатор мамлакатҳо ҳолати ташвишовар ба амал омад. Бисёр ширкатҳо, корхона ва фирмаҳои мамлакатҳои мазкур муфлис гардиданд. Мувофиқи натиҷаи соли 2008 ҳаҷми МУД ИМА ба 3,8 фоиз фуромад. Шумораи бекорон аз 2,2 миллион нафар гузашт. Дар Ҷопон ҳаҷми МУД 3,1 фоиз паст гардида, теъдоди бекорон ба 4,4 фоиз расид. Дар давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо истеҳсолоти саноатӣ ба 12 фоиз паст фуромад.

Ба дараҷаи кофӣ интегратсия нашудани иқтисодиёти Ӯзбекистон ҳам ба иқтисодиёти глобалии ҷаҳонӣ дар ин ҳол аҳамияти калон касб кард. Яъне, иқтисодиёти давлат дар он давр як андоза ба гурӯҳи иқтисодиётҳои "пӯшида" ворид мешуд. Дар мамлакати мо ҳаҷми сармоягузорони хориҷӣ хеле хурд буд, Ӯзбекистон дар бозори молиявии ҷаҳонӣ қариб, ки фаъолият надошт, конвертатсияи озоди валюта ба роҳ монда нашуда буд,

валютаи миллии мо дар бозори валютаи ҷаҳонӣ дар қатори иштирокдорони фаъол набуд. Ҳамаи инҳо барои аз инқирози молиявию иқтисодии бозори глобалӣ як андоза барканор мондани иқтисодияти мамлакати мо сабаб шуданд.

Дар натиҷаи он ки дар мамлакати мо солҳои охир ислоҳоти иқтисодии васеъмиқёс амалӣ мешаванд, иқтисодиёти мо ба иқтисодиёти ҷаҳон ба тарзи фаъол интегратсия кард. Ба кишвари мо ширкатҳои калони мамлакатҳои гуногун бо капитали худ даромада омаданд. Дар натиҷаи ҷалбкунии маблағгузориҳои хориҷӣ иқтисодиёти мамлакати мо яккашавӣ, алоҳидашавиро тарк мекунад. Маҳсулоте, ки дар кишвари мо истеҳсол мешаванд, торафт дар бозори ҷаҳонӣ харидоргир шуда, бренди Ӯзбекистон ба мамлакатҳои дунё муаррифӣ мешавад. Дар бозори байналхалқии молия ҳам солҳои охир Ӯзбекистон созишномаҳои эҳсосшавандаро амалӣ месозад. Инфрасохтори бозори миллӣ, ки бо технологияҳои замонавӣ ҷиҳозонида шуда, технологияҳои ахбору коммуникатсияро дар фаъолияти худ васеъ татбиқ мекунад, бо инфрасохторҳои бозори байналхалқӣ торафт ҳамоҳанг мешавад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо, албатта, барои бо шиддат ривоҷёбии иқтисодиёти Ӯзбекистон ба сифати асос хизмат мекунад. Лекин дар баробари ин, дар натиҷаи вобастагии муттасили иқтисодиёти миллии мо бо иқтисодиёти глобалӣ дар оянда дар иқтисодиёти ҷаҳон ҳар гуна инқироз ба амал ояд, ин хавфи таъсири манфии онро ба иқтисодиёти мамлакати мо низ зиёд мекунад. Барои ҳамин ҳам шароити нав дар назди иқтисодиёти республикаи мо талаби дар вақти инқирозҳои эҳтимолӣ барои муҳофизаткунӣ тайёр буданро мегузорад.

Мазмун ва моҳияти як қатор корҳои низомноке, ки дар кишвари мо дар соҳаи иқтисодӣ бурда мешаванд, низ дар ҳамин аст. Яъне, баланд бардоштани рақобатнокии мамлакати мо дар бозори ҷаҳонӣ, тобоварии он ба такон ва инқирозҳои гуногун яке аз мақсадҳои ислоҳоти иқтисодии боҷуръатона дар солҳои охир мебошад.

Дар натиҷаи ислоҳоте, ки солҳои охир амалӣ мешаванд, иқтисодиёти миллии мо, ки дорои хусусиятҳои зерин мебошад, барпо карда мешавад:

– банизомоварандаи инноватсияҳо ва татбиқкунандаи онҳо;

– дар тақсимоти меҳнати байналхалқӣ мақоми худро дорад.

Дар ин ҳолат ба устунҳои зерини иқтисодиёт такя карда мешавад:

– ҳимоя гардидани мулки хусусӣ;

– мавҷудияти асосҳо барои роҳандозии соҳибкорӣ бо самаранокии баланд;

– мавҷудияти муҳити рақобати баланддараҷа;

– истифода аз ихтисосонидан ва самараи андоза;

– кифоя будани захираҳои молиявӣ.

Ба маънои том барои барпо кардани иқтисодиёти ривоҷёфта дар мамлакати мо ислоҳоти зерини низомнок амалӣ мешаванд:

– муносибатҳои муаммои пул ва валютаро ислоҳ кардан;

– ислоҳоти андоз;

– ислоҳоти бонк;

– ислоҳ кардани савдои беруна;

– ислоҳоти маъмурӣ.

## ДОНИШИ ХУДРО САНҶЕД!

1. Сабабҳои пайдоиши инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон дар чист?
2. Барои чӣ инқирози мазкур дар саросари дунё ба муаммои умумибашарӣ табдил ёфт?
3. Ҷиҳатҳои манфии инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳонро номбар кунед.
4. Таъсири инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон ба кишварамон чӣ гуна аст?
5. Дар мамлакатамон барои пешгирӣ кардан ва бартараф сохтани инқироз чӣ гуна чораву тадбирҳо андешида мешаванд?
6. Масъалаи ҳимоя аз инқирозҳои молиявию иҷтимоии глобалие, ки мумкин аст барои ислоҳоти иқтисодии дар мамлакати мо амалишаванда рӯй диҳанд, чӣ гуна ҳал карда мешавад?

**Дар хотир доред!**

• Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ дар иқтисодиёти мамлакатҳо ҳар сари чанд вақт ҳолати тангӣ ба вуҷуд меояд.

• Васеъшавӣ ва дар мамлакатҳои дигар паҳншавии ин гуна доираи тангӣ мумкин аст ба инқирози молиявию иқтисодии ҷаҳон оварда расонад.

• Аз инқирозҳои молиявию иқтисодӣ ҳимоя кардани иқтисодиёти Ӯзбекистон яке аз масъалаҳои муҳимтарине мебошад, ки дар байни ислоҳоти иқтисодие, ки солҳои охир амалӣ мешаванд, бояд ба эътибор гирифта шавад.

http://eduportal.uz

# САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ ТАКРОРИ БОБИ VI

## А. САВОЛҲО

1. Дар хусуси савдои хориҷии республикаамон чиҳо медонед?
2. Нисбати тиҷорати байналхалқӣ чӣ гуна нуқтаи назар ҳаст?
3. Усулҳои маҳдудсозии савдои беруна ва оқибатҳои онро маънидод созед.
4. Вазифаҳои ташкилотҳои байналхалқии савдо аз чиҳо иборат аст?
5. Моҳияти бозори асъорро фаҳмонда диҳед.
6. Чиҳо сабабгори тағйир ёфтани қурби асъор мегарданд?
7. Муаммоҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба кадом оқибатҳои манфӣ меоваранд?
8. Пеши роҳи муаммоҳои иқтисодиёти ҷаҳониро гирифтан мумкин аст?
9. Сабабҳои инқирози молиявиву иқтисодии ҷаҳон чист?

## Б. СУПОРИШҲО

Тавзеҳи ба ҳар истилоҳ мувофиқро ёбед.

**ИСТИЛОҲОТ:**

1. Ҳаҷми савдои беруна.
2. Тариф (боҷи гумрук).
3. Содирот.
4. Воридот.
5. Квота.
6. Қурби асъор..

**ТАВЗЕҲОТ:**

а) молҳо ва адои хизмат, ки аз мамлакатҳои хориҷӣ харид шудаанд;
б) пардохти андоз ҳангоми гузаштан аз сарҳади мамлакат барои маҳсулоти гузаронидашаванда ва хизматрасонӣ;
в) ҳадде, ки ба маҳсулот ва ё хизматрасониҳои аз мамлакат баровардашаванда ва даровардашаванда гузошта мешавад;
г) нархи умумии маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки воридот ва содироти давлатро ташкил медиҳанд;
д) имконияти озодона иваз кардани асъори як давлат ба асъори давлати дигар;
ё) молҳо ва адои хизмат, ки дар мамлакат истеҳсол гардидааст ва ба мамлакати хориҷ фурӯхта шудааст.

## В. Бинобар расми титули боби VI-уми саҳифаи 133.

Кадоме аз расмҳо ба кадом мавзӯи боб мансубанд, гӯед. Дар асоси ин расмҳо мазмуни мавзӯъҳоро гуфта диҳед.

http://eduportal.uz

## Г. ТЕСТҲО

1. **Боҷи воридот зиёд шавад**
   А) даромади буҷаи давлат кам мегардад;
   Б) сифати маҳсулоти маҳаллиро меафзояд;
   В) ба афзоиши воридот меоварад;
   Г) ба камшавии воридот меоварад.
2. **Квотаи воридот ...**
   А) содироти маҳсулотро меафзояд;
   Б) воридоти маҳсулотро меафзояд;
   В) дараҷаи баландтарини ҳаҷми воридот;
   Г) дараҷаи пасттарини ҳаҷми воридот.
3. **Ҳаҷми воридоти кишвар 350 млн доллар, ҳаҷми содирот бошад, 400 млн долларро ташкил намуд. Дар ин маврид ...**
   А) мувозанати савдои хориҷӣ манфӣ мешавад;
   Б) мувозанати савдои хориҷӣ мусбат мешавад;
   В) норасоии асъори хориҷӣ ҳис мешавад;
   Г) қарзи хориҷии давлат меафзояд.
4. **Аз монеаҳои ба савдои беруна гузошташуда кӣ зиёдтар зарар мебинад?**
   А) давлат;
   Б) истеҳсолкунандагони маҳаллӣ;
   В) истеъмолкунандагони хориҷӣ;
   Г) истеҳсолгарони хориҷӣ.
5. **Кадом чораҳои давлат барои маҳдуд намудани савдои беруна нигаронда шудааст?**
   А) муайян намудани боҷ ба воридот;
   Б) муайян намудани квотаи воридот;
   В) ҷорӣ намудани рухсатномаҳои савдои беруна;
   Г) Дар дохили мамлакат рағбатноксозии истеҳсолот.
6. **Дар кадом маврид қурби асъори миллӣ меафзояд?**
   А) агар музди моҳона зиёд шавад;
   Б) агар шумораи сайёҳатчиён ба хориҷа афзояд;
   В) агар шумораи ҳамватаноне, ки дар хориҷа кор мекунанд, афзояд;
   Г) агар додани вомҳои имтиёзнок ба тадбиргарон афзояд.
7. **Ҳаҷми савдои берунаро чӣ муайян месозад?**
   А) воридот;
   Б) содирот;
   В) ҷамъи воридот ва содирот;
   Г) фарқи содирот ва воридот.
8. **Кадоме аз инҳо ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ба ҳисоб меравад?**
   А) Иттиҳоди Аврупо;
   Б) WTO;
   В) АСЕАН;
   Г) ҳамааш дуруст.

http://eduportal.uz

# САВОЛҲОИ ТЕСТ БАРОИ ТАКРОРКУНӢ АЗ РӮИ МАВОДҲОЕ, КИ ДАР СИНФИ 9 ОМӮХТА ШУДААНД

**1. Тадбиркорӣ фаъолиятест...**

А) хоси иқтисодиёти бозаргонӣ;
Б) дар шароити иқтисодиёти омехта мавҷуд буда наметавонад;
В) барои тадбиркор зарур, барои давлат он қадар муҳим нест;
Г) танҳо ба истеҳсолот хос.

**2. Тадбиркорӣ ... оғоз меёбад:**

А) аз ҳисобу китоб;
Б) аз нақшаи бизнесӣ;
В) аз ғояи бизнес ва нақшаҳои бизнесӣ;
Г) аз гирифтани номи бонкӣ.

**3. Кадоме аз поёниҳо ба фаъолияти тадбиркорӣ шомиланд?**

А) давлат, адои хизмати муассисаҳои молиявӣ, тиҷорат, суғурта;
Б) истеҳсолот, тиҷорат, тадбиркории молиявӣ, суғурта;
В) тиҷорат, истеҳсолот, адои хизмати ҳарбӣ, суғурта;
Г) суғурта, донишомӯзӣ, истеҳсолот, тиҷорат.

**4. Нархи истеҳсолии маҳсулот 500 сӯм буда, то ба истеъмолгар расидан аз 2 фирмаи савдои яклухтфурӯшӣ ва 1 фирмаи савдои чакана (хурдфурӯшӣ) гузашт. Агар ҳар фурӯшанда ба нархи хариди маҳсулот 20% нархи иловагӣ гузошта бошад, нархи ниҳоии чаканаи маҳсулот чанд сӯм мешавад?**

А) 864 сӯм; Б) 800 сӯм; В) 1036 сӯм; Г) 720 сӯм.

**5. Арзиши мол чист?**

А) нархи фурӯши дӯкони савдои чакана;
Б) нархи корхонаи истеҳсолӣ;
В) нархи фурӯши фирмаи савдои яклухтфурӯшӣ;
Г) нархи бозории мол.

**6. Дар фирма чӣ ба идоракунӣ ниёз дорад?**

А) таркиби ҷамоаи меҳнатӣ; В) захираи ашёи хом;
Б) маблағҳои молиявӣ; Г) ҳамаи гуфтаҳои боло.

**7. Дар кадом ҷавоб танҳо воситаҳои истеҳсолот қайд шудаанд?**

А) ангиштсанг, дастгоҳ, бино, телевизор;
Б) мошини боркашон, ашёи хом, иншоот;
В) мебел, ангиштсанг, нерӯи барқ;
Г) бензин, оби дарё, ҳавлӣ.

**8. Дар кадом ҷавоб формулаи ҳисобкунии фоида дуруст аст?**

А) $P_r = TR — TC$;     В) $P_r = TR : TC$;
Б) $P_r = TR + TC$;     Г) $P_r = TR \times TC$.

**9. Аз ҷониби корхонаи истеҳсолгар нархи фурӯхтани маҳсулоти тайёргардида чӣ номида мешавад?**

А) нархи яклухт;     В) нархи истеҳсолӣ;
Б) нархи чакана;     Г) нархи қатъӣ.

**10. Молҳо ва адои хизмате, ки бозор тақдим карда наметавонад, аз тарафи давлат расонда дода мешавад ва аз тарафи аҳолии мамлакат якҷоя, дар асоси ҷамоатӣ истеъмол карда мешавад, чӣ номида мешаванд?**

А) сарватҳои моддӣ;     В) неъматҳои иҷтимоӣ;
Б) молҳои истеъмолӣ;     Г) неъматҳои муфт.

**11. Ба вазифаҳои иқтисодии давлат чиҳо дохил мешаванд?**

А) нигаҳдории асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷамъият;
Б) ҷонибдории рақобат ва барқарории иқтисодиёт;
В) тақсимкунии даромад ва сарват, ба тартиб андохтани таъсирҳои иловаи берунӣ;
Г) тамоми ҷавобҳои болоӣ дуруст аст.

**12. Буҷаи давлатӣ ...**

А) камчин шуданаш мумкин аст;
Б) танҳо дар давлатҳои мутараққӣ камчин намешавад;
В) танҳо дар мамлакатҳои қашшоқ камомад мешавад;
Г) камчинӣ аз ҳисоби даромади буҷа сарпур мегардад.

**13. Кадоме аз поёниҳо ба пешгирӣ кардани оқибатҳои ноқобилии бозор аз тарафи давлат намедароянд?**

А) мубориза ба муқобили монополиякунонии бозор;
Б) офаридани молҳо ва адои хизмати иҷтимоӣ;
В) андозситонӣ аз даромад ва мулк;
Г) таъсирҳои берунаи иловаро ба тартиб андохтан ва назорат намудан.

**14. Вазифаи даромад ва боигариҳоро тақсим кардани давлат тавассути кадом тадбирҳо ба амал меоянд?**

А) аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳимоя кардани оилаҳои камбизоат;
Б) аз даромади калони шаҳрвандон ситондани андози мувофиқ;
В) додани идрорпулӣ ба донишҷӯён;
Г) тамоми болоиҳо.

**15. Агар 1000000 сӯм бо 24 фоизи меъёри фоизи солона ба бонк гузошта шуда бошад, дар бадали ним сол чӣ қадар мешавад?**

А) 120000 сӯм;     В) 12400000 сӯм;
Б) 1120000 сӯм;     Г) 880000 сӯм.

**16. Ҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ ... ҳисобида мешаванд.**
А) пардохте, ки шахсони ҳуқуқӣ ба шахсони ҷисмонӣ мепардозанд;
Б) объекти андози даромад;
В) даромади ба имтиёзи андоз молик;
Г) музди меҳнат.

**17. Андози молу мулк ...**
А) аз шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ рӯёнда мешавад;
Б) танҳо аз шахсони ҷисмонӣ рӯёнда мешавад;
В) танҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ситонда мешавад;
Г) Ҷавоби дуруст нест.

**18. Ҳуқуқи амволдорӣ, ҳуқуқи соҳибӣ кардан, ҳуқуқи истифодабарӣ ё ки дар асоси ҳуқуқи иҷора соҳибӣ кардани қитъаҳои заминӣ.**
А) шахсони ҷисмонӣ;
Б) шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ;
В) шахсони ҳуқуқӣ;
Г) ташкилоту муассисаҳои давлатӣ.

**19. Андози аксизӣ ва андози қимати иловагӣ ... аз киҳо рӯёнда мешавад?**
А) шахсони ҷисмонӣ;
Б) бевосита ба навъи андозҳо мансубанд;
В) балвосита ба навъи андозҳо мансубанд.
Г) ба ҷумлаи андозҳои маҳаллӣ медароянд.

**20. Қимати молҳо ва адои хизмате, ки дар тӯли сол дар ҳудуди мамлакат истеҳсол гардида, дар намуди тайёранд ... номида мешавад.**
А) маҳсулоти умумии миллӣ;
Б) маҳсулоти софи дохилӣ;
В) даромади миллӣ;
Г) маҳсулоти умумии дохилӣ.

**21. Қимати воқеии нишондиҳандаи иқтисодӣ ...**
А) қимати дар нархҳои ҷорӣ ҳисоб шудаи он;
Б) қимати нисбат ба нархи ягон сол асос карда ҳисоб шудаи он;
В) қимати нархҳои бозории он;
Г) қимати бо нархҳои қатъӣ ҳисоб кардашуда.

**22. Афзудани нуқтаи нархҳои миёна дар давлат ... номида мешавад.**
А) дефлатсия;
Б) камчинии пул;
В) гиперинфилятсия;
Г) инфлятсия.

**С32** Сариқов Эргашбой Сотволдиевич.

**Асосҳои дониши иқтисодӣ:** Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 9-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Э.С.Сариқов, Б.Қ.Ҳайдаров. Мутарҷим: Х. Ҳамидов. – Т.: 2019. — 160 саҳ.

УЎК 37.015.6(075)
ББК 65.01я7
С-32

Ergashvoy Sotvoldiyevich Sariqov,
Bahodir Qayumovich Xaydarov

**IQTISODIY BILIM ASOSLARI**

**9-sinf uchun darslik**

*(tojik tilida)*

"Huquq va Jamiyat" nashriyoti, 2019,
Toshkent sh, Jumamasjid ko'chasi 6-uy.

Макети аслӣ дар нашриёти «Ҳуқуқ ва Ҷамъият» тайёр карда шудааст.

| | |
|---|---|
| Тарҷимон | Х. Ҳамидов |
| Муҳаррир | Ш. Турдиқулов |
| Муҳаррири техникӣ | М. Садиров |
| Ороишгар | Х. Сариков |
| Саҳифабанд | Ҳ. Шарипова |

Литзенсия AI №022, 27.10.2018 yil.

Ба чопаш 00.00.2019 иҷозат дода шуд. Андозаи 70×90$^1/_{16}$. Гарнитураи «TimesTj». Кегли 11. Чопи офсетӣ. Коғази офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 11,7. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10,94. Теъдоди нашр 6740 нусха. Супориши №14-322.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и Агентии матбуот ва иттилооти Ўзбекистон чоп гардидааст.
Тошканд-129, кӯчаи Навоӣ, 30.

http://eduportal.uz

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

## Китоб ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш ҳангоми баргардонида гирифтан ҷадвали болоӣ аз тарафи раҳбари синф аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноат-бахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир гардидааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гашта, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноат-бахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда партофта шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |

http://eduportal.uz